# ҲУМОЮН БОД, ИСТИҚЛОЛИ ТОҶИК!

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 8-10 (132-134) 8-УМИ СЕНТЯБРИ СОЛИ 2020, СЕШАНБЕ



Ҳар сол дар саросари Тоҷикистон Рӯзи дониш ҳамчун санаи гиромидошти илму маърифат ҷашн гирифта мешавад, ки ин гувоҳи равшани таваҷҷуҳи доимӣ ва эҳтироми хоссаи Ҳукумати мамлакат ба аҳли илму маориф мебошад. Насли наврас ва ҷавонони имрӯза бояд аз сабақи гузашта омӯзанд ва барои таҳкими сулҳу субот дар кишвар талош намуда, дар ҳифзу устувории давлатдории миллӣ саҳми бевоситаи хешро гузоранд.

Сулҳ неъмати бебаҳо буда, хусусан, барои сокинони Тоҷикистон арзиши бузург дорад. Зеро мардуми мо сулҳу оромӣ ва суботи сиёсиро бо баҳои ниҳоят гарон ва бо таҳаммул кардани машаққату маҳрумиятҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба даст овardанд.

Истиқлолият барои мардуми куҳанбунёди тоҷик арзиши муқаддасу сарнавиштсоз буда, тахти парчами он хурду бузурги кишвар барои тақвияти пояҳои давлатдории навини худ бо азму талоши ватандӯстона заҳмат мекашанд.

Таърихи башар собит намудааст, ки ҳифзи истиқлолияту озодӣ кори бисёр сангину душвор мебошад. Аз ин лиҳоз, ҳар фарди бонангу номуси кишвар бояд ба қадри ин неъмати бебаҳо расад ва барои ҳимояи ин дастоварди бузурги таърихӣ ҳамеша омода бошад.

Муҳимтарин вазифаи шаҳрвандӣ ва қарзи фарзандии ҳар як сокини мамлакат, бахусус, наврасону ҷавонон аз он иборат аст, ки Тоҷикистони азизамонро сидқан дӯст доранд ва онро чун гавҳараки чашм ҳифз намоянд.

Эмомалӣ РАҲМОН

## ДАР ИН ШУМОРА:

ҶОИЗА МУБОРАК БОД! с. 2

ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ с. 3

ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА ТАШАККУЛИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ с 5

КОДЕКСИ СОҲИБКОРӢ – ВОСИТАИ ТАНЗИМИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ с. 6

ҲУҚУҚҲОИ ШАХСОНИ ДОРОИ ИМКОНИЯТИ МАҲДУД ДАР ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТӢ с. 9

БЕХАТАРИИ САЙЁҲӢ с. 10

ИНТИХОБОТ ВА РУШДИ ДЕМОКРАТИЯ с. 12-13

"УФУҚҲОИ ИСТИҚЛОЛ"-И ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА НАҚШИ ОН ДАР ШИНОХТ ВА ТАҲКИМИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ с. 14

# ДАРСИ СУЛҲ

17-уми августи соли 2020 Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Шоҳмансури пойтахт Муассисаи тахсилоти миёнаи умумии рақами 102-ро мавриди бахрабардорӣ карор дода, ба соли нави тахсил ҳусни оғоз бахшиданд. Зимни суханронӣ дар муассисаи таълимӣ Пешвои миллат зикр намуданд, ки «бинобар хуручи бемории мазкур (COVID-19) бо максади ҳимояи саломатии хонандагону донишҷӯён, омӯзгорон ва кормандони соҳаи илму маориф бо карори Ситоди ҷумҳуриявӣ соли таҳсил барвакт қатъ гардид ва мухлати таътил низ дароз карда шуд. Дар натиҷаи саъю талоши Ҳукумати мамлакат ва заҳмати фидокоронаи кормандони соҳаи тандурустӣ шиддати бемор хеле паст шуд ва имрӯз дари ҳамаи муассисаҳои таълимӣ барои таълимгирандагон боз гардид».





Пешвои миллат ҳамчунин иброз доштанд, ки «соли нави тахсил тибқи анъана бо дарси сулҳ оғоз мегардад. Воқеан, сулҳ неъмати бебаҳо буда, хусусан барои сокинони Тоҷикистон арзиши бузург дорад. Зеро мардуми мо сулху оромӣ ва субботи сиёсиро бо бахои ниҳоят гарон ва таҳаммул кардани машаққату маҳрумиятхои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба даст овbooд». Инчунин, иброз намуданд, ки «дарси сулҳ ба маънои дигар дарси ватандӯстӣ ва шинохти сабақҳои таърих ба хотири фардои ободи Тоҷикистони азиз мебошад. Мардуми тоҷик аз давраҳои бостон то ба имрӯз баробари таҳкими дӯстиву рафоқат ва сулху субот ба кадри илму дониш ва мактабу маориф низ мерасанд ва ба ин манбаи ташаккулдиҳандаи арзишҳои маънавии ҳаёти инсон арҷ мегузоранд».

Аз ин рӯ, моро мебояд суханҳои пурҳикмати Пешвои муаззами миллатро сармашқи кори худ карор дода, барои таҳкими сулху субот дар кишвар ва ҳифзу устувории давлатдории миллӣ сахми бевоситаи худро гузорем.

# ҶОИЗА МУБОРАК БОД!



Факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон чун боргоҳи муқаддаси илму маърифат бахри омода намудани мутахассисони баландихтисос ва тайёр намудани олимони соҳибтаҷриба тамоми кӯшишу заҳмати худро сафарбар намуда, пайваста талош менамояд то бахри бехбудии фазои ҳуқуқии кишвар ва ташаккул додани илми ҳуқуқшиносии ватанӣ сахми бориз худро гузорад.

Натиҷаи заҳмату талошҳои шабонарӯзии устодону кормандони факултет самараи худро ба бор оварда, пайваста аз ҷониби давлату Ҳукумати кишвар меҳнати содиқонаву софдилонаи онҳо кадрдонӣ карда мешавад. Аз ҷумла, 28-уми августи соли 2020 Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати таҷлили 29-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ ба намояндагони касбу кори гуногун, ки дар фаъолияти корӣ натиҷаҳои назаррас доранд, мукофотҳои давлатӣ ва унвону ҷоизаҳои давлатӣ супориданд. Боиси хушнудӣ ва сарфарозист, ки декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Дилшод Сафарбек дар асоси амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ дар соли 2020 кадрдонӣ карда шуданд.

Идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос», устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ устоди азизу гиромикадр ва мушфику меҳрубон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С.-ро ба муносибати сазовор гардиданашон бо Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ дар соли 2020 сидқан табрику шодбош намуда, ба эшон саломативу сарбаландӣ, саодати рӯзгор ва фатҳи куллаҳои баланди илмиву касбиро таманно менамоянд.

**Тахияи**
**Бобоҷон НАИМОВ**

# ТАЪЙИНИ РӮЗИ ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Таърихи 6-уми августи соли 2020 тахти раёсати Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Рустами Эмомалӣ ҷаласаи дуюми якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати шашум баргузор карда шуд.

Яке аз масъалаҳои рӯзномаи кори ҷаласаро таъйини санаи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медод. Зимни баррасии масъалаи мазкур, бо карори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 11-уми октябри соли 2020 ҳамчун рӯзи баргузории интихоботи президентӣ дар Тоҷикистон муайян карда шуд.

Бояд хотиррасон намуд, ки пас аз касби Истиқлолияти давлатӣ бори шашум аст, ки дар Тоҷикистон интихоботи президентӣ баргузор карда мешавад. Интихоби президентӣ дар асоси Конститутсия, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ сурат мегирад. Дар заминаи моддаи 56-и Конститутсия, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро шаҳрвандони Тоҷикистон ба тарзи умумӣ, баробар, мустақим ва овоздиҳии пинҳонӣ ба мухлати 7 сол интихоб менамоянд.

Боварии комил дорем, ки шаҳрвандони кишвар бо дарки баланди масъулиятшиносӣ дар ин маъракаи муҳимми сиёсӣ иштирок намуда, ба тарафдории номзади арзандаи худ овоз медиҳанд.

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

Муассис: факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

Сармуҳаррир:
Эмомалӣ МИРАЛӢ
law.tnu.tj@gmail.com

Муовини сармуҳаррир: Ҳамза БОБОХОНЗОДА
Муҳаррир: Некрӯз САФАРЗОДА
Тарроҳ: Акмал ШАРИПОВ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Раҳмон Д.С. номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
Сафарзода Б.А. профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
Маҳмудов И.Т. мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
Абдуллоев П.С. муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
Сулаймонов Ф. С. дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Ватанзода М. М. котиби Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Имомзода М. С. вазири маориф ва илми ҶТ, академики АИ ҶТ;
Хушвахтзода Қ.Х. доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор ректори ДМТ,
Тоҳиров Ф. Т. академики АИ ҶТ,
Маҳмудзода М. А. профессори кафедраи ҳуқуқи граждании, академики АИ ҶТ;
Насриддинзода Э. С. профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АИ ҶТ;
Раҳимзода М.З. профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АИ ҶТ;
Диноршоев М. академики АИ ҶТ.

ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳама андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ тахти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш.Душанбе Буни Ҳисорак, Шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: 907-67-20-20, 939-25-98-28. Теъдод: 1000
Навбатдори шумора: Миралӣ СОБИР

# ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ






Боиси ифтихору сарбаландист, ки давоми солҳои Истиқлолияти давлатӣ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба як маркази бонуфузи омодасозии кадрҳои лаёқатманд ва ҳайати роҳбарикунанда табдил ёфтааст. Дастпарварони ин боргоҳи муқаддас имрӯз дар вазифаҳои гуногуни давлатӣ кору фаъолият намуда, барои пешрафти соҳаҳои мухталифи ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ хизмати содиқонаву софдилона намуда истодаанд.

Мавриди зикри хос аст, ки бо дарназардошти таваҷҷуҳу ҳидоятҳои бевоситаи роҳбарияти олии сиёсии кишвар чандин устодони соҳибтаҷриба, донишманд ва унвону дараҷаҳои гуногуни илмидоштаи ин боргоҳи муқаддас ба вазифаву мансабҳои баландпоя баргузида шудаанд.

Дар ҳамин радиф, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июни соли 2020, таҳти №358 мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҷабзода Маҳмадёр Носир ба вазифаи ректори муассисаи давлатии таълимии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июни соли 2020, таҳти №352 Каримзода Шараф – устоди факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба вазифаи муовини вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 августи соли 2020, таҳти №1407 ассистенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Соҳибзода Муҳаммадҷон Маҳмадалӣ ба вазифаи муовини якуми директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин гардиданд.

Ҳамчунин, дар асоси фармоиши Вазири маориф ва илми ҶТ аз 17 августи соли 2020, №1995 Сулаймонов Манучеҳр Субҳоналиевич ба вазифаи Сармутахассиси шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва котиботи Вазорати маориф ва илми ҶТ таъйин гардид.

Бо дарназардошти ин, садорат, ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ Раҷабзода М.Н., Каримзода Ш., Соҳибзода М.М. ва Сулаймонов М.С.-ро бо таъйин гардиданашон ба вазифаҳои баланди давлатӣ самимона табрику шодбош намуда, ба эшон саломативу сарбаландӣ, пирӯзиву хушнудӣ, фатҳи қуллаҳои баланди касбӣ ва хизмати шоиставу софдилонаро ба нафъи халқу миллат ва давлати тоҷик орзу менамоянд.

**Таҳияи**
**Азимҷон ҶУРАЕВ**

# ТАҚСИМОТИ ДАВЛАТИИ ХАТМКУНАНДАГОНИ ФАКУЛТЕТ

Санаи 7-уми августи соли 2020 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тақсимоти давлатии хатмкунандагони курсҳои 4 баргузор гардид. Дар робита бо масъалаи тақсимот ба унвонии беш аз 36 роҳбарони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳои ҶТ, судҳо, сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва муассисаҳои таълимӣ дар хусуси замон ва макони баргузории тақсимоти хатмкунандагон мактуби расмӣ ирсол шуда буд. Дар тақсимот намояндагони Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии ҶТ, Прокуратураи генералии ҶТ, Вазорати адлияи ҶТ, Вазорати мудофиаи ҶТ, Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ, Кумитаи давлатии амнияти миллии ҶТ, Кумита оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати ҶТ, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶТ, Хадамоти ичрои назди Ҳукумати ҶТ, Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати ҶТ, Сарраёсати иҷрои ҷазои Вазорати адлияи ҶТ, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, Академияи Вазорати корҳои дохилии ҶТ иштирок доштанд.

Ҳаласаро бо сухани ифтитоҳӣ декани факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент Раҳмон Дилшод Сафарбек ҳусни оғоз бахшида, таъкид намуданд, ки дар шароити кунунии рушди давлатдорӣ бо назардошти омилҳои гуногун зарурияти омода намудани ҳуқуқшиносони насли муосир, ки ҳамаҷониба аз донишҳои ҳуқуқӣ бархурдор буда, дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ, пос доштани арзишу суннатҳои миллӣ, ҳифзи манфиатҳои давлат, гиромидошти тамомияти арзӣ ва якпорчагии Тоҷикистон тарбия ёфтаанд, ба миён меояд. Ҳуқуқшиносони насли муосир бояд нафароне бошанд, ки ҷиҳати таъмини адолат, таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва таъмини амният дар кишвар ҷидду ҷаҳд дошта бошанд. Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ пойгоҳи асосии омода намудани кадрҳои ҳуқуқшинос дар кишвар ба ҳисоб рафта, дар роҳи расидан ба ин ҳадафҳо пайваста талош менамояд. Имрӯз таъмини мақомоти давлатӣ бо кадрҳои ҷавони баландихтисос ва ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат дар маркази сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Аз ин рӯ, аз ҳамаи намояндагони ниҳодҳои давлатӣ даъват ба амал оварда шуд, ки аз фурсати муносиб истифода намуда, кадрҳои тахассусманд ва дилхоҳи худро интихоб намоянд. Лозим ба ёдоварист, ки тақсимоти имсола нисбат ба солҳои қаблӣ дертар баргузор гардид, ки ин вобастагӣ бо ҳодисаҳои бавуҷудомада дар кишвар, яъне бемории сироятии COVID-19 дорад.





Дар толори калон намояндагони мақомоти давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо донишҷӯёни хатмкунанда рӯ ба рӯ нишаста суҳбати озоду шафоф доир намуданд. Сипас, декани факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент Раҳмон Д.С. хатмкунандагони факултет, ки номзад ба гирифтани дипломи аъло ҳастанд ва тӯли 4 сол дар гурӯҳи бучавии донишгоҳ таҳсил намудаанд, ба ҳозирин як ба як муаррифӣ намуданд. Хурсандибахш аст, ки ҳамаи ҳозиромадагон кадрҳои дилхоҳи худро пайдо намуда, интихоб карданд. Дар маҷмӯъ иштирокчиён баргузор гардидани тақсимоти давлатии мутахассисони ҷавонро иқдоми неке дар роҳи таъмини мақомоти давлатӣ бо кадрҳои лаёқатманд ҳисобида, аз ин ташаббуси факултет, ки ҳамасола роҳандозӣ мегардад, изҳори сипос намуданд. Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба роҳбарони сохторҳое, ки дар тақсимоти давлатии мутахассисони ҷавон иштироки намояндагони худро таъмин намуданд ва ба дастпарварони факултет таваҷҷуҳ зоҳир карданд, изҳори ташаккур менамояд.

**Таҳияи**
**Некрӯз САФАРЗОДА**

# «ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ»



Бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми феврали соли 2020 ба муносибати 30-.мин солгарди таҷлили ҷашни Истиқлолияти давлатӣ дар кишвар озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» баргузор карда мешавад.



Бо ин мақсад, таърихи 10-уми апрел соли 2020 дар толори «ТСО»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» доир карда шуд. Озмун аз рӯи панҷ номинатсия баргузор гардид. Қайд карда шуд, ки мақсад аз баргузории озмуни мазкур баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти зеҳнӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, таҳкими захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ миёни донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад. Бояд зикр намуд, ки дар озмуни ҷумҳуриявии мазкур як зумра донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ иштирок намуда, аз худ маҳорати баландро нишон доданд. Ба ин озмун беҳтарин китобхонҳову чароғҳои рӯшан ва нури фурӯғи субҳи доноии тамоми факултетҳои донишгоҳ ҷалб гардиданд.



**Таҳияи**
**Парвиз АБДУЛЛОЗОДА**

# ВОХӮРИҲОИ СУДМАНДИ УСТОДОНИ ФАКУЛТЕТ

Таърихи 6-уми августи соли 2020 тахти раёсати Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҷаласаи дуюми якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати шашум баргузор карда шуд. Бо қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 11-уми октябри соли 2020 ҳамчун рӯзи баргузории интихоботи президентӣ дар Тоҷикистон муайян карда шуд.






Бо мақсади мавриди амал қарор додани қарори мазкур, Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ чорабиниҳои фаҳмондадиҳиро бахри баланд бардоштани малакаи касбии аъзои комиссияҳои интихоботӣ, шарҳи мазмуну мухтавои қонунҳои конститутсионӣ дар бораи интихобот, қонунҳо, дастурамалҳои интихоботӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, шиносоӣ бо ҷараёни омодагиҳо ба ин чорабинии муҳими сиёсӣ, дуруст ба роҳ мондани фаъолияти комиссияҳои поёнии интихобот ва дигар масъалаҳо дар ин самт ба таври густурда роҳандозӣ намудааст. Мавриди қайд аст, ки устодони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар рафти тайёрӣ ва баргузории ин маъракаи муҳимми сиёсӣ аз ҷониби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ ҳамчун коршинос ҷалб гардидаанд. Вобаста ба ин, устодони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бо дарки масъулияти баланд, ҷиҳати дар сатҳи олӣ баргузор гардидани ин чорабинии муҳимми сиёсӣ иштироки фаъол намуда, барои рушди босуботи мамлакат, таъмини қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ дар кишвар, пойдории сулҳ ва амнияти бардавом дар Ватани азизамон нақши назаррасе худро мегузоранд.

**Таҳияи**
**Ҷаҳонгир САЪДИЗОДА**



# ТАҲЛИЛИ РӮЗИ ДОНИШ



Ҳамасола дар саросари Тоҷикистон Рӯзи дониш ва дарси сулҳ ҳамчун санаи гиромидошти илму маърифат ҷашн гирифта мешавад, ки ин аз таваҷҷуҳи доимӣ ва эҳтироми хоссаи Ҳукумати мамлакат ба аҳли илму маориф гувоҳӣ медиҳад. Имсол Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Рӯзи дониш ва дарси сулҳро зимни ифтитоҳи Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 102, ки дар ноҳияи Шоҳмансури пойтахт барои 2400 нафар хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст, таҷлил намуданд. Чун аньана аҳли илму маориф, аз ҷумла ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии ДМТ суханронии Пешвои миллатро тариқи шабакаҳои телевизионӣ дастаҷамъона тамошо намуданд.

Пас аз тамошои суханронии Пешвои миллат дар бинои таълимии «S»-и факултети ҳуқуқшиносӣ бо иштироки декани факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Дилшод Сафарбек, устодону кормандон ва донишҷӯён ҷамъомад баргузор гардид. Дар оғоз декани факултети ҳуқуқшиносӣ ҳамаи устодону кормандон ва донишҷӯёни боргоҳи муқаддаси илму маърифат – факултети ҳуқуқшиносиро бо шурӯъ гардидани соли нави таҳсил табрик намуда, орзуи комёбии ҳар як иштирокчиро дар соли нави таҳсил намуданд. Мавсуф ҳамзамон иброз намуданд, ки чун аньана соли нави таҳсил бо дарси сулҳ оғоз мегардад, зеро барои халқу миллати тоҷик сулҳ дастоварди гаронбаҳои таърихӣ маҳсуб ёфта, асоси пешрафти давлату миллатро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, вазифаи ҳар як шаҳрвандони бофазилати тоҷик аз он иборат аст, ки ин гавҳари ноёбро бо тамоми ҳастии худ ҳифз намоянд ва барои ободиву осудагии Ватани азизамон ҳастии худро дареғ надоранд.

Дар фарҷоми чорабинӣ иштирокчиён оид ба ҷанбаҳои мухталифи суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба соли нави таҳсили 2020-2021 ибрози назар намуда, қайд карданд, ки иҷрои дастуру супоришҳои матраҳгардидаи Пешвои миллат ба аҳли илму маориф вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як омӯзгору корманди факултет махсуб меёбад.

**Таҳияи**
**Ҳамза БОБОХОНОВ**



# ДИФОИ РИСОЛАИ ИЛМӢ

Боиси хушнудӣ ва сарфарозист, ки дар факултет рӯз то рӯз сафи устодони унвондор меафзояд. Аз ҷумла, санаи 25-уми августи соли 2020 ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия Мирзоев Садриддин Талбакович дар мавзӯи «Ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Шӯрои диссертатсионии миллии назди факултети ҳуқуқшиносии ДМТ рисолаи номзадиашро дифоъ намуд.



Идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос», садорати факултети ҳуқуқшиносӣ, устодону кормандон ва донишҷӯёни ин даргоҳ Мирзоев С.Т.-ро бо ин дастовардаш самимона табрик намуда, ба ӯ фатҳи қуллаҳои баланди илмиро таманно менамоянд.



# ИСТИҚЛОЛИЯТ

## ВА ТАШАККУЛИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ



Рошиддин ҚАМАРЗОДА
судяи Суди Олии ҶТ



Шодмон АЛИЗОДА
судяи Суди Олии ҶТ

**Охири асри XX барои мардуми тоҷик ва халқи Тоҷикистон саҳифаи нави таърихиеро ба вуҷуд овард. Пас аз пошхӯрии давлати шӯравӣ санаи 9 сентябри соли 1991 аз ҷониби Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии ҶТ «Изҳорот дар бораи Истиқлолияти давлатии ҶТ» қабул карда шуд, ки бо он Тоҷикистон давлати соҳибистиқлол эълон гардид.**

Моҳи ноябри соли 1992 Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба арсаи сиёсат баровард.

Аслан барои нигоҳдошту пойдории давлат, обрӯ ва ҳастии миллат шахсиятҳо нақши бузургро иҷро менамоянд. Дар бештари мавридҳо пойдории давлат аз шахсияти муаррификунандаи он вобаста мебошад. Бояд зикр намуд, ки аз замони ба сари қудрат омадан Сарвари давлат барои таъмини сулҳу субот, мустаҳкам намудани пояҳои асосии давлатдорӣ ва ташаккули он талошҳои зиёде ба харҷ доданд, ки он босамар буд. Таҳаммулпазирӣ ва хиради волои халқ низ имкон фароҳам овард, ки сулҳу ваҳдат, амну субот ва оромӣ саросари мамамлактро фаро гирад.

Ҷиҳати минбаъд мустаҳкам намудани пояҳои давлатдорӣ ва нигоҳдошти истиқлолияти давлатӣ зарурият ба миён омад, ки тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ бо қонун ба танзим даровarда шавад. Чунки қонун ҳамчун василаи танзимкунандаи пахлуҳои гуногуни ҷомеа нақши муҳим дошта, инкишофу пешрафти ҷамъият танҳо тавассути танзими қонунӣ имконият дорад.

Конститутсияи Тоҷикистон, ки дигар қонунҳо аз он сарчашма мегиранд 6 ноябри соли 1994 қабул карда шуд ва он асосҳои ҳуқуқиеро ба вуҷуд овард, ки риоя ва иҷрои онҳо барои пешрафти ҷомеа таъсири мусбӣ гузошт.

Бо Конститутсия низоми давлатдорӣ чунин муқаррар карда шуд, ки дар Тоҷикистон ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ карда мешавад. Ҳокимияти судӣ ҳамчун яке аз шохаҳои мустақили ҳокимияти давлатӣ эътироф гардида, ҳифзи ҳуқуқ, озодии инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолат ба зиммаи он вогузор карда шуд.

Ҳамин ҳолат низ боиси яке аз беҳтарин Конститутсия дар ҷаҳони муосир эътироф намудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид.

Конститутсияи ҶТ, ки меъёрҳояш мустақиман амал мекунанд муқаррар намуд, ки ҳокимияти судӣ мустақил буда, аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ мегардад. Судя ҳуқуқи дахлнопазирӣ дорад. Меъёрҳои мазкур аз вақти қабули Конститусия инҷониб мавриди амал қарор дошта, бетағйир мондаанд.

Сарвари давлат доир ба мавқеи ҳокимияти судӣ ва мустаҳкам кардани он пайваста дар сатҳи баланд ибрози ақида намудаанд. Бахусус дар Паёмҳои ҳамасолаи ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироанамуда нақши ҳокимияти судӣ дар пешрафти ҷомеа бузург арзёбӣ ва баён гардидааст, ки ташаккули давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ бе мавҷудияти низоми дақиқан муайяншудаи мустақил ва беғарази судӣ аз имкон берун буда, дар таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, қонуният ва адолати иҷтимоӣ ҳокимияти судии мустақил ва беғараз нақши асосӣ дошта, воқеан, раванди ташаккули ягон давлати муосирро бе фаъолияти самараноки мақомоти судӣ, ки асоси таъминкунандаи адолати иҷтимоӣ мебошад, тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Дар партави чунин сиёсат, бо мақсади таҳким бахшидан ба ҳокимияти судӣ, баланд бардоштани нақши суд дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, давлат, ташкилоту муассисаҳо, таъмини кафолати судии муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, тақвияти талабот нисбати кадрҳои судӣ, баланд бардоштани донишу таҷриба ва масъулиятнокии онҳо бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2007 аввалин “Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” тасдиқ карда шуд. Ин Барнома бо дарназардошти ҳадафи стратегии ҷомеаи навини тоҷикон, ки аз эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ ва дунявӣ, таъмини волоияти қонун ва амнияти ҷомеа, таҳкими дастовардҳои истиқлолият, ҳимояи манфиатҳои умумимиллӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ иборат мебошад, қабул гардидааст. Зеро пойдории давлат ба адолати судӣ эҳтиёҷ ва пайвастагии ногусастанӣ дошта, ин омил талаб менамояд, ки ҳокимияти судӣ пайваста таҳким ва густариш ёбад.

Боиси зикр аст, ки дар даврони истиқлолият бо Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чор барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ тасдиқ ва ҷиҳати иҷрои онҳо корҳои назаррасе ба анҷом расонда шуда, ислоҳот ҳанӯз ҳам идома дорад, ки ин ҳолат ногузир будани ташаккули ин ҳокимияти давлатиро ифода менамояд.

Аз ҷумла “Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021” идомаи барномаҳои пешина буда, амалисозии тадбирҳои заруриро ҷиҳати боз ҳам таҳким бахшидани ҳокимияти судӣ ва такмили қонунгузорӣ доир ба фаъолияти судҳо пешбинӣ менамояд.




Масъалаҳои дар барнома гузоштешуда бо дар назардошти пешрафти ҷомеа, ба миён омадани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва бо мақсади ба стандартҳои байналмилалӣ ва меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии миллӣ мутобиқ намудан ба нақша гирифта шудааст.

Яке аз ҷорабиниҳои андешидашванда ин ҷорӣ намудани мансаби ёрдамчии судяи Суди Олӣ ва Суди олии иқтисодӣ мебошад. Мақсади асосии ҷорӣ намудани ин мансаб беҳтар гардонидани сифати баамалбарории адолати судӣ мебошад.

Зикр намудан бамаврид аст, ки ҷорӣ намудани мансаби ёрдамчии судяи Суди Олӣ ва Суди олии иқтисодӣ сиёсати оқилона, дуруст ва дурандешонаест, ки метавонад минбаъд дар омодасозии судяҳои ҷавон ва кадрҳои баландихтисоси судӣ нақши муҳимеро иҷро намояд. Зеро ёрдамчии судяи Суди Олӣ ва Суди олии иқтисодӣ дар давраи фаъолияташ дониш ва таҷрибаи худро сайқал дода, маҳорати касбии баланд ба даст меорад. Мансаби мазкур аз ҷиҳати иқтисодӣ низ манфиатовар аст. Дар сурати аз ин мансаб ба вазифаи судя таъйин намудан, зарурати дар муҳлати як сол бо сарфи маблағи зиёди буҷавӣ тайёр намудани коромӯз - судя аз байн меравад. Албатта, ин нуқтаи назари шахсӣ ба таҳлили ҳаматарафа ниёз дошта, омӯзиши амиқро талаб менамояд. Дар ҳар маврид, мансаби ёрдамчии судяи Суди Олӣ ва Суди олии иқтисодӣ барои боз ҳам ташаккул ёфтан ва самаранок гардидани фаъолияти суд арзишнок мебошад.

Ҳамин тавр, ҳокимияти судӣ зина ба зина ташаккул ёфта, он барои пойдории Истиқлолияти давлатии ҶТ ва оромиву суботи ҷомеа ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ нақши муҳим дорад.

# КОДЕКСИ СОҲИБКОРӢ – ВОСИТАИ ТАНЗИМИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ



Дониёр САНГИНОВ
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
мудири кафедраи ҳуқуқи
соҳибкорӣ ва тиҷорат

## ЗАРУРАТИ КОДИФИКАТСИЯИ ҚОНУНҲО

Дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 тасдиқ шудааст, муқаррар мегардад, ки самтҳои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дар назар доштани васеъ гардидани доираи муносибатҳои ҷамъиятии моҳиятан ҳаммонанд, ки бо қонунҳо танзим меёбанд, бояд дар оянда ботадриҷ кодификатсия карда шаванд. Дар шароити аз ҳад зиёд шудани қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар баъзе соҳаҳо кодификатсия хеле муҳим мебошад. Ба чунин кодификатсия ва васеъкунӣ аз ҳоло бояд шурӯъ кард ва онро бо роҳи ботадриҷ аз нав кардани қонунгузории амалкунанда анҷом додан лозим аст. Мақсади кодификатсия кардани онҳо бартараф намудани номутобиқатӣ ва кам кардани шумораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҳаммонанд мебошанд (зербанди 5, банди 12). Инчунин иловатан ба ин муқаррарот мушаххас дар банди 45 Консепсия дарҷ гардидааст, ки дар баробари ислоҳоти гузаронидашуда дар бахши соҳибкорӣ анҷом додани омӯзиши зарурат ва асоснокии таҳияи Кодекси соҳибкории ҶТ, ки ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ заминаи мусоид фароҳам меорад, мувофиқи мақсад аст.

## ОМӮЗИШИ ТАҶРИБАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Бинобар муқаррароти зикршудаи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавсияҳои Форуми чорум ва панҷуми миллӣ оид ба волоияти қонун дар Тоҷикистон ва ҷиҳати иҷрои банди 1 Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии марҳилаи сеюми Барномаи дастгирии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2018, №227 тасдиқ шудааст, қарори раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ аз 31 марти соли 2020, №107 «Дар бораи таъсиси Гурӯҳи кории байниидоравӣ ҷиҳати омӯзиши таҷрибаи қонунгузории байналмилалӣ дар самти дастгирии соҳибкорӣ ва зарурати таҳияи лоиҳаи Кодекси сохибкории ҶТ» қабул карда шуд. Дар асоси ин қарор аз ҳисоби намояндагони Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ, Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи ҶТ, Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ, факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Гурӯҳи кории байниидоравӣ ҷиҳати омӯзиши таҷрибаи қонунгузории байналмиллалӣ дар самти дастгирии соҳибкорӣ ва зарурати таҳияи лоиҳаи Кодекси сохибкории ҶТ дар назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ таъсис дода шуд. Гурӯҳи корӣ муваззаф шудааст, ки ҳисоботи таҳлилӣ бо тавсияҳо, лоиҳаи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ҷиҳати омӯзиши таҷрибаи қонунгузории байналмиллалӣ дар самти дастгирии соҳибкорӣ ва зарурати таҳияи лоиҳаи Кодекси соҳибкории ҶТ-ро таҳия намуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

Зарурати қабули Кодекси соҳибкориро таҷрибаи хориҷиён тасдиқ мекунад. Таҳлили таҷрибаи давлатҳои аз нигоҳи ҳуқуқӣ рушдёфта нишон медиҳад, ки барои иқтисодиёти бозаргонии баркамол мавҷудияти Кодекси соҳибкорӣ ҳамчун соҳаи алоҳидаи ҳуқуқ ҳатмист. Дар якқатор давлатҳо Кодекси соҳибкорӣ қабул гардидааст. Масалан дар Австрия, Аргентина, Белгия, Булғористон, Венесуэла, Олмон, Юнон, Миср, Испания, Кореяи Ҷанубӣ, Кувайт, Люксембург, Мексика, Полша, Руминия, Словакия, Уругвай, Фаронса, Чехия, Чили, Шветсия, Эстония, ИМА, Туркия ва Ҷопон.

## КОДЕКСИ НАМУНАВИИ САВДО БАРОИ ДАВЛАТҲО-ИШТИРОКЧИЁНИ ИДМ

Дар сатҳи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бо қарори иҷлосияи сивусеюми Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳо-иштирокчиёни ИДМ 3 декабри соли 2009, №33-24 Кодекси намунавии савдо барои давлатҳо-иштирокчиёни ИДМ қабул карда шуд, ки он аз 2 фасл, 8 боб ва 33 модда иборат мебошад. Дар фаслу бобҳои ин кодекс масъалаҳои зерин танзим шудаанд: Фасли I. Муқаррароти умумӣ (Боби 1. Муқаррароти асосӣ; Боби 2. Ташкили фаъолияти савдо; Боби 3. Шартномаҳои савдо ва ухдадориҳо; Боби 4. Танзими давлатии фаъолияти савдо) ва Фасли II. Хусусиятҳои баамалбарории намуд ва шаклҳои алоҳидаи фаъолияти савдо (Боби 5. Савдои яклухт; Боби 6. Савдои биржавӣ; Боби 7. Савдои чакана; Боби 8. Савдои электронӣ). Дар моддаи 1 Кодекси намунавии савдо (Соҳаи танзими Кодекси мазкур) муқаррар шудааст, ки Кодекси мазкур муносибатҳои байни шахсоне, ки ба фаъолияти савдо машғуланд ё бо иштироки онҳо (муносибатҳои савдо) ва муносибатҳои вобаста ба танзими давлатии фаъолияти савдо ба вуҷуд меоянд, танзим менамояд. Муқаррароти Кодекси мазкур татбиқ намегарданд: нисбати муносибатҳо оид ба хариду фурӯши маишӣ, ки байни шаҳрвандон ба вуҷуд меоянд; ба муносибати хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул, ба истисноӣ амволи ба молу мулки ғайриманқул (ҳавопаймо, киштиҳои баҳрӣ, киштиҳои дохилӣ ва объектҳои кайҳон) баробаркардашуда; ба савдои коғазҳои қиматнок; ба савдои моликияти зеҳнӣ; ба фаъолияти тиҷорати хориҷӣ; ба савдо бо асъори хориҷӣ ва сарватҳои асъорӣ; ба муносибатҳое, ки дар соҳаи хуроки умум бавуҷуд меоянд.

## КОДЕКСИ СОҲИБКОРӢ (ХОҶАГӢ)-И УКРАИНА

Дар Украина Кодекси соҳибкорӣ (хоҷагӣ) 16 январи соли 2003, №436-IV қабул карда шуда, аз 1 январи соли 2004 мавриди амал қарор дода шудааст. Кодекси мазкур аз 9 фасл, 41 боб ва 418 модда иборат буда, масоили зеринро инъикос менамояд: принсипҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ (1), субъектони соҳибкорӣ (2), асоси молумулкии соҳибкорӣ (3), ухдадориҳои соҳибкорӣ (4), ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи соҳибкорӣ (5), махсусияти танзими ҳуқуқӣ дар соҳаҳои алоҳидаи соҳибкорӣ (6), фаъолияти иқтисодии хориҷӣ (7), реҷаҳои махсуси хоҷагидорӣ (8), муқаррароти хотимавӣ (9). Дар моддаи 1 Кодекси соҳибкории Украина муқаррар шудааст, ки кодекси мазкур принсипҳои асосии соҳибкории Украинаро муайян менамояд ва муносибатҳои соҳибкориро, ки дар ҷараёни ташкил ва пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ байни субъектҳои соҳибкорӣ, инчунин байни ин субъектҳо ва иштирокчиёни дигари муносибатҳо дар бахши соҳибкорӣ ба вуҷуд меоянд, ба танзим медарорад. Бо қабули Кодекси соҳибкории Украина қонунҳои Украина «Дар бораи соҳибкорӣ» ва «Дар бораи корхонаҳо» аз эътибор соқит дониста шуданд.

## КОДЕКСИ СОҲИБКОРИИ КАЗОҚИСТОН

Кодекси соҳибкории Ҷумҳурии Казоқистон 29 октябри соли 2015, № 375-V ЗРК қабул шуда, аз 1 январи соли 2016 мавриди амал қарор дода шуд. Сохтори он аз 7 фасл, 31 боб ва 324 модда иборам мебошад. Фаслҳои кодекс ба масоили муқаррароти умумӣ (1), ҳамкории субъектони соҳибкорӣ ва давлат (2), шаклҳо ва воситаҳои танзими давлатии соҳибкорӣ (3), рақобати иқтисодӣ (4), самтҳо ва намудҳои асосии дастгирии давлатии соҳибкории хусусӣ (5), шаклҳо ва тарзҳои ҳимояи ҳуқуқии субъектони соҳибкорӣ (6), ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон дар соҳаи соҳибкорӣ. Муқаррароти интиқолӣ ва хулосавӣ (7). Кодекси мазкур шароити ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва кафолатҳои таъмини озодии фаъолияти соҳибкориро дар Ҷумҳурии Қазоқистон муайян мекунад, муносибатҳои ҷамъиятиеро, ки дар робита бо фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ва давлат ба вуҷуд меоянд, аз ҷумла танзими давлатӣ ва дастгирии соҳибкорӣ, танзим мекунад. Бояд қайд намуд, ки бо қабули Кодекси соҳибкории Ҷумҳурии Казоқистон қонунҳои зерин аз эътибор соқит карда шуданд: «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ ё фермерӣ» аз 31 марти соли 1998; «Дар бораи сармоягузорӣ» аз 8 январи соли 2003; «Дар бораи соҳибкории хусусӣ» аз 31 январи соли 2006; «Дар бораи рақобат» аз 25 декабри соли 2008; «Дар бораи контрол ва назорати давлатӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон» аз 6 январи соли 2011; «Дар бораи дастгирии давлатии фаъолияти саноатӣ-инноватсионӣ» аз 9 январи соли 2012 (қисми 15, моддаи 324 КС ҶҚ).

## ЗАРУРАТИ ҚАБУЛИ КОДЕКСИ СОҲИБКОРИИ ҶТ




Таҳлили муқаррароти Кодекси соҳибкории Ҷумҳурии Казоқистон, Кодекси соҳибкории Украина ва Кодекси намунавии савдо барои давлатҳо-иштирокчиёни ИДМ ба хулосае меорад, ки дар кишвари мо бояд Кодекси соҳибкории мутобиқ ба тафаккури аҳолӣ, ваъзи иқтисодии кишвар ва амалияи танзими ҳуқуқӣ ва ҳуқуқтадбиқнамоии фаъолияти соҳибкорӣ, ки дар тули 29 соли Истиқлолияти давлатӣ қабул карда шавад ва он фарогири кулли дастовардҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи соҳибкорӣ бошад. Дар таҳияи лоиҳаи Кодекси соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе аз муқараротро метавонем аз Кодекси соҳибкории Ҷумҳурии Казоқистон, Кодекси соҳибкории Украина ва Кодекси намунавии савдо барои давлатҳо-иштирокчиёни ИДМ истифода намоем. Аммо ин муқаррарот бояд бо назардошти баинобатгирии мониторинги ҳуқуқии нуқсонҳои дар амал ошкоршудаи ин санадҳо сурат гирад. Инчунин дар Кодекси соҳибкорӣ набояд меъёрҳое дохил карда шаванд, ки дар Кодекси граждани аллакай мавҷуданд ва ба танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд. Чунки такрори меъёрҳо ва ё мухолифати онҳо ба оқибатҳои манфӣ, ки дар ҳаёти иқтисодӣ бештар эҳсос хоҳанд шуд, оварда мерасонанд, зеро тақдири манфиатҳои бузурги иқтисодӣ аз ҳар калимаи қонун вобастагӣ дорад.

Шартҳои муҳими таъсиси шароит барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ, ҷалби сармоя ва ҳимояи ҳуқуқи субъектони фаъолияти соҳибкорӣ пеш аз ҳама қонунгузории бонизом танзимкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ ва рафъи камбудиҳои таъсиси ҳадди аксари шартҳо дар санадҳои алоҳида барои соҳибкорӣ аст. Қонунгузории Тоҷикистон, ки муносибатҳои соҳибкориро танзим менамояд бояд аз санадҳои меёрии ҳуқуқии зерин иборат бошад: 1. Кодекси соҳибкорӣ; 2. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар асоси Кодекси соҳибкорӣ қабулшуда; 3. Шартномаҳои байналмилалии танзимкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ бо назардошти мутобиқат ба конунгузорӣ ва иштирокчии он будани Тоҷикистон.

# ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА СИЁСАТИ ХОРИҶӢ

**Истиқлолияти давлатӣ заминаи асосии ба вуҷуд омадани имкониятҳои васеъ дар самти амалигардонии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҶТ ба ҳисоб меравад. Ба шарофати сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони Истиқлолият робитаҳои судманд бо давлатҳои хориҷӣ барқарор гардид ва Тоҷикистон ҳамчун як кишвари фаъол ва таъсиргузор дар ҳалли масъалаҳои ҷаҳонӣ шинохта шуд.**

Боиси қайд аст, ки обрӯ ва нуфузи имрӯзаи мамлакат дар арсаи ҷаҳонӣ самараи заҳмату талошҳои Пешвои миллат аст. Ин шахсияти таърихӣ бо қабули масъулияти бисёр бузург дар солҳои басо вазнин ва пайгирии ҳадафҳои олии созандагӣ манфиатҳои умумимиллиро аз ҳамаи манфиатҳои дигар боло гузошта, дар роҳи бунёди давлати тозаистиқлоли тоҷикон боварии халқро гардид.

Дар ин марҳила, Тоҷикистон ба аъзогии ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ пазируфта шуда, аз минбари онҳо ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат ҷиҳати ҳалли мушкилоти ҷаҳону минтақа, аз ҷумла мубориза бар зидди терроризму ифротгароӣ, маводи мухаддир, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, масъалаҳои экологӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва амалишавии онҳо ва амсоли инҳо ба ҷаҳониён расонида мешавад.

Махсусан, силсилаи ташаббусҳои Пешвои миллат дар робита ба ҳалли мушкилоти об дар ҷаҳони имрӯза, боиси муаррифӣ шудани Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ гардид. Пешвои миллат муаллифи ташаббусҳои бузургест, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ амалӣ шуда ва шуда истодаанд. Аз ҷумла, «Соли байналмилалии оби тоза, 2003», «Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои ҳаёт, 2005-2015», «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, 2013» ва Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028».

Гузашта аз ин, талошу кӯшишҳои Пешвои миллат барои барқарории сулҳу субот, таъмини оромию осудагӣ, сарҷамъии миллӣ басо муҳим ва арзишманд арзёбӣ мегарданд. Боиси қайд аст, ки таҷрибаи давлатдории мо дар самти таъмини сулҳ, ба Ватан баргардондани қариб як миллион гуреза ва ба роҳ мондани ҳамгироии иҷтимоӣ аз тарафи ташкилоту созмонҳои бонуфуз, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо қобили қабул арзёбӣ шуда, ҳамчун таҷрибаи нодири сулҳофарӣ эътироф гардидааст.

Бо ба даст овардани чунин муваффақиятҳои бузурги умумимиллӣ дар як давраи басо вазнини таърихӣ гувоҳи он аст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва муносибатҳои пуртазодди сиёсӣ ҳамон миллате манфиатҳои худро ҳимоя карда метавонад, ки Пешвои худро дошта бошад, ҳамдилу ҳамақида бошад ва баҳри амалигардонии андешаҳои ягонаи миллӣ қадам ниҳад.

Вобаста ба ин гуфта метавонем, ки ҶТ бо гузаштан аз марҳалаи аввали пас аз Истиқлол, ки даврони ба эътидол овардани вазъият ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ буд, дарҳои худро ба рӯи ҳамаи кишварҳои ҷаҳон кушод ва бо эълони «сиёсати дарҳои боз» робитаҳои байналмилалиро баҳри муаррифии Тоҷикистон дар ҷаҳон ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ барои бозсозии кишвар оғоз намуд, ки ин сиёсат имрӯз ҳам бомуваффақиятона идома дорад. Имрӯз мо самараи чунин робитаи гуногунҷанбаро дар соҳаҳои мухталиф мебинем. Зеро ин сиёсат боис шуд, то кишвари мо на танҳо мақом ва нуфузи худро дар сатҳи байналмилалӣ қавитар созад, балки бо ёфтани равиши хосси дипломатияи худ, дар ҳалли масъалаҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ фаъолона иштирок намояд.




## СИЁСАТИ ДАРҲОИ БОЗ

Бояд зикр намуд, ки ҶТ дар самти амалигардонии сиёсати дарҳои боз дар даврони Истиқлолияти давлатӣ ба як қатор дасторварду пешравиҳо ноил гардид:

**1. Ҳамкории муташаккилонаву судмандро дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ тиҷоратӣ, экологӣ ва таъмини амнияту суботи минтиқа ба роҳ монда, ҷонибдори ҳамзистии осоишта ва дӯстонаи мардумони минтақа мебошад. Шарикони стратегӣ дар ин самт Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Қазоқистон, Эрон, Чин ва ғ. ба ҳисоб меравард.**

**2. Ҳамкорӣ бо кишварҳои Ғарб дар сиёсати хориҷии ҶТ мақоми хосса дорад. Равобити Тоҷикистон бо ин гурӯҳи кишварҳо, ки шарикони муҳимми байналмилалии мо маҳсуб мешаванд, дар асоси усулҳои ҳусни тафоҳум, эҳтироми якдигар ва барои ҷонибҳо судманд ба роҳ монда шудааст. Ҳамкориҳо миёни ҶТ ва Ҷумҳурии Фаронса, Британияи Кабир, Амрико, Швейтсария, Испания, Булғория, Лаҳистон ва ғ. батадриҷ дар ҳоли инкишоф қарор дорад.**

**3. ҶТ ба узвияти СММ, ниҳодҳои зертобеи он ва дигар ташкилоҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ пазируфта шуд. Аз ҷумла, Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ, Хазинаи СММ оид ба рушд ба манфиати занон (ЮНИФЕМ), Хазинаи СММ оид ба кӯдакон (ЮНИСЕФ), Кумитаи салиби сурх (КБСС), Ташкилоти байналмилаии меҳнат ва Созмони байналмилалии муҳоҷират, Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ), Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд, Хазинаи байналмилалии асъор, Бонки ҷаҳонӣ, Бонки Осиёии рушд, Бонки исломии рушд ва ғ.**

**4. То имрӯз Тоҷикистон бо кишварҳои гуногуни олам беш аз 2500 ҳуҷҷати дуҷониба ба имзо расонидааст, ки масъалаҳои муносибату ҳамкориҳои дуҷонибаро дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, ҳарбӣ-техникӣ, амният, илм, фарҳанг, маориф, тандурустӣ, сайёҳӣ ва дигар самтҳоро фаро мегиранд.**

**5. ҶТ ба бештар аз 350 санади байналмилалӣ ба монанди Эъломияҳо, Конвенсияҳо, Паймонҳои байналмилалӣ аъзо шуда, уҳдадориҳои худро дар мавриди расидан ба ҳадафҳои ҷаҳони мутамаддин иҷро менамояд.**

**6. Ҳар сол миёни Тоҷикистон ва беш аз 100 кишвари ҷаҳон табодули молу маҳсулот сурат мегирад. Соли 2013 бошад, ҶТ ба аъзогии комилҳуқуқи яке аз созмонҳои бонуфузтарини дунё – Созмони Умумиҷаҳонии Савдо шомил гардид.**



Исроил САЛОМОВ
муовини декан оид ба корҳои тарбия, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

**7. Соли 2002 пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе ба ҳайси “Шаҳри сулҳ” сазовори ҷоизаи ЮНЕСКО гардид.**

**8. Соли 2010 бо қарори 34 ҷаласаи Кумитаи мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО шаҳраки қадимаи «Саразм» ба феҳристи мероси фарҳангии умумиҷаҳонӣ ворид шуд.**

**9. Соли 2013 дар шаҳри Париж дар қароргоҳи ЮНЕСКО муаррифии китоби «Меъмори сулҳ», ки ба саҳми пуразиши Президенти Тоҷикистон – Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи расидан ба сулҳу суботи комил дар кишвар бахшида шуда буд, баргузор гашт ва ғайра.**

Ин аст, як зумра дастовардҳо дар самти сиёсати хориҷии ҶТ аз замони ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ то ба имрӯз.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар дунё ҳамчун кишвари ташаббускор дар ҳалли масъалаҳои ҷаҳонӣ ва таъсиргузор дар танзими равандҳои сиёсии минтақа ва ҷаҳон мешиносанд. Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон қадамҳои устуворе гузошта, бо пешбурди сиёсати мантиқӣ ва пешниҳодҳои созандааш мавқеи худро мустаҳкам намуда, дар оянда низ бо қадамҳои устувортаре дар паҳнои олам мавқеъгузорӣ хоҳад кард.

**ИСТИҚЛОЛИЯТ МУБОРАК, ЭЙ ҲАМВАТАН!**

# ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА КОНСТИТУТСИЯ



Луғмон ШЕРАЛИЕВ
ҳуқуқшинос

Истиқлолият неъмати бебаҳо буда, барои ба даст овардани он давлатҳо кӯшишҳои зиёд менамоянд. Истиқлолиятро қобилияти мустақилона муайян кардани ҳадафҳо, вазифаҳо ва усулҳои ноил шудан ба он, қобилияти ҳаллу фасли масъалаҳо ва мушкилот, озодии интихоб кардани ин ё он масъала, сулҳу субот, ваҳдату ягонагӣ, рушди иқтисод ва тиҷорат, бароmad дар муносибатҳои дуҷониба ва байналмилалӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тавсиф кардан мумкин аст.

Истиқлолият барои давлат дар муносибатҳои хориҷӣ ин субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ, қисми ҳатмии соҳибихтиёрии давлат дар муносибатҳои дохилӣ ва хориҷӣ мебошад. Таърих давлатҳоеро медонад, ки барои ба даст овардани истиқлолият талоши беш намудаанд ва ҳатто ҳазорҳо нафар ҷони худро нисор намудаанд.

Яке аз нишонаҳои асосии давлати соҳибистиқлол ин доштани санади олии давлатӣ – Конститутсия мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ пас аз касби истиқлолияти давлатӣ соли 1994 Конститутсияи худро қабул намуда, роҳи минбаъдаи давлатдориашро амиқ кард. Ин санади муқаддас, ки шаҳодатномаи миллат эътироф мешавад, дар худ сохтори давлатдории тоҷиконро мустаҳкам намудааст.

Истиқлолият яке аз арзишҳое волое мебошад, ки бо ба даст оварданаш тамоми ҳастии мо аз нав эҳё гардид. Имсол истиқлолияти кишвари мо 29-сола мешавад, ки чун ҷавони матину устувор сӯйи фардои дурахшон равон асту моро ҳам бо худ бурда истодааст. Ин неъмати бузург бо пайки хеш нуру зиё, меҳру вафо, ободию озодӣ, ҳамфикрию ҳамзистӣ ва осоиштагиву абадиятро ба Тоҷикистони азиз овардааст. Мо ҷавононро лозим аст, то баҳри пойдорӣ ва таҳкими он фаъолияти худро ба роҳ монда, саҳми арзандаи хешро дар рушду нумӯи кишвари азизамон гузорем.

Бо зуҳури истиқлол чун неъмати бебаҳо ва гаронмоя миллати тоҷик соҳибистиқлол гардид. Истиқлолият волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату миллати тоҷик аст. Бо ба даст омадани он тамоми самтҳои афзалиятноки ҷомеа рӯ ба рушд ниҳод. Имрӯз кишвари мо роҳи мустақили инкишофи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву маънавиро пеш гирифта, ба озодии сухану виҷдон ва гуногунандешӣ, ки аз ҷумлаи асосҳои давлати демократӣ мебошанд, эҳтиром мегузорад. Бо шарофати Истиқлолият нуфузу эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ боло рафта, имрӯз кишвари моро чун шарики стратегӣ мешиносанду ҳамкорӣ менамоянд. Дар дунё кишваре нест, ки ҷумҳурии моро нашиносаду эътироф нанамояд. Аз ин рӯ, қарзи шаҳрвандии ҳар яки мост, ки баҳри боз ҳам рушд ёфтани кишвари азизамон ва боло рафтани мақоми он дар арсаи ҷаҳонӣ саъю талош намоем.

# ЭҲЁИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ



Далер РАҲМОН
судяи суди ноҳияи
Синои шаҳри Душанбе

Ҳар сол 9-уми сентябр мардуми шарифи Тоҷикистон чашни Истиқлолияти давлатиро бо як шукӯҳу шаҳомати хосса таҷлил менамоянд. Истиқлолияту озодӣ барои миллати тоҷик дастоварди бузургтарин ва ғояи муқаддаси миллӣ ва эҳёи навини давлатдории миллӣ ба шумор меравад. Дар натиҷаи воқеаҳои маълуми охирҳои солҳои ҳаштодум ва ибтидои солҳои навадуми асри гузашта давлати Иттиҳоди Шӯравӣ рӯ ба таназзул овард, ниҳоят пош хӯрд. Ин имконияти муносиб ва неъмати ғайриинтизор барои ба даст овардани соҳибихтиёрии сиёсии давлату халқиятҳои аъзои он буд. 29 сол қабл, яъне санаи 9-уми сентябри соли 1991 дар ҳаёти сиёсии миллати ғаюру наҷиби тоҷик воқеаи хело муҳимму таърихие ба вуқӯъ пайваст, ки дар заминаи Эъломияи соҳибихтиёрии Тоҷикистон (24-уми августи соли 1990) Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардид, ки он абадан дар саҳифаҳои таърихи навини давлатдории миллиамон бо ҳарфҳои заррин сабт хоҳад шуд.

Қабули ин қарори муҳимми таърихӣ боис гардид, ки дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлати нав бо номи Тоҷикистон арзи ҳастӣ намояд ва он ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ҷониби давлатҳо ва созмону ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ расман шинохта шавад. Аммо, мутаассифона кишвари ҷавони Тоҷикистон дар солҳои аввали Истиқлолият бар асари мудохилаи баъзе кишварҳои хориҷӣ, ба гирдоби мухолифатҳои шадиди дохилӣ гирифтор шуда, ин раванд ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва фоҷиаи бародаркушӣ оварда расонид. Ин раванд ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятию давлатӣ, хусусан ба иқтисодиёти Тоҷикистон зарарҳои калон расонид, ки барқароркунии онҳо дар даҳсолаҳо имконпазир гардид. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дуруст қайд менамояд: “Қариб даҳ соли истиқлолият тамоми неру ва талошҳои Ҳукумати кишвар барои барқарор кардани ҳокимияти конститутсионӣ ва рукнҳои давлатдорӣ, пеш аз ҳама, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, ба Ватан баргардонидани беш аз як миллион нафар фирориён, барқарорсозии баъдиҷангӣ, таъмини сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ равона гардид”.

Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) (16-уми ноябр то 2-юми декабри соли 1992) дар шаҳри Хуҷанд дар давраи бағоят мушкил ва вазъи душвори сиёсии ҷомеа баргузор карда шуд. Хушбахтона, дар иҷлосияи мазкур масъулияти давлатдории миллӣ аз ҷониби Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба уҳда гирифта шуд ва Тоҷикистон бо заҳмату талошҳои роҳбари давлат ба муваффақиятҳои бузурги миллӣ ва байналмилалӣ ноил гардид.

Касби истиқлолияти давлатӣ аз давлати ҷавон тақозо менамуд, ки дар самти ба по мондани низоми нави ҳуқуқӣ, таҳия ва қабули қонунҳои ҷавобгӯй ба стандартҳои байналмилалӣ, муайян намудани шакли сохти давлатию идоракунӣ, фароҳам овардани шароити арзанда барои зисту зиндагонии аҳолии кишвар ва ҳамзамон таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун арзиши олӣ тадбирҳои муассирро амалӣ намояд.



Махсусан, дар қатори санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии қабулшудаи замони истиқлолият Конститутсияи ҶТ дар мақоми аввал меистад, ки тавонист, дар худ асосҳои сохтори конститутсиониро мустаҳкам намуда, тартиби ташкил, фаъолият ва ваколатҳои мақомоти олии ҳокимияти давлатиро муайян намуда, ихтилофу нофаҳмиҳоро дар ҷомеа коҳиш дод. Бори аввал ҳуқуқу озодиҳои инсонро арзиши олӣ эътироф намуда, баробарии ҳамаро дар назди қонун таъмин намуд, ки ин ба раванди ташкили давлати ҳуқуқбунёд дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон мусоидат намуд. Инчунин, барои боз ҳам мустаҳкам кардани мақом ва нуфузи меъёрҳои Конститутсия солҳои 1999, 2003 ва 2016 ба тарзи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловахо ворид карда шуд.

Имрӯз бо қаноатмандӣ метавон изҳор дошт, ки бо шарофати истиқлолияти давлатӣ тамоми заминаҳои муносиби ҳуқуқиву ташкилӣ барои рушди устувори Тоҷикистони соҳибихтиёр ва бунёди давлатдории миллӣ фароҳам оварда шудаанд. Имрӯз, хушбахтона Тоҷикистони соҳибистиқлол чузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, аъзои созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ мебошад ва аксарияти санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро эътироф намудааст, ки қисми таркибии низоми ҳуқуқии кишваррамонро ташкил мекунанд.

Ҷаҳони муосир пур аз тазодҳо ва хатарҳои умумибашарӣ аст, ки барои амнияти ва давлатдории кишварҳои олам мушкилии сарбаста гардидааст. Тоҷикистон низ ҳамчун як чузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ин раванд дар канор набуда, саҳми худро барои бартараф намудани ин хатарҳо, ба василаи созмонҳои байналмилалӣ мегузорад.

# ИСТИҚЛОЛИЯТ – УМЕД БА ФАРДОИ ДУРАХШОН



Абдулҳамид
ИСКАНДАРЗОД
судяи суди ноҳияи
Синои шаҳри Душанбе

Истиқлолият волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату миллати тоҷдори тоҷик аст, ки 29 сол муқаддам муяссараш шуд. Ин миллат дар масири таърих бо фарзандони фарзонаи худ, ки тавонистанд номи онро дар варақаи хотироти таърихӣ ба тарзи абадӣ сабт намоянд, ифтихор менамояд. Бешак, маҳз чунин тамаддуни пешрафта, суннату оинҳои дорои ҷанбаи ҳаётӣ, тафаккури зиндагисоз ва маърифати баланди ақлонии ниёгони мо буд, ки онҳо ба ганҷинаи тамаддуни башарият аз Зардушту Монӣ сар карда, то Рӯдакиву Фирдавсӣ, Абӯалӣ Синову Носири Хисрав, Умари Хайёму Имом Ғаззолӣ, Шайх Атторy Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдиву Ҳофиз, Хоҷа Камолу Мавлоно Ҷомӣ, Сайидою Бедил барин садҳо нобиғаҳои илму адабу фарҳангро ато кардаанд.

Даврони Истиқлолият барои мо имкони воқеӣ фароҳам овард, ки роҳи имрӯзуояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоем. Истиқлолият барои мо рамзи олии Ватану ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкорҳои пайгиронаи созандагӣ, азму талошҳои фидокоронаи расидан ба истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро омӯзонда, меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таҳким бахшид ва дар як вақт ҳаёти озодонаи ҳар фард ва олитарин дараҷаи бахту саодати воқеии миллатро таъмин намуд. Истиқлолият барои мо нишони барҷастаи пойдории давлат, бақои симои миллат, рамзи асолату ҳувият, идеалу армонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад.

Моҳияти асосии истиқлолият мо дар он зоҳир мегардад, ки қадри инсон ва шаҳрванд баланд гардида, ба ӯ имкон дода шуд, ки соҳиби давлатдории миллии хеш бошад. Соҳибистиқлол шудани кишварамон роҳи моро ба сӯи фардои дурахшон мепайвандад. Зеро давлати мо дар паноҳи халқи худ ва халқ дар паноҳи давлати хеш қарор дорад. Аз ин рӯ, бояд мо дар асоси арзишҳои волои умумибашарӣ ва фарҳанги қадимаи худ давлатдории миллиамонро такмил дода, ҷиҳати пойдории сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва эъмори давлати ҳуқуқбунёд қадам ба қадам пеш равем. Барои нигоҳдошти Истиқлолияти давлатӣ бояд ҳар як фарди худогоҳу худшинос ҷаҳду талош варзад. Вазифаи пуршарафи мо имрӯз аз он иборат аст, ки пойдевори Истиқлолияти давлатиро мустаҳкам намуда, пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлоламонро ба сӯи ояндаи шукуфон боз кунем. Зеро халқи тоҷик фарсахҳои зиёдро тай карда, ба мушкилиҳои зиндагӣ тоб оварда, пойдевори давлати миллиамонро мустаҳкам намудааст. Ҳамон тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд: «Яке аз муҳимтарин дастовардҳои мо дар даврони истиқлолият давлатсозӣ ва давлатдории муосири миллӣ мебошад, ки моҳиятан шакли демократӣ, ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ ва дунявиро дорад».

Ақнун – пас аз гузаштани солҳо ба ба даст овардани баъзе комёбиҳои муҳим метавонем чунин хулоса кунем: «Давраи навини давлатсозию давлатдории мустақилона моро водор сохт, роҳи ислоҳоти иқтисодӣ, дигаргун сохтани шакли моликият, ташаккули иқтисодиёти миллӣ ва сохторҳои нави идоракунии онро пеш гирифта, ба густариши муносибатҳои бозоргонӣ ва пайвастани низоми иқтисоди Тоҷикистон ба набзи иқтисоди ҷаҳонӣ роҳ кушоем».

Дар шароити кунунӣ таҳкими Истиқлолият, устувор гардонидани пояҳои давлат ва баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии инсон барои на танҳо мардуми мо, балки тамоми инсоният мазмуни ҳаётан муҳим пайдо мекунад. Зеро даҳсолаҳои охир пешрафти босуръати илму техника ва қувват гирифта истодани ҷаҳонишавӣ инсониятро ба муҳити комилан нав ворид намуда, боиси ташаккул ёфтани низоми фарогири равобити сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва иттилоотиву маънавӣ гардидааст.

Самараи неки истиқлол аст, ки имрӯз Тоҷикистон дар дунё чун давлати сулҳхоҳу сулҳпарвар шинохта шудааст. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон манбаи омӯзиши сулҳхоҳони ҷаҳон гашт, ки боиси ифтихори ҳар як кавми тоҷик аст. Мо бояд аз ин миллати барумад биболему барои боз ҳам машҳуртар гардидани он кӯшиши ғайрат намоем. Аз ин лиҳоз, бо чунин орзуҳо гуфтаниям, ки бигузор ҷашни муқаддаси истиқлолият барои ҳар фарди соҳибдилу озодаи кишвар саломатӣ, бахту саодат, зиндагии осуда ва комёбию кушоишҳо оварад!

**Поянда бод, давлати соҳибистиқлоли тоҷикон!**

# ҲУҚУҚҲОИ ИНТИХОБОТИИ ШАХСОНИ КАМТАВОН



**Эмомалӣ МИРАЛӢ**
**муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, коршиноси КМИР ҶТ**

**Шахсони дорои имконияти маҳдуд категория ба ҳимоя эҳтиёҷманди аҳолӣ ба шумор рафта, ғамхории махсуси давлатро дар тамоми соҳаҳои ҳаётии онҳо талаб менамояд. Чунки ин қишри ҷомеа вобаста ба доштани имкониятҳои маҳдуд ҳуқуқу манфиатҳои қонунии хешро ба таври зарурӣ ба амал баровbooарда наметавонанд. Бинобар ин, сиёсати давлат ҳамеша ба самти дастгирии шахсони дорои имконияти маҳдуд нигаронида шудааст ва ба таври доимӣ аз ҷониби ҳукумати мамлакат чораҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои ин қишри ҷомеа андешида мешавад.**



**Муҳаммад РАҲМОНЗОДА**
**асистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, коршиноси КМИР ҶТ**

Ҳуқуқу озодиҳои шахсони дорои имконияти маҳдуд чун дигар шахсон дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ муқаррар гардидаст. Яъне қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалӣ иштироки васеи шахсони дорои имконияти маҳдудро дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ, аз ҷумла ҳуқуқи иштироки онҳоро дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамоянд.

Кафолати иштироки шахсони дорои имконияти маҳдудро дар ҳаёти сиёсӣ моддаҳои 1, 6, 27, 65 ва дигар меъёрҳои Конститутсияи ҶТ муқаррар менамояд. Дар моддаи 6 Конститутсияи ҶТ пешбинӣ гардидааст: "Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот аст". Бояд қайд намуд, ки дар зери мафҳуми халқи Тоҷикистон шаҳрвандони ҶТ фаҳмида мешавад. Аз ин рӯ, шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд, ки шаҳрвандони ҶТ мебошад, метавонанд дар амалигардонии ҳокимияти давлатӣ иштирок намуда, иродаи худро тавассути интихоботи озоду шаффоф иброз намоянд. Яъне ин қишри ҷомеа метавонанд ба таври озод дар интихоботи Президенти ҶТ иштирок намуда, сарвари давлати худро тавассути овоздиҳии умумӣ, пинҳонӣ, бевосита ва баробар интихоб намоянд. Талаботи мазкурро санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон низ кафолат медиҳанд. Аз ҷумла, дар моддаи 21 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (ЭУҲБ) зикр мешавад, ки: "Иродаи халқ бояд асоси ҳокимият бошад. Ин ирода бояд ба воситаи интихоботи давра ба давра ва бидуни сохтакорӣ.., ба амал бароварда мешавад". Дар моддаи 25 Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ (ПБҲШС) бошад, талаботи мазкур ба таври зайл пешбинӣ мегардад: Ҳар як шаҳрванд бояд бидуни ягон навъ табъиз ва бидуни маҳдудиятҳои беасос ҳуқуқ дорад дар интихоботи озоди даврӣ, ки дар асоси ҳуқуқи интихоботии умумӣ ва баробар бо овоздиҳии пӯшида ва таъминкунандаи иродаи озоди интихобкунандагон доир карда мешаванд, иштирок намояд ва интихоб шавад.

Дар моддаи 27 Конститутсияи ҶТ бошад, пешбинӣ мешавад, ки шаҳрванд аз синни 18 ҳуқуқи дар раъйпурсӣ иштирок кардан, интихоб намудан, инчунин аз синни муқаррарнамудаи Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо ҳуқуқи интихоб шуданро дорад. Меъёри мазкур талаботро барои иштирок дар ҳаёти сиёсии мамлакат муқаррар менамояд. Яъне шаҳрвандони ҶТ танҳо дар сурати расидан ба синни муқаррар кардаи моддаи 27 ва дигар моддаҳои Конститутсияи ҶТ метавонанд дар чорабиниҳои муҳими сиёсӣ, аз ҷумла интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намоянд, овоз диҳанд ва ё интихоб шавад. Моддаи мазкур хусусияти умумӣ дошта, ба тамоми шаҳрвандони кишвар татбиқ мешавад, новобаста аз ягон шакли табъиз.

Моддаи 65 Конститутсияи ҶТ пурра ба принсипҳои интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талабот нисбати номзад ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Принсипҳои асосии ҳуқуқи интихоботӣ ин овоздиҳии умумӣ, баробар, бевосита ва пинҳонӣ мебошанд. Талаботи мазкур дар моддаи 1 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз соли 1994 низ пешбинӣ гардидааст. Бояд қайд намуд, ки шахсони дорои имконияти маҳдуд ба таври умумӣ ва баробар дар интихобот иштирок намуда, бевосита ва пинҳонӣ ақидаи худро иброз менамоянд. Хусусияти махсуси иштироки шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он аст, ки комиссияҳои интихоботӣ оид ба интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор мебошанд, ки иштироки бевоситаи онҳоро дар интихобот таъмин намоянд. Яъне дар сурати имконияти ба участкаҳои интихоботӣ омаданро надоштан, аз ҷониби комиссияҳои участкавӣ қуттиҳои сайёр ташкил гардида, онҳо бевосита шахсан овоз дода ба қуттии сайёр меандозанд. Дар сурати ҳозир шудан ба участкаҳои интихоботӣ аммо имкони пур кардани блютенро надоштан ба онҳо кӯмак расонида мешавад, вале ба шарти вайрон нашудани принсипи овоздиҳии пинҳонӣ. Инчунин барои боз ҳам хубтар намудани шароити овоздиҳии шахсони дорои имконияти маҳдуд дар назди биноҳои комиссияҳои участкавӣ роҳравҳо (пандусҳо) барои шахсони дорои имконятҳои маҳдуд сохта мешавад. Инчунин, кабинаи алоҳида бо нишони аробачаи маъюбӣ ташкил карда мешавад ва дохили кабина махсус барои шахсони маъюб маҷаҳҳаз мегардад.

Бояд қайд намуд, ки дар сатҳи байналмилалӣ ягона санаде, ки тамоми паҳлуҳои ҳаёти сиёсии маъюбонро танзим менамояд, Конвенсия дар бораи маъюбон ба ҳисоб меравад. Чунки дигар санадҳои байналмилалӣ хусусияти умумӣ доранд. Конвенсия аз ҷониби Маҷмааи кулли Созмони Милали Муттаҳид моҳи декабри соли 2006 қабул гардида, моҳи майи соли 2008 мавриди амал қарор дода шудааст. Ба ҳолати имрӯза 175 давлати дунё аъзои ин Конвенсия мебошанд. Конвенсияи мазкур соли 2018 аз ҷониби сарвари давлати Тоҷикистон имзо гардид, ки ин як марҳилаи нав дар инкишофи ҳуқуқу озодиҳои шахсони дорои имконияти маҳдуддошта ва иштироки фаъоли онҳо дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷмула ҳаёти сиёсиро ба бор овард. Моддаи 5 Конвенсия оид ба ҳуқуқи шахсони маъюб «Баробарӣ ва манъи табъиз» ном дошта, уҳдадории давлатҳоро бобати манъи тамоми шаклҳои табъиз нисбати маъюбон пешбинӣ мекунад. Аз ҷумла, давлатҳои аъзо тамоми намудҳои табъизро аз рӯи нишонаи маъюбӣ манъ мекунанд ва ба маъюбон ҳимояи босамару баробари ҳуқуқиро аз табъизи гуногунасос кафолат медиҳанд.

Моддаи 29 Конвенсияи мазкур бошад, иштироки маъюбонро дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ муқаррар менамояд. дар асоси муқарраротИ моддаи зикршуда давлатҳои аъзо ба маъюбон ҳуқуқҳои сиёсӣ ва имкониятҳои истифодаи онҳоро дар қатори дигарон кафолат медиҳанд ва вазифаҳои зеринро ба уҳда мегиранд:

**1) таъмин менамоянд, ки маъюбон бевосита ё тавассути намояндагони озодона интихобнамудаи худ дар қатори дигарон дар ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятӣ самаранок ва ҳаматрафа иштирок карда тавонанд;**

**2) таъмин намудани мувофиқат, дастрасӣ ва барои фаҳмиш ва истифода осон будани тартибот, бино ва маводи овоздиҳӣ;**

**3) ҳифз намудани ҳуқуқҳои маъюбон барои иштирок дар овоздиҳии пинҳонӣ дар интихобот ва райъпурсӣ;**

**4) кафолат додани изҳори иродаи озоди маъюбон ҳамчун интихобкунанда;**

**Ҳамин тариқ, Конвенсия дар бораи маъюбон шароити бозҳам мусоидро барои шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд, дар самти иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсии мамлакати худ пешбинӣ намуд ва ин як марҳилаи боз ҳам хубтару беҳтар гардидани ҳуқуқу озодиҳои шахсони дорои имкониятҳои маҳдуддошта мегардад.**

**Дар ҳамин асно, бо қарори Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистоназ «14» июли соли 2020, №93 Дастурамал барои комиссияҳои интихоботӣ ҷиҳати таъмини ҳуқуқҳои шахсони имкониятaшон маҳдуд дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки ба сифати роҳнамои асосии комиссияҳои интихобти баромад мекунад. Чунки дар он тамоми паҳлуҳои таъмини иштироки шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст ва уҳдадориҳои комиссияҳои интихоботи ҷиҳати таъмини иштироки маъюбон дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст.**

**Комиссияи участкавии интихобот дар самти таъмини ҳуқуқи интихоботии шахсони имкониятaшон маҳдуд вазифадор аст:**

**1. Руйхати шахсони имкониятaшон маҳдудро омода ва эҳтиёҷоти ҷисмонии онҳоро муайян намояд;**

**2. Дархости хаттӣ ё шифоҳии шахсони имкониятaшон маҳдудро дар бораи овоздиҳӣ дар хона на камтар аз даҳ рӯз пеш аз овоздиҳӣ қабул намояд;**

**3. Дар сурате, ки интихобкунанда – шахси имкониятaш маҳдуд дар давраи байни пешниҳоди руйхати интихобкунандагон барои шиносоии умумӣ ва рӯзи овоздиҳӣ, яъне дар давоми 15 рӯз то овоздиҳӣ, ҷойи буду боши худро тағйир диҳад (ба табобат ё санатория равад), комиссияи участкавӣ бо дархости ӯ ва бо пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсиятaш ба интихобкунанда шаҳодатномаи ҳуқуқи овоздиҳӣ диҳад;**

**4. Барои ташкили пандусҳо дар участкаи интихоботӣ ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва роҳбари ташкилоте, ки бино дар ихтиёри ӯ мебошад, муроҷиат намояд;**

**5. Кабинаи алоҳидаро дар участкаи интихоботӣ ҷиҳозонида, андозаи зарурии миз ва меъёри зарурии равшаниро дар дохили кабинаи овоздиҳӣ таъмин намояд;**

**6. Аз ҳисоби узви комиссияи участкавӣ ва волонтёрон шахсони мутасаддиро барои кумак расонидан ҳангоми наздик шудан ба участка, ворид шудан ба участкаи интихоботӣ, кабинаи овоздиҳӣ ва гусели шахси имкониятaш маҳдуд вазифадор намояд;**

**7. Бо дархости шахси имкониятaш маҳдуд шахси беғараз ва холисро барои кумак намудан дар пур кардани бюллетен ҷалб намояд;**

**8. Бе дархост ва розигии шахси дорои имкониятaш маҳдуд шахсони холисро ҷалб накунад ва махфияти овоздиҳии ӯро таъмин намояд;**

**9. Арзу шикояти шахси имкониятaш маҳдудро оид ба масъалаҳои вобаста ба интихобот қабул ва сари вақт баррасӣ кунад.**

Амалӣ намудани вазифаҳои дар назди комиссияҳои ҳавзавӣ ва участкавии интихобот вобаста ба таъмини ҳуқуқи шахсони имкониятaшон маҳдуд дар интихобот гузошта шудаанд, иҷрои муқаррароти Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбонро таъмин карда, баҳри иштироки фаъолонаи онҳо дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Хулоса, шахсони дорои имконияти маҳдуд аз тамоми ҳуқуқу озодиҳое, ки Конститутсияи ҶТ, қонунҳо, санадҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст ва санадҳои зерқонунӣ пешбинӣ намудаанд, ба таври фаъол истифода бурда, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ иштирок доранд.

# БЕХАТАРИИ САЙЁҲӢ

Сайёҳӣ айни ҳол яке аз самтҳои зудинкишофёбанда дар бозори байналмилалӣ ва соҳаи хизматрасонӣ ба ҳисоб меравад. Тақрибан ҳамаи кишварҳо ба бозори умумиҷаҳонии сайёҳӣ шомиланд, аммо тақсимоти захираҳои сайёҳӣ вобаста ба сатҳҳои гуногуни рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳо якранг нестанд, ки дар натиҷа ба ноустувории амнияти сайёҳӣ оварда мерасонад. Инкишофи соҳаи сайёҳӣ ба омилҳои мухталиф алоқаманд аст, ки ин омилҳо ба рушди соҳаи сайёҳӣ мусоидат мекунанд. Ба онҳо рақобат, технологияҳои иттилоотӣ, сайёҳати ҳавоӣ, хизматрасониҳои операторони сайёҳӣ, вазъи сиёсиву иҷтимоии кишвар ва инчунин баланд бардоштани сатҳи амният дохил мешаванд. Ташкилотҳои сайёҳӣ наметавонанд тамоми масъалаҳои амниятро, ки ба фаъолияти онҳо вобастаанд, бидуни дастгирии давлат мустақилона ҳал намоянд.

Аён аст, ки чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани амнияти сайёҳӣ дар кишвари мо бояд дар ду самт тадбиқ гарданд:

1) таъмини шароит барои амнияти ҳамаҷонибаи сайёҳон

2) таъмини мустақими амнияти сайёҳон.

Қонунгузории ҶТ дар бораи фаъолияти сайёҳӣ принсипҳои сиёсати давлатиро муайян менамояд, ки ба ташкили заминаи ҳуқуқи бозори ягонаи сайёҳӣ дар ҶТ нигаронида шудааст.

Мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба таъмини бехатарии саёҳати шаҳрвандон масъул мебошанд. Мақомоти дахлдори марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ низоми огоҳонидани сайёҳонро аз хавфу хатарҳои муайяншуда ва ҳолатҳои фавқулода ба роҳ монда, мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи ҳолатҳои фавқулода барои таъмини бехатарии сайёҳон бахши махсуси доимоамалкунандаи ҳудро ташкил медиҳанд. Дар ҳолати рух додани ҳолатҳои фавқулода ё садамавӣ мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дарҳол тибқи муқаррароти қонунгузории ҶТ амалиёти начотдиҳиро ба роҳ мемонанд.



Ба фароҳам овардани шароити бехатарӣ дар раванди ташкили саёҳати шаҳрвандон субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ масъул мебошанд. Аз ҷумла, шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки дар дохили мамлакат бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ ба хизматрасонии сайёҳӣ машғул мебошанд;

Ӯҳдадориҳои субъектони хизматрасонии сайёҳӣ аз инҳо иборатанд:

- санадҳо ва меъёрҳои таъминкунандаи бехатарии истеҳсолӣ ва зиддисӯхториро риоя намоянд.
- такмили додани дониш ва тайёрии касбии кормандон ҷиҳати таъмини бехатарии сайёҳон
- маълумотонидани сайёҳон доир ба бехатарӣ дар маҳалҳои мушаххас ва ғайра

Субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ тартиби истифодаи объектҳои сайёҳӣ, амалӣ гардонидани тадбирҳои бехатарӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулода, хизматрасонӣ ба гурӯҳҳое, ки барои сайру саёҳат имконияти маҳдуд доранд, расонидани кӯмаки аввалия зимни садама ва ҳолатҳои фавқулода ва дигар ҳолатҳоро ба кормандон ва таҷрибаомӯзони (волонтёрони) худ меомӯзонанд.

Дар баробари субъектони хизматрасонии сайёҳӣ, инчунин сайёҳон низ дорои як қатор ӯҳдадорӣ мебошанд.

- шаҳрвандон ҳангоми саёҳат бояд тартиботи ҷамъиятиро риоя намуда, дар доираи муқаррароти хатсайри сайёҳӣ амал намоянд.
- шаҳрвандон ҳангоми саёҳат ба эҳтироми урфу одатҳо ва анъанаҳои маҳаллӣ ва зарар нарасонидан ба захираҳои сайёҳии маҳал масъул бошанд.

Аз ҷониби давлат бояд қабули қарорҳо бо назардошти тавозуни манфиатҳои рушди сайёҳӣ сурат гирифта, ҳамзамон амнияти сайёҳӣ ба инобат гирифта шавад. Дар ин самт қонунгузории ҶТ бояд дучори таҳаввул гарданд. Аммо бо назардошти мураккабии муносибатҳои баррасишаванда ва тамоюли доимии инкишофёбии онҳо, метавон хулоса кард, ки зарурати такмили минбаъдаи танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи туризм ва аҳамияти он дар ҷомеаи инкишофёбандаи кунунӣ танҳо аз вақт вобаста аст.



**Абдулхайри ҲАСАН**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат**

# ХУШХАБАР




Аз ҷониби доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бозоров Раҷаб Бойназарович соли 2020 монография зери унвони «Сармоягузорӣ: назария ва танзими ҳуқуқӣ» дар ҳаҷми 174 саҳифа аз чоп баромад. Дар он муаллиф масоили асосноккунии назариявии конструксияҳои сармоягузорӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ, заминаҳои объективии танзими ҳуқуқии сармоягузорӣ, муносибатҳои ҳуқуқи сармоягузорӣ, танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ ва мафҳум, табиати ҳуқуқӣ, таркиби шартномаҳои сармоягузориро таҳлил намудааст. Монографияи мазкур фарогири масоили калидии танзими ҳуқуқии сармоягузорӣ мебошад. Аз нигоҳи назариявӣ конструксияи ҳуқуқии сармоягузорӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ таҳлил гардида, танзими ҳуқуқии муносибатҳои сармоягузорӣ аз нигоҳи танзими ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин ҳамоҳангии онҳо ба таври муфассал таҳқиқ карда шудааст. Дар ин монография кафолатҳои ҳуқуқии ба сармоягузор пешниҳодшаванда таҳлил шудаанд ва аҳамияти амалии онҳо барои ҷалби сармоя, махсусан сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти давлат- ретсипиент нишон дода шудаанд. Муаллиф дар асоси омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи сармоягузорӣ ва аз нуктаҳои назари дар адабиёти ҳуқуқӣ мавҷудбуда кӯшиш намудааст то махсусиятҳои муносибатҳои сармоягузорӣ, хусусиятҳои таснифи онҳо, субъект ва объекти муносибатҳои сармоягузориро ошкор намояд. Монографияи ба омӯзгорон, аспирантон ва донишҷӯёни донишгоҳҳои олӣ, факултетҳои ҳуқуқшиносиву иқтисодӣ тавсия карда мешавад, инчунин барои кормандони амалии сохторҳои давлатӣ ва онҳое, ки ба мушкилоти танзими ҳуқуқии муносибатҳои сармоягузорӣ дар шароити бозорӣ шавқманданд, манфиатовар хоҳад буд.

Ҳамчунин аз ҷониби номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ Давлатзода Комрон Давлат соли 2020 монография дар мавзӯи “Масъалаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии мубориза бар зидди тамаъҷӯӣ” дар ҳаҷми 154 аз чоп баромад.

Маводи мазкур дар баррасии масъалаҳои мубориза бар зидди тамаъҷӯӣ, ки он аз вазифаҳои асосии ҷомеаи имрӯзаи мо — тоҷикон ба шумор меравад, ифодаи худро ёфтааст.

Мақсади ба рӯи чоп овардани монографияи мазкур, ин таҳлили ҳамаҷонибаи меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани тамаъҷӯӣ аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ-таърихӣ, гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии назария ва амалияи ҷанбаи ҳуқуқии ҷиноятии ин соҳа, коркарди пешниҳод барои такмили қонунгузории миллӣ дар бахши ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани ин навъи ҷиноятро фаро мегирад.

Дар монография моҳияти мафҳуми «тамаъҷӯӣ» бозгӯӣ шуд, объект ва предмети тамаъҷӯӣ баррасӣ гардид, нуктаҳои бахсталаби тамаъҷӯӣ




мавриди омӯзиш қарор гирифта, барои такмили масъалаҳои вобаста ба аломатҳои таснифшавандаи он пешниҳодоти муфид тавсия гардидаанд. Пешниҳод барои такмили меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ оид ба тамаъҷӯӣ коркард шуда, тадқиқот оид ба тамаъҷӯӣ бо дарназардошти ҷанбаҳои криминологӣ сурат гирифтааст. Бори аввал дар илми ҳуқуқшиносии тоҷик шарҳи муаллифии мафҳуми «тамаъҷӯӣ» ба таври мукаммал пешниҳод гардидааст.

Дар қисми хотимавии монография, пешниҳодҳои амиқ ва дар асоси илм коркадшуда, ки ба такмили ояндаи қонунгузории ҷиноятӣ мувофиқат менамоянд, оварда шудаанд.

# БАҚАЙДГИРИИ НОМЗАДҲО БА МАНСАБИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



Комрон ДАВЛАТЗОДА
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
коршиноси КМИР ҶТ

**Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар асосҳои сохтори конститутсионӣ, ба монанди ҳуқуқбунёд, демократӣ, дунявӣ ва ягона будани Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин соҳибихтиёрии халқро нишон додааст. Муқаррар карда шудааст, ки дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ мебошад. Иродаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ мувофиқи Конститутсияи ҶТ раъйпурсӣ ва интихобот аст.**



Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳуқуқи интихоботӣ ҳамчун шакли бевоситаи тачассуми ҳокимияти халқ бо ҳуқуқу озодиҳои сиёсии шаҳрвандон дар пайвандӣ амал мекунад. Ҳуқуқи фардии шаҳрвандон ба иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ заминаи моддии интихоб кардан ва интихоб шудан ба мансабҳои интихобии давлатӣ мебошад. Муайянсозии объект ва субъектҳои ҳуқуқи интихоботӣ низ бо ҳамин омилҳо алоқаманданд.

Дар раванди интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрванд ҳамчун субъекти ҳуқуқҳои сиёсӣ бо риояи қоидаҳои муқарраршуда дар ташкил ва гузаронидани он иштирок карда метавонад. Дар ҶТ иштирок дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҳуқуқҳои асосӣ буда, иштирок дар он ба иродаи шаҳрванд вобаста аст. Албатта, барои шаҳрванди бофарҳанг ва масъулиятшинос иштирок дар интихобот ва риоя шудани қоидаҳои демократӣ бетафовут нест.

Тартиби бақайдгирии номзадҳо ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конститутсияи ҶТ, Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дастурамалу қарорҳои дахлдори Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим шудаанд.

Дар низоми қонунгузории ҶТ барои бақайдгирии номзадҳо ба мансаби Президенти ҶТ ҳолатҳои гуногун пешбинӣ карда шудаанд, ки онҳо дар сатҳи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар гашта, ба омилҳои гуногун робита доранд.

Дар асоси талаботи моддаи 25 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» бақайдгирии номзадҳои ба мансаби Президенти ҶТ пешбаришуда аз тарафи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ дар давоми се рӯз аз лаҳзаи расидани ҳуҷҷатҳои зарурӣ, вале на дертар аз 25 рӯз то интихобот сурат мегирад.

Бояд қайд намуд, ки қарор дар бораи бақайдгирии номзад ба мансаби Президенти ҶТ, ки аз тарафи ҳизбҳои сиёсии ҷумҳурӣ, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон, Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ, Маҷлиси вакилони халқи вилоятҳо, Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе, инчунин маҷлиси намояндагони вакилони халқи Маҷлиси вакилони халқи ноҳия ва шаҳрҳои тобеи ҷумҳурӣ дар сурати мавҷуд будани чунин ҳуҷҷатҳо қабул карда мешавад:

– Протоколи маҷлиси мақоми олии (анҷумани, конференсияи) ҳизбҳои сиёсӣ, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон, Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ, Маҷлиси вакилони халқи вилоятҳо, Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе, инчунин маҷлиси намояндагони вакилони халқи Маҷлиси вакилони халқи ноҳия ва шаҳрҳои тобеи ҷумҳурӣ;

– Нусхаи шиноснома (корти идентификатсионӣ);

– Маълумот дар бораи даромад ва вазъи молумулкӣ дар шакли эъломияи андоз;

– Маълумотномаи тиббӣ оид ба вазъи саломатӣ;

– Маълумотнома аз ҷойи истиқомат бо мақсади муайян намудани мӯҳлати 10-солаи истиқомат дар ҳудуди ҷумҳурӣ;

– Нусхаи ҳуҷҷати расмие, ки доштани таҳсилоти олиро тасдиқ мекунад;

– Хулосаи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ дар хусуси муайян намудани сатҳи донистани забони давлатӣ;

– Маълумот аз Сармаркази иттилоотии таҳлилии Вазорати корҳои дохилии ҶТ оид ба надоштани доғи судӣ;

– Бланкаҳо бо имзои шаҳрвандон оид ба дастгирии номзад ба мансаби Президент, ки раисони ноҳияҳо, шаҳрҳо тасдиқ кардаанд;

– Маълумоти тарҷумаи ҳоли номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муаррификунандаи хислатҳои корӣ ва шахсии ӯ мебошад;

– Аризаи номзад дар бораи пешбарӣ кардан ба мансаби Президенти ҶТ.

Номзад ба мансаби Президенти ҶТ, инчунин шахсони боэътимоди номзад наметавонанд дар ягон Комиссияи интихоботӣ оид ба интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзо бошанд. Агар узви яке аз Комиссияҳои интихоботӣ оид ба интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон номзад ё шахси боэътимод пешбарӣ шуда бошад, вай аз вазифаи узви комиссия аз лаҳзаи ҳамчун номзад ба мансаби Президенти ҶТ ё шахсӣ боэътимод ба қайд гирифта шуданаш озод кардашуда ҳисоб мёбад.

Лозим ба ёдоварист, ки Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ дар давоми ду рӯз баъди бақайдгирии номзадҳо ба мансаби Президенти ҶТ ба онҳо шаҳодатномаи дахлдор медиҳад.

Бояд хотиррасон кард, ки агар Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ бақайдгирии номзадро ба мансаби Президенти ҶТ рад кунад, дар ин бора аз тарафи ҳизбҳои сиёсии ҷумҳурӣ, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон, Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ, Маҷлиси вакилони халқи вилоятҳо, Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе, инчунин маҷлиси намояндагони вакилони халқи Маҷлиси вакилони халқи ноҳия ва шаҳрҳои тобеи ҷумҳурӣ, ки номзади мазкурро пешбарӣ кардаанд ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят кардан мумкин аст ва шикоят дар мӯҳлати шаш рӯз баррасӣ карда мешавад. Қарори Суди Олии ҶТ қатъӣ мебошад.

Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ дар мӯҳлати ҳафт рӯз баъди бақайдгирии номзад ба мансаби Президенти ҶТ дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият», «Садои мардум» ва Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» дар бораи бақайдгирӣ бо зикри насаб, ном ва номи падар, сол ва ҷои таваллуд, вазифа ва ҷои кор, ҳизбият, маҳалли зист, вазъи оилавии номзад, инчунин номи мақоме, ки номзадро ба мансаби Президенти ҶТ пешниҳод кардааст, хабар чоп карда, инчунин бо мақсади дастраси умум шудани ин қарор Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ маълумоти зикргардидаро дар сомонаи худ ҷой медиҳад.

Дар охир қайд кардани ҳастам, ки интихоботи дарпешистода омили муттаҳидкунандаи халқи Тоҷикистон, таҳкими сулҳу субот, ваҳдати милливу сарҷамъии мардуми соҳибтамаддунамон гардида, ба болоравии эътибору обрӯи давлати соҳибистиқлоламон дар арсаи ҷаҳонӣ асос мегузорад.

# ИНТИХОБОТ ВА РУШДИ



Изатулло МАҲМУДОВ
мудири кафедраи ҳуқуқи
судӣ ва назорати прокурорӣ,
дотсент, коршиноси КМИР ҶТ

## ИНТИХОБОТ – ИФОДАИ ОЛИИ ҲОКИМИЯТИ ХАЛҚ

Омӯзишу таҳлили сарчашмаҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмию таълимӣ ва афкори арзишманди мутафаккирон ба он далолат мекунанд, ки интихобот яке аз қадимтарин ниҳодҳои ҷомеаи башарӣ ва унсури ҷудонопазири ҳаёти сиёсию ҷамъиятии кишварҳои ҷаҳон ба ҳисоб меравад.

Оид ба мазмуну моҳият ва аҳамияти интихобот ҳамчун падидаи муҳими сиёсӣ аз ҷониби олимону донишмандони маъруфу шуҳратёри тоҷик андешаву назари арзанда ва ҷолиб баён шудаанд. Дар умум, интихобот ҳамчун ифодаи олии ҳокимияти халқ, воситаи амалишавии соҳибихтиёрии халқ, василаи қонунӣ гардонидани ҳокимият, роҳи осоишта ва мусолиҳатомези ба даст овардани ҳокимият, ташаккули мақомоти олии давлатӣ, пайравӣ ва нишон аз арзишҳои умумибашарӣ ва демократӣ доштани давлат маънидод карда мешавад.

## ЭЪЛОМИЯИ УМУМИИ ҲУҚУҚИ БАШАР

Бо роҳи гузаронидани интихобот аслан мардум намояндагони худро барои иҷрои вазифа ва мансабҳои муайяни давлатӣ интихоб менамоянд. Мувофиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ халқ дар замони муосир ба воситаи интихобот ва райъпурсӣ мақсаду мароми худро амалӣ карда, ба ин восита дар идоракунии давлат саҳм мегузорад. Дар банди 3 моддаи 21 Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар (1948) пешбинӣ шудааст, ки: «Иродаи мардум бояд асоси ҳокимияти давлат бошад; иродаи мардум ифодаи худро бояд дар интихоботи даврӣ ва ғайрисохтакорона, ки бояд дар асоси ҳуқуқи интихоботи умумӣ ва баробар ва бо овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида шавад ва ё ба василаи тартиби баробарахамияти дигар, ки овоздиҳии озодро таъмин мекунад, пайдо намояд».

## ПАЙМОНИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ОИД БА ҲУҚУҚҲОИ ГРАЖДАНӢ ВА СИЁСӢ

Ҳамзамон дар моддаи 25 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи гражданӣ ва сиёсӣ пешбинӣ шудааст, ки: «Ҳар шаҳрванд бидуни ҳар гуна табъиз ва бидуни маҳдудияти беасос бояд ҳуқуқу имконияти зеринро дошта бошад: а) дар идораи корҳои давлатӣ мустақиман ва ё аз тарики намояндагоне, ки озодона интихоб мешаванд иштирок намояд; б) дар интихоботи воқеан даврӣ, ки дар асоси ҳуқуқи интихоботи умумӣ ва баробар ва бо овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида мешавад ва изҳори озодонаи иродаи интихобкунандагонро таъмин мекунад, овоз диҳад ва интихоб шавад». Зимнан, бояд эътироф намуд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи интихобот пурра ба арзишҳои демократии байналмилалӣ, стандартҳои эътирофшудаи ҷаҳонӣ ва талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мувофиқат мекунад.

Яке аз нишонаҳои асосии демократӣ будани давлат дар он ифода меёбад, ки ҳокимияти давлатӣ дар ҳудуди он бо кадом тарз амалӣ карда мешавад. Агар ташкили мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ (масалан президент, парламент, ҳукумат, низоми судӣ) дар ҳолати истифода аз усулҳои бунёдии демократӣ, аз қабили падидаҳои интихобот, райъпурсӣ, соҳибихтиёрии халқ, гуногунандешии сиёсӣ, иштироки фаъолонаи ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар ҳаёти сиёсӣ ва ғайра асос ёфта бошанд, пас хулоса кардан мумкин аст, ки дар ҳудуди ин давлат режими сиёсии демократӣ амал мекунад. Ва баръакс, зимни сарфи назар намудани падидаҳои демократӣ, аз ҷумла тавассути маҳдуд будани дастрасии шаҳрвандон ҷиҳати иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ, ташкили мақомоти олии давлат бидуни иродаи халқ, маҳдуд намудани ҳуқуқи интихобот, муттаҳид намудани ҳокимият дар дасти танҳо як шохаи ҳокимият, манъи ҳизбҳои сиёсӣ ва ғ. дар ҳудуди давлатҳои алоҳида, кас ба андешае меояд, ки режими давлат ғайридемократӣ аст.

## КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мавриди зикри хос аст, ки қабули Конститутсияи ҶТ соли 1994 аз тариқи райъпурсии умумихалқӣ яке аз дастовардҳои арзишмандтарини даврони соҳибихтиёрии давлатӣ ба ҳисоб рафта, нақши он дар тақвияти кафолатҳои иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсии кишвар беназир аст. Аз ҷумла, як бахши мустақили ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро дар Конститутсия ин ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ (моддаҳои 27, 28, 29, 30, 31) ташкил менамоянд, ки дар маҷмӯъ амалишавии онҳо барои иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ мусоидат менамоянд. Мувофиқи муқаррароти қисми 1-и моддаи 6-уми Конститутсияи ҶТ халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ менамояд. Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ райъпурсии умумихалқӣ ва интихобот ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи қисми якуми моддаи 27 Конститутсияи ҶТ шаҳрванд ҳақ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд. Тибқи талаботи қисми дуюми моддаи мазкур шаҳрванд аз синни 18 ҳуқуқи дар райъпурсӣ иштирок кардан, интихоб намудан, инчунин аз синни муқаррарнамудаи Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо ҳуқуқи интихоб шуданро дорад. Шахсоне, ки аз тарафи суд ғайри қобили амал дониста шудаанд ва ё мувофиқи ҳукми суд дар ҷойҳои аз озодӣ маҳрумшудагон нигоҳ дошта мешаванд, ҳуқуқи дар интихобот ва райъпурсӣ иштирок карданро надоранд.

## ШАКЛИ ИДОРАКУНӢ

Мувофиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ айни замон ду шакли идоракунӣ фарқ карда мешавад: 1) шакли идораи монархӣ ё шоҳигарӣ; 2) шакли идораи ҷумҳурӣ. Дар умум мазмуни шакли идоракуниро ин тарзи ташкили ҳокимияти олии давлатӣ, тартиби ташкили мақомоти олии давлатӣ – парламент, президент, ҳукумат, муносибати байни мақомоти давлатӣ, байни онҳо ва аҳолӣ ташкил медиҳад. Ҷумҳурӣ чунин шакли идоракунист, ки дар он мақомоти олии давлатӣ ба мӯҳлати муайян интихоб мешавад. Мутобиқи қисми 2 моддаи 1 Конститутсияи Тоҷикистон шакли идораи ҶТ президентӣ мебошад. Мазмуни моддаи мазкур дар он ифода меёбад, ки Президенти кишвар аз ҷониби шаҳрвандон ба мӯҳлати муайян интихоб карда мешавад.



## ПАЙДОИШИ НИҲОДИ ПРЕЗИДЕНТӢ

Зимнан, бояд ёдрас шуд, ки падидаи президентӣ ҳамчун сарвари давлат дар фаҳмиши муосир аввалин маротиба дар Амрико интиҳои асри XVIII пайдо шуда дар Конститутсияи соли 1787 мустаҳкам шудааст. Баъдан дар як қатор кишварҳои Аврупо ба монанди Фаронса, Австрия, Полша, Чехославакия, кишварҳои соҳили Балтика падидаи мазкур ба миён омада, рушд кард. Айни замон аз 4/3 ҳиссаи кишварҳои дунё аз падидаи ҷумҳурии президентӣ пайравӣ мекунанд.

Дар ҶТ падидаи президентӣ ибтидои солҳои 90-уми садсолаи гузашта рӯйи кор омада дар замони Истиқлолияти давлатӣ рушд ва бо дарназардошти воқеияти ҳаёти ҷамъиятӣ ва ҳуқуқии кишвар такмил ёфт. Дар маҷмӯъ омилҳои объективие, ки ба таъсиси ниҳоди президентӣ дар Тоҷикистон мусоидат намуданд, инҳо ба ҳисоб мераванд: фаъолона ворид намудани равандҳои демократӣ дар низоми идоракунӣ ва ҳаёти сиёсии кишвар, зарурати амалӣ намудани принсипи таҷзияи ҳокимият, гузариш аз низоми яккаҳизбӣ ба низоми гуногунандешии сиёсӣ, кушиши ба эътидол овардани авзои ноороми сиёсии давр ва ба таври оҷилона роҳбарӣ кардани кишвар, зарурати ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва таъмини қонуняту тартибот дар кишвар ва ғ.

Ҷорӣ намудани падидаи президентӣ дар ҶТ ҳамчун шакли идораи давлатӣ пеш аз ҳама ба мақсади бунёди ҷомеаи демократӣ, таҳкими тартиботи конститутсионӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, омили муҳими таъмини суботи ҷомеа, ҷалби шаҳрвандон ба ҷараёни корҳои идоракунии давлатӣ ва таҳкими арзишҳои демократӣ нигаронида шудааст. Шакли идораи ҷумҳурии президентӣ дар шароити муосир ба вазъи кунунии рушди давлатдорӣ, воқеияти таърихӣ, низоми сиёсӣ, менталитети мардум ва вазъи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон созгор аст.

## ПРЕЗИДЕНТ – САРВАРИ ДАВЛАТ ВА ҲОКИМИЯТИ ИҶРОИЯ (ҲУКУМАТ)

Бо дарназардошти муҳиммияти мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми шохаи ҳо-

# ДЕМОКРАТИЯ

кимияти олии давлатӣ боби 4-уми Конститутсияи ҶТ Президент ном дошта мувофиқи моддаи 64 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) ба ҳисоб меравад. Президенти кишварро шаҳрвандон Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тарзи умумӣ, мустақим, баробар ва овоздиҳии пинҳонӣ ба мӯҳлати 7 сол интихоб менамоянд. Президент ҳомии Конституция ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад.

## ТАРТИБИ ИНТИХОБИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶТ

Тартиби интихоби Президентро қонуни конституционӣ муайян мекунад. Тарзи ташкил ва баргузории интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро Қонуни конституционии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 21 июли соли 2020, № 1043 танзим менамояд.

Дар асоси қарори якҷояи Маҷлиси Миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2020, № 26 интихоботи навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 11 октябри соли равон баргузор мегардад.

Интихоботи дарпешистода имкон фароҳам меоварад, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кори идоракунии давлатӣ ва пешбурди ҳаёти сиёсӣ фаъолона иштирок намоянд. Мувофиқи қонунгузории амалкунанда ду роҳи соҳиби вазифаҳои масъули давлатӣ гаштани шаҳрвандон ҷой дорад: яке бо усули таъйин шудан ба вазифа ва дигаре бо роҳи интихоб шудан. Аз ин рӯ, маҳз тавассути интихобот шаҳрвандон имкон пайдо менамоянд, ки беҳтарин намояндаи хешро барои иҷрои ормону иродаи худ ба вазифаҳои масъул интихоб намоянд. Натиҷаи таҳлили қонунгузорӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки айни замон бо роҳи гузаронидани интихобот дар Тоҷикистон шаҳрванд ба вазифаи Президенти ҶТ бевосита интихоб карда мешавад.

Нақши интихоботи дарпешистода ҳамчун чорабинии муҳимми сиёсӣ дар инкишофу пешравии ҷомеа ва рушди давлати демократӣ назаррас аст.

Яке аз дастовардҳои муҳими интихоботи Президенти Тоҷикистон он аст, ки ба воситаи он дар давлат мақоми олии ҳокимияти давлатӣ – Президент ташаккул ёфта ба воситаи он Сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия интихоб карда мешавад. Президент ҳамчун рамзи давлат ва ифодакунандаи якдилии миллат дар соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ташкили мақомоти давлатӣ ва барҳам додани он, таъйин ва озод кардани кадрҳо, намояндагии Тоҷикистон дар дохил ва хориҷи кишвар, таъмини амният, мудофиа ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ дорои ваколатҳои муайян мебошад.



Маҳз фаъолияти самараноки бомароми Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон заминаҳои боэътимоди ҳуқуқиву ташкилии фаъолияти муназзами тамоми рукнҳои муҳими давлатдориро дар Тоҷикистон фароҳам овард, барои ҳимояи Конституция ва қонунҳои ҷумҳурӣ, таъмини ҳуқуқ, озодиҳо ва шарафи шаҳрвандон, ҳифзи сарзамин, истиқлолияти сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон, хизмати содиқона ба халқ ва муҳаё сохтани шароити арзандаи зиндагонии ҳар фарди кишвар мусоидат менамояд. Мавҷудияти падидаи президентӣ дар кишвар ҳамчун рамзи ваҳдату якдилӣ, сарчашмӣ ва муттаҳидии тамоми сокинон ба ҳисоб рафта, ҳамчун саҳми ӯ чун сарвари давлат дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ, дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ, таъмини ваҳдати миллӣ, зиндагонии арзанда ва пурнишоти сокинони кишвар ва боло бурдани нуфузу эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ беназир аст.

## КОМИССИЯИ МАРКАЗИИ ИНТИХОБОТ ВА РАЪЙПУРСӢ

Доир кардани чунин маъраки муҳими сиёсӣ ба мисли интихоботи президентӣ зарурати таъсиси ниҳоди махсуси давлатиро тақозо менамояд. Дар асоси талаботи қонунгузории амалкунанда ташкили интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи комиссияҳои интихоботӣ гузошта шудааст. Низоми комиссияҳои интихоботӣ аз Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, комиссияҳои ҳавзавӣ ва участкавии интихобот оид ба интихоботи Президенти Тоҷикистон иборатанд. Дар ин миён Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини роҳбарӣ ҷиҳати омода ва гузаронидани интихоботи Президенти Тоҷикистон нақши муҳим дорад. Зеро масъулияти ташкил ва баргузории интихоботи Президентӣ дар фазои озод, ба тавре шаффоф, бо риояи қоидаҳои демократӣ ва стандартҳои байналмилалӣ дар қаламрави Тоҷикистон маҳз ба зиммаи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Тоҷикистон вогузор шудааст. То ба имрӯз аз ҷониби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Тоҷикистон барои дар сатҳи баланд доир намудани маъракаи муҳимми сиёсӣ - интихоботи Президенти Тоҷикистон чорабиниҳои зиёди ҳуқуқиву ташкилӣ ва иттилоотиву ташвиқотӣ анҷом дода шудаанд. Аз ҷумла, бо мақсади амалӣ намудани ин чорабинии муҳимми сиёсӣ Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Тоҷикистон нақшаи тақвимии чорабиниҳои асосӣ оид ба тайёрӣ ва гузаронидани интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ намуда, гузашта аз он ба мақсади баланд бардоштани фарҳангии ҳуқуқии аъзоёни комиссияҳои участкавӣ ва ҳавзавӣ, бархурдор намудани онҳо аз мазмуну моҳияти қонунгузории интихобот дар тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар семинарҳои омӯзишӣ гузаронида мешаванд. Ҳамзамон ҷиҳати расонидани кӯмаки методӣ ва амалӣ ба комиссияҳои поёнии интихоботӣ дар самти амалисозии қонунгузории интихоботӣ Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ дар доираи салоҳияти худ як силсила дастурамал, тартиб ва қоидаҳо аз қабили Дастурамали комиссияи участкавии интихобот оид ба интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастурамали комиссияи ҳавзавии интихобот оид ба интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастурамал барои комиссияҳои интихоботӣ ҷиҳати таъмини ҳуқуқҳои шахсони имкониятшон маҳдуд дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби пешбарӣ ва иштироки мушоҳидони миллӣ дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби додани шаҳодатнома барои ҳуқуқи овоздиҳӣ, Тартиби овоздиҳии пешакӣ дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намудани намояндагони субъектоне, ки ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон номзад пешбарӣ кардаанд, Тартиби ташкили ташвиқоти пешазинтихоботии номзадҳо ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳнамо барои комиссияҳои участкавии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Саволу ҷавобҳо доир ба интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ.-ро таҳия ва тасдиқ намуда онҳоро ба тамоми комиссияҳои интихоботӣ дастрас намуданд. Дар умум, бояд изҳор дошт, ки бо мусоидати Комиссияи мазкур дар ҳудуди Тоҷикистон барои дар сатҳи баланд ва ба таври муташаккилона доир кардани ин чорабинии муҳимми сиёсӣ ва таъмини ҳуқуқи сиёсии шаҳрвандон ба интихоб кардан ва интихоб шудан тамоми шароитҳои арзанда фароҳам оварда шудаанд.

Дар умум, мо бояд дар хотир дошта бошем, ки интихоботи дарпешистода омили муҳим ва навбатии таҳкими бештари ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, густариши демократия, таъмини зиндагии арзандаи сокинони кишвар, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, якпорчагии кишвар, таъмини ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, пойдориву бардавомии давлат, роҳи асосии муттаҳидкунандаи миллат ва нафъи пешрафту шукуфоии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Натиҷаи баргузории интихоботҳо дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди озод ва ихтиёрӣ будани иштироки шаҳрвандон дар интихобот, фоизи иштироки шаҳрвандони Тоҷикистон дар ин маъракаҳои муҳимми сиёсӣ тамоюли болоравиро дорад. Чунин амали шаҳрвандон албатта падидаи нек аст. Ин ҳолат гувоҳи он аст, ки шаҳрвандони Тоҷикистон дар ҳалли муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти сиёсии кишвар ва низоми идоракунии давлатдорӣ аз боби масъулиятшиносӣ ва иҷрои қарзи шаҳрвандӣ дар назди давлату миллат кор гирифта, муҳим будани овози худро барои таъмини пешрафт ва дурнамои дурахшони Ватани маҳбубамон беш аз пеш дарк намудаанд. Боиси ифтихор аст, ки маърифати сиёсӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва фарҳанги ҳуқуқии интихобкунандагон сол аз сол густариш ёфта, шаҳрвандони кишвар интихоботро натанҳо ҳамчун як василаи амалишавии ҳуқуқҳои сиёсии худ, балки воситаи асосии саҳм гузоштан дар ҷодаи идоракунии ҳаёти сиёсии ҷомеа пазируфтаанд. Онҳо эҳсос кардаанд, ки дарёфти роҳи дурусти пешрафт ва тараққиёт дар Тоҷикистон маҳз аз интихоби дурусти онҳо вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, боисрор бояд таъкид сохт, ки интихоби дуруст омили ҳама гуна пешравиҳост.

## ОВОЗИ ҲАР ЯК ИНТИХОБКУНАНДА ҲАЛКУНАНДА АСТ!

Бо истифода аз фурсати муносиб аз тамоми шаҳрвандони Тоҷикистон, ки соҳиби ҳуқуқи интихоботӣ мебошанд, лутфан даъват ба амал меорем, ки рӯзи 11-уми октябри соли ҷорӣ дар чорабинии муҳимми сиёсӣ – интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона иштирок намуда, ба тарафдории номзади арзанда овоз дода, барои ободиву пешрафт ва ояндаи неки Тоҷикистони азиз мавқеи худро муайян намоянд. Овози ҳар як интихобкунанда барои тақдири минбаъдаи рушди давлатдории миллӣ ҳалкунанда аст.

# “УФУҚҲОИ ИСТИҚЛОЛ”-И ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА НАҚШИ ОН ДАР ШИНОХТ ВА ТАҲКИМИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ



Азимҷон ҶУРАЕВ
ассистенти кафедраи ҳуқуқи гражданӣ

Имрӯз мо тоҷикон дар марҳалаи хеле ҳассос ва таърихӣ қарор дорем. Чунки бо гузашти садсолаҳо миллати куҳани соҳибтамаддуну соҳибфарҳанги тоҷик 29 сол муқаддам 9-уми сентябр ба Истиқлолияти давлатӣ мушарраф гардид, ки марҳалаи эҳё ва барқарорсозии давлату давлатдории миллӣ ба вуҷуд омад. Арҷ гузоштан ба истиқлолияту озодӣ, давлати миллӣ, Ваҳдати миллӣ, фарҳанг ва забони оламшумули тоҷикӣ, амнияти миллӣ ва дигар манофеи миллӣ масъулияти басо бузурги ватандорӣ, хештаншиносӣ ва қарзи шаҳрвандии ҳар як шаҳрванди бонангу номуси кишвар мебошад.

Вазъи нооромии ҷаҳони муосир, авҷ гирифтани равияҳои гуногуни бегонаву иртиҷоӣ, бо шиори демократикунонӣ ба даст овардани манфиатҳо аз ҷониби давлатҳои бо ном истеъморгари ҷаҳонӣ ва ҷиҳатҳои манфии ҷаҳонишавӣ моро водор мезозанд, ки аз ҳарвақта дида бештар ба сулҳу ваҳдат, суботи сиёсиву иҷтимоӣ, якпорчагии кишвар, худшиносии таърихию фарҳангӣ рӯ биёрем. Дар ҳалли ин масъала асари Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Уфуқҳои Истиқлол» нақши муассир дорад. Ин асари роҳбари давлат 25 соли замони Истиқлолияти давлатӣ, давраи ҳассос ва пур аз сарбаландию комёбии миллати тоҷик ва рушди давлатдории миллиро саҳифа ба саҳифа пеши назар меорад.

Бо чунин суханҳои баландмазмуну муассир ва мондагор асари Пешвои миллат «Уфуқҳои Истиқлол» оғоз мегардад: «Муҳимтарин дастоварду комёбие, ки мо дар солҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон касб намудем, аз хатари нестӣ наҷот ёфтани давлатдории миллии тоҷикон мебошад».

Воқеан, рӯйи чоп омадани китоби арзишманди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо унвони «Уфуқҳои Истиқлол» қадами ҷиддие дар шинохти бурду бохт ва комёбиву дастовардҳои Тоҷикистон дар 25 соли Истиқлолияти давлатӣ, марҳалаи эҳё ва барқарорсозии давлати миллии тоҷикон, ташаккули иқтисодии кишвар, сиёсати иҷтимоӣ ва натиҷаҳои умедбахши он, Ваҳдати миллӣ ва суботи иҷтимоӣ, манфиатҳои миллӣ ва сиёсати хориҷӣ, мақоми Тоҷикистон дар ҷаҳони муосир ва нигоҳе ба фардои дурахшони кишвари соҳибистиқлоламон маҳсуб мешавад. Асари мазкур соли 2018 бо забони тоҷикӣ аз тариқи матбааи “Ганҷ” ба чоп расида, аз сарсухан, 5 боб ва охирсухан иборат аст.

Сарвари давлат дар боби якуми китоб «Истиқлолияти давлатӣ – марҳалаи эҳё ва барқарорсозии давлати миллии тоҷикон» ба талошу заҳматҳо ва дастовардҳои чаҳоряк асри замони Истиқлолияти давлатӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, масъалаи ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, мудохилаи ошкоро аз хориҷи кишвар ва ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва фоҷиаи бародаркушӣ овардани кишвар, ба уҳда гирифтани масъулияти роҳбарии давлат дар Иҷлосияи тақдирсози таърихии XVI-уми Шӯрои Олии ҶТ ва ба миён гузоштани андешаи сулҳу оштӣ ва гузашту ҳамдигарбахшӣ, қабули Нишони давлатӣ ва Парчами миллӣ, бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардидани Конститутсияи кишвар, барқарор кардани мақомоти фалаҷшудаи давлатӣ, талошҳои роҳбари давлат барои расидан ба сулҳ ва Ваҳдати миллӣ, барқарорсозии баъдиҷангӣ, ташаккули Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона ва аз ҷониби Пешвои миллат ба як давлати мустақил, устувор ва рушдёфта табдил додани Тоҷикистони азиз ва ғ.-ро матраҳ намудааст.




Сарвари давлат дар боби дуюми китоби «Уфуқҳои Истиқлол» ба масъалаҳои рушди иқтисодии Тоҷикистон ва дурнамои стратегии он, заминаҳои асосии ташаккул ва рушди иқтисоди миллӣ дар замони соҳибистиқлолӣ, афзалиятҳои стратегии Тоҷикистон, дастёбӣ ба мустақилияти иқтисодӣ дар соҳаи буҷет ва андоз, рушди муносибатҳои иқтисодӣ бо кишварҳои дигар, рушди соҳаи хусусӣ, авлавияти рушди соҳаи саноат, рушди соҳаи сайёҳӣ ва пешбурди сиёсати минтақавии кишвар ибрози андеша намудаанд, ки барои мутахассисони соҳа ва доираи васеи хонандагону муҳаққиқону коршиносон пешбинӣ шудааст.

Боби сеюми асари мутазаккира ба сиёсати иҷтимоӣ ва натиҷаҳои умедбахши он равона гардида, масъалаҳои дастовархои соҳаи илм ва маориф дар замони Истиқлолияти давлатӣ, миллати солим сарвати давлат аст, муҳоҷират ва танзими онро дар бар мегирад, ки санге бар даҳони нотавонбинону мунтақидони соҳаҳои мазкур дар замони Истиқлолияти давлатӣ мебошад.

Боби чоруми асари «Уфуқҳои Истиқлол»-и Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бевосита ба «Ваҳдати миллӣ ва суботи иҷтимоӣ дар меҳвари сиёсати дохилии давлат» бахшида шуда, масъалаҳои фарҳанги миллӣ – асоси давлатсозӣ, забони давлатӣ, идораи давлатӣ дар замони Истиқлолияти давлатӣ, мақоми зан дар ҷомеаи муосир, Тоҷикистон – кишвари ҷавонон, озодии виҷдон ва танзими оқилонаи анъанаҳои миллӣ, озодии баён ва рушди воситаҳои ахбори омма, таъмини амнияти миллӣ мақсади асосии давлат ва миллатро матраҳ намудааст.

«Манфиатҳои миллӣ ва сиёсати хориҷӣ: мақоми Тоҷикистон дар ҷаҳони муосир» боби панҷуми «Уфуқҳои Истиқлол»-ро ташкил намуда, дар охирсухан Пешвои миллати тоҷикон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нигоҳе ба фардои дурахшони Тоҷикистони соҳибистиқлол суханронӣ намудааст.

Дар хулоса Пешвои миллат қайд менамояд: «Тамоми фаъолияти мо, пеш аз ҳама, ба ҳифзи сулҳу субот, Ваҳдати миллӣ, ҳимояи Истиқлолияти давлатӣ ва дастовардҳои халқи тоҷик равона гардида, таҳкими иқтидори иқтисодии мамлакат, фароҳам овардани шароити боз ҳам беҳтари зиндагии аҳолӣ ва дар арсаи байналмилалӣ баланд бардоштани обрӯйи Ватани маҳбубамон – Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои аввалиндараҷаи мо ба шумор меравад ».

Воқеан, сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо дар сухан, балки амалан собит сохт, ки истиқрори сулҳ ва ваҳдат омили асосӣ ва созандаи ҷомеаи инсонӣ аст. Таҷрибаи сулҳ ва ризояти миллии тоҷикон, ки бо сарварии ӯ мо ба он дастёб гардидем, дар таърихи башарият падидаи нодиру ибратомӯз аст.

Асари болозикр натиҷаи заҳматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президени ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, дар вусъат додани эҳсоси ватанпарастии ҷавонон ва ифтихори миллии мардуми кишвар, ба манзури боз ҳам мустаҳкам кардани пояҳои давлатдории миллӣ ва раванди сулҳу ваҳдат ва созандагӣ мебошад.

Бо боварӣ метавон гуфт, ки бо мутолиа ва ҳазми ин асар ҳар як ҷавони мо метавонад миллати худ, таъриху фарҳанги ғанӣ, дастовардҳои замони Истиқлолияти давлатиро на танҳо дар дохил, балки берун аз кишвар муаррифӣ намояд.

# ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ...

## (китобҳои тавсиявӣ барои дониҷӯён)

### Эмомалӣ Раҳмон: ЧЕҲРАҲОИ МОНДАГОР

Китоби мазкур Шуморо бо саҳифаҳои пурифтихори таърихи халқи тоҷик шинос намуда, аз рӯзгори шахсиятҳои номдору сарбаланди илмӣ, адабӣ ва таърихиву сиёсиамон нақл менамояд. Таърих гувоҳ аст, ки ин сарзамин абармардонеро ба дунё овардааст, ки ҳар кадом дар замони хеш бо хирад, заковат, дониш ва фазилат ба дараҷае шуҳрат пайдо карда буданд, ки самараи умру хидмати беназир, мақому манзалаташон ҳамеша ва дар ҳама давру замон боиси ситойиш ва қадрдонӣ мебошад. Ёд овардан ва муаррифӣ кардани шуҷоату далерӣ, фазлу дониш ва бузургиву тавонмандии онҳо далели эҳтироми мо ба таърих ва симоҳои таърихию фарҳангии халқи азизамон аст.

### Низомулмулк: СИЁСАТНОМА

Асар аз 51 боб иборат буда, доир ба масъалаҳои гуногуни давлатдорӣ, қоидаю усули роҳбарӣ маслиҳатҳои муфид медиҳад, ки имрӯз ҳам бисёр фикрҳои Низомулмулк қимату арзиши худро гум накардаанд.

Низомулмулк дар ҳар як боб пас аз баёни масъалаи асосӣ барои тасдиқи ин масъала аз ҳаёти шоҳони гузашта, сарлашкарон, вазирону олимон ва шоиронну нависандагон нақлу ривоят, ҳикояҳо меорад, ки онҳо характери пандомузӣ доранд. Ақидаҳои ӯ барои ягонагии давлат аҳамияти калон доранд.

### Абдураҳмони Ҷомӣ: БАҲОРИСТОН

«Баҳористон» аз гаронмоятарин осори тарбиявӣ-ахлоқии адабиёти ҷаҳону форсизабон ва эҷодиёти Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-1492) буда, бештар аз 500 сол мешавад, ки дар тарбияти ахлоқи ҳамидаву атвори писандидаи инсоният ҳиссаи сазовор мегузорад.

### Садриддин Айнӣ: ЁДДОШТҲО

«Ёддоштҳо» беҳтарин намунаи насри муосири тоҷик буда осонфаҳм, равон, дилрас ва ҷаззоб аст. Ёддоштҳо на танҳо асари тарҷумаиҳолӣ, инчунин қомуси ҳаёти асрҳои XIX ва XX халқ аст. Асар аз боби қафомондагии иқтисодӣ ва ҳоли бади халқ, қатлу ғорат, тақдири фоҷиавии равшанфикрону бузургони аҳли адаб ва бедоршавии шуури омма сарчашмаи хеле мӯътамади воқеӣ бадеист.

### Худоӣ Шарифзода: ДОСТОНҲОИ БУЗУРГИ «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ

Ин асар китоби дуюм аз силсилаи китобҳои сегонаи Худой Шарифзода дар мавриди шоҳномапажӯҳӣ буда, ба таҳқиқи мазмуну шакли дувоздаҳ достони бузурги «Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ бахшида шудааст. Китоб барои шоҳномашиносон, адабпажӯҳон, донишҷӯёни мактабҳои олию омӯзишгоҳҳо, омӯзгорону хонандагони мактабҳои ҳамагонӣ ва дигар алоқамандон пешниҳод мешавад.

# ЗАН ВА ҶОМЕАИ МУОСИР

**Дар ҷомеаи имрӯза занони тоҷик бо баробари шинохти мақому манзалати хеш дар соҳаҳои гуногуни давлат фаъолият мебаранд ва дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва ғайра нақши муассире доранд. Аз ин хотир, метавон қайд намуд, ки он кишвар ё ҷомеа, ки арзишу мақоми ин қишри ҷомеаро эҳтирому пос медорад, аз маданияту фарҳанги баланде бархурдор мебошанд. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ таъкид намудаанд: "... занону бонувони мамлакат дар татбиқи сиёсати давлат баробари мардон кору фаъолият намуда, дар рушди ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ саҳми арзанда гузошта истодаанд".**

Дар ҳақиқат имрӯзҳо занони кишвар ҳуқуқи ширкат дар ҳамаи сохторҳои давлатиро соҳибанд ва теъдоди занони сиёсатмадор, ки дар умури давлатӣ кору фаъолият мебаранд, кам нестанд. Инчунин, намояндагони занон дар мақомоти қудратию давлатии Тоҷикистон рӯз аз рӯз афзун гашта истодааст, ки ин шаҳодати арзишмандии мақоми занон мебошад.

Қайд намудан зарур аст, заминаи ҳуқуқии баробарии занону мардон дар арсаи ҷаҳонӣ бо қабули як қатор аснодҳои байналмилалӣ таъмин карда шудаанд. Аз ҷумла, дар асосномаи Юнеско ба масъалаи ҳуқуқи башар ва таъмини баробарҳуқуқии занону мардон таваҷҷуҳи хосае зоҳир шудааст.

Дар шароити имрӯза нақш ва мақоми СММ низ дар ҳифзи ҳуқуқи занон ва бехтар гардонидани вазъи ҳуқуқии онҳо дар ҷомеаи башар хеле бузург аст. Аз ҷониби СММ таҳияву тан-зими санадҳову аҳдномаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (1948), Эъломияи Вена ва барномаи амал (1993) ва ғайра мебошанд, ки дар он эҳтиром ва баробарии ҳуқуқи ҳамаи афроди хонаводаи башарӣ, бахусус кӯдакону занон таъкид шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки дар ҳуқуқи байналмилалӣ Конвенсияи рафъи табъиз (аз байн бурдани нобаробарӣ ва дискриминатсия) алайҳи занон, мавқеъ ва нақши хоссаеро касб намудааст. Пайваст шудани кишварҳои зиёд, аз ҷумла Тоҷикистон ба Конвенсияи рафъи табъиз аз аҳамият холӣ нест.

Бояд тазаккур дод, ки имрӯз дар Тоҷикистон якчанд фармонҳову қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидаанд, ки он дар хусуси баланд бардоштани мақом ва нақши зан дар ҷомеаи муосир ва умуман оид ба масъалаҳои ҳуқуқи занон бахшида шудаанд. Инчунин, як силсила фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Барномаи давлатии "Самтҳои асосии сиёсати давлат оид ба таъмини ҳуқуқ ва имкониятҳои баробари мардону занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кафолатҳои давлатии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии он" ва дигар санадҳои муҳими сиёсие, ки аз тарафи ҳукумати кишвар қабул гардидаанд, ба фароҳам овардани шароити мусоид баҳри рушди ҳамаҷонибаи занони тоҷик равона шудаанд.

Давлати ҳуқуқбунёди Тоҷикистон занро ҳамчун қувваи пешбаранда ва як узви муҳимми ҷомеа эътироф намуда, иштироки ӯро дар тамоми ҷабҳаҳо, аз ҷумла сиёсат, иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва маънавиёти кишвар ногузир медонад. Аз ҷумла,





Мехрона МИРБОБОЕВА
корманди Вазорати адлияи ҶТ

дар пешгирии низоъ ва хушунат нисбати зан дар оила тадбирҳои муҳимро пешбинӣ намуда, ба маърифати ҳуқуқии онҳо диққати ҷиддӣ дихем, зеро танҳо зани босавод ва хирадманд метавонад, ки корманди болаёқату пурарзиш шаваду ҷомеаи имрӯзаи тоҷикро ба сатҳи баланд бардорад.

Маҳз бо шарофати хирадмандонаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Тоҷикистони азиз имрӯз занону бонувон дар ҳамаи корҳои давлатдорӣ ва сиёсат фаъолона иштирок намуда, дар ҳайати мақомотҳои қонунбарору иҷроия ва суд, сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ, вазорату муассисаҳои давлатӣ вазифаҳои хеле масъулро ба ухда доранд, ки ин нишонаи соҳибиззату эҳтиром буданиии онҳо дар ҷомеаи муосир мебошад.

Ҳамин тариқ, имрӯз ба масъалаи мақом ва нақши зан дар ҷомеа таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудан талаби замон аст, зеро бо ҳалли масъалаи мақоми зан дар ҷомеа метавонем бунёди ҷамъияти боадолату тараққикардаро устувор нигоҳ дорем.

# ДӮСТОН – ОИНАИ ЯКДИГАР



Шамсоро ИСОЕВА
донишҷӯи соли 3

**То тавонӣ, дӯстонро**
**гум макун,**
**Дӯстони меҳрубонро**
**гум макун.**
**Дар ҷаҳон бе дӯст будан**
**мушкил аст,**
**Мушкил осон кун касонро**
**гум макун.**

Оре, дӯст беҳтарин, наздиктарин ва азизтарин касест, ки инсонро дар зиндагӣ роҳбалад аст. Дӯст касест, ки ҳамчун оина айбатро рӯ ба рӯ гуфта, ҳамеша мекӯшад, ки маслиҳатчии наздик бошад. Зиндагӣ бидуни дӯст номумкин аст, зеро маҳз дӯст аст, ки инсонҳо дар ҳаёт хотирҷамъ, дилгарм ва хонаободанд.

Чун инсон зиндагӣ мекунад, кору фаъолият мебарад, ба чизе, ба касе, ба дилгармие ниёз дорад, хусусан ба дӯст. Дӯст афзунии ҳар шодию дармонӣ, ҳар дарду норасоиву нуқсони ҳаёти касро мекушояд, ҳамдард мегардад, зеро дона танҳо хирман намегардад, нони танҳо файзи дастурхон намешавад, шукуфтани муғчае бе ҷамоли офтобу боди субҳ сурат намегардад ва инсон ҳам бе дӯсти наздик буда наметавонад.

Аз олиме пурсидаанд, ки дар зиндагӣ бародар хуб аст ё дӯст, ҷавоб дод: «Бародар хуб аст, агар дӯст бошад». Аз ин суханон бармеояд, ки ҳатто бародарон низ душман буда метавонистаанд. Ин гуна бародароне, ки бо бародарони худ кинаву адоват доранду душманӣ меварзанд, албатта дар муҳити оилаи носолим ба воя расидаанд, зеро дар тарбияи фарзандон муҳити хонаводагӣ сабабгор буда метавонад. Дар оилае, ки дӯстию рафоқат вуҷуд надорад, ягонагиву якдигарфаҳмӣ вуҷуд дошта наметавонад, бинобар ҳамин фарзандон низ чун меваи дарахти пурбору бешафоат ба воя мерасанд.



**Ҳамон дӯстӣ бо касе**
**кун баланд,**
**Ки бошад ба сахтӣ**
**туро ёрманд.**

Хулоса, дӯстӣ рамзи бузургест, ки софдилону бузургонро мепарварад. Дӯстон ҳамдаму ҳамроз, мунису ғамхорӣ одамони баландпарвозанд ва шахси бе дӯст дарахти бе шоху баргеро мемонад, ки зинатеро соҳиб буда наметавонад.

Пас, биёед азизон мекушем, ки пайи ҷамъоварии дӯстони ҷонӣ, ки лаззатгарои ҳар каломи равшандиҳандаи хонадону, илҳомварандаи имону ҷонамон бошанд. Онҷунон ки Ҳофизи бузург фармудаанд:

**Дарахти дӯстӣ биншон, ки**
**коми дил ба бор орад,**
**Ниҳоли душманӣ баркан,**
**ки ранҷи бешумор орад.**

# ОМӮЗИШ ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ КОРРУПСИЯ

**Дар айни замон, илм дар омӯзиши коррупсия қадами муҳим гузоштааст. Аксарияти олимон ва мутахассисон аз воситаҳои маъмулии қонунгузорӣ, аз қабили «ришва», «сӯистифода», «барзиёд» ва ғайра даст кашида, бо истифода аз муносибати ягона ба методологияи омӯзиши он роҳи фаҳмиши моҳияти "зухурот"-ро гирифтаанд.**



Намозалӣ ШАРИПОВ
дастпарвари факултети ҳуқуқшиносӣ

Таърих муддати тӯлонӣ бо ин зухурот шинос аст. Арасту олим ва мутафаккири Юнон вобаста ба ин падида чунин гуфта буд: «Муҳимтарин чизе ки барои ҳар як системаи давлатӣ зарур аст, ин ба тартиб даровардани қонунҳо мебошад то ки мансабдорон фоида ба даст наоранд".

Коррупсия волоияти қонун, демократия ва ҳуқуқи инсон, эътимод ба ҳукумат, принсипҳои идоракунии давлатӣ, баробарӣ ва адолати иҷтимоӣ ва рушди иқтисодиро боз медорад ва ба устувории институтҳои демократӣ ва меъёрҳои ахлоқии ҷомеа таҳдид мекунад.

Дар солҳои охир, коррупсия ба як зухуроти системавӣ табдил ёфтааст. Он ҳамеша дар давраи гузариш ё дар марҳилаи ибтидоии модернизатсия қарор дорад. Имрӯзҳо дар Тоҷикистон мушкилоти коррупсия ин масъалаи таҳқиқи ҳокимияти сиёсӣ, сохторҳо, муассисаҳо, дастгоҳи давлатӣ, воситаҳои ахбори умум, таҳқиқоти риторикӣ ва амалӣ яке аз ҷойҳои марказиро ишғол мекунад.

Коррупсияро як намуди анъана ва маъмултарини ҷиноят номидан мумкин аст, ки дар тамоми давлатҳои мутамаддини ҷаҳон вуҷуд дорад.

Хатари ҷамъиятии коррупсия бениҳоят бузург аст. Санадҳои байналмилалӣ таъкид мекунанд, ки коррупсия ба иқтисодиёт таъсири зиёновар дошта, самарабахшии ҳама гуна қарорҳо ва барномаҳои ҳукуматро халалдор мекунад, ба ахлоқи ҷомеа зарар мерасонад ва эътимоди шаҳрвандонро ба ҳукумат ва нуфузи ҳукуматро барбод медиҳад.

Боз як нуктаи муҳим вобаста ба мубориза бар коррупсия ин ба шаҳрвандон хабар додани оқибатҳои он аст. Бо мақсади он ки шаҳрвандон ба коррупсия роҳ надиҳанд, онҳо бояд бештар дарк кунанд, ки на танҳо ба давлат ва ҷомеа, балки ба ҳар як шаҳрванд зарари моддӣ ва маънавӣ низ расонида мешавад. Коррупсия аз нав тақсимкунии беадолатонаи маблағҳоро ба манфиати гурӯҳҳои корпоратӣ ва иҷтимоӣ аз ҳисоби гурӯҳҳои осебпазири иҷтимоӣ бармеангезад.

Чи тавре ки, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд, ки "Мубориза ба муқобили коррупсия фақат вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нест. Дар ин мубориза тамоми аҳли ҷомеа, ҳар як шаҳрванди бонангу номус ва ҷомеаи шаҳрвандӣ низ бояд бетараф набошад. Танҳо дар ҳамин сурат мо метавонем сатҳи коррупсияро дар мамлакат коҳиш диҳем".



Аз ин лиҳоз ҷиҳати дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Пешвои миллат, баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба мақомоти давлатӣ ва афзоиши самаранокии мубориза бар зидди коррупсия зарур аст, ки фаъолият дар ин самт бо ҷалби васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як фарди ҷомеа ба роҳ монда шавад.

Хулоса, коррупсия бӯҳрони эътимодро ба ҳукумат меафзояд, нуфузи давлат дар назди шаҳрвандонаш коҳиш меёбад. Раванд манфӣ буда, барои оянда оқибатҳои ҷиддӣ дорад. Аммо ин маънои онро надорад, ки онро пешгирӣ кардан мумкин нест.

Коррупсия ба яке аз масъалаҳои мухокимашаванда, чӣ дар гузашта ва чӣ замони муосир табдил ёфтааст, ки барои тамоми ҷабҳаҳои ҷомеа дорои аҳамияти бузург ва муҳим мебошад.

# АМАЛИ НОМАТЛУБ



Меҳриддин НАСРУЛЛОЕВ
донишҷӯи соли 2

Ба маротиб афзудани амалҳои коррупсионӣ дар аксари сохторҳо имрӯз натанҳо ҷомеаи Тоҷикистон, балки ҷомеаи ҷаҳониро низ ба ташвиш оварда истодааст. Рӯз то рӯз зиёд шудани шумораи амалҳои хусусияти коррупсионӣ дошта боиси он мегардад, ки ҷомеа дуруст ва мунтазам инкишоф ёфта натавонад. Коррупсия монеаи ҷиддие дар роҳи инкишоф ва рушди минбаъдаи ҷомеаи муосир ба ҳисоб рафта, боиси боло рафтани сатҳи камбизоатӣ ва қашшоқии мардум ва заифгардии давлату сатҳи маънавии тамоми аъзои ҷомеа мегардад. Коррупсия худ аз калимаи лотинии "corruptio" баромада, маънои «ришва», "ришваситонӣ" ва "худфурӯшӣ"-ро дорад. Ин мафҳумро дар ҷомеаи мо бештар ба порадиҳиву порагирӣ муносиб медонанд. Дар яке аз фарҳангҳои қадимаи тоҷикӣ маънои пора чунин омадааст: "Он зарест, ки дар баробари фатво ба арбоби шариъат диҳанд ва ё ба тамаъи мансабе аз мансабҳои девонӣ ба султон ва ҳоким ва арбоби девон расонанд". Мафҳуми мазкур (коррупсия) бештар мутааллиқи амали ходимони сиёсиву ҷамъиятӣ, мансабдорони давлатӣ ё шахсони вазифадор, ки ба дорошавии ғайриқонунии онҳо нигаронида шудааст, пиндошта мешавад.

Коррупсия ҳамчун зухуроти номатлуб имрӯз ба яке аз проблемаҳои глобалӣ табдил ёфтааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ аз 20-уми апрели 2012 ба Маҷлиси Олӣ оид ба ин падидаи номатлуб чунин изҳор намуда буданд: "Коррупсия яке аз хатарҳои хавфноки ҷомеа буда, ба пешрафти соҳаҳои мухталифи ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ халали ҷиддӣ ворид месозад". Вобаста ба ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати мубориза бо ин падидаи номатлуб тамоми заминаҳои ҳуқуқиву ташкилӣ фароҳам оварда шудааст. Хусусан, таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия далели ин гуфтаҳо мебошад. Агентии мазкур фаъолияти худро тибқи Низомномаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, ки 10-уми январи 2007 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ба роҳ мемонад. Аммо фаъолияти ҳамаҷонибаи Агентии мазкур низ оид ба решакан кардани амалҳои коррупсионӣ қаноатбахш нест. Банда бар он назарам, ки имрӯз ҷомеаи кишварро зарур аст то роҳҳои мухталифи мубориза бо коррупсияро роҳандозӣ намоянд, ки барои муқовимат бо ин зухуроти номатлуб то дараҷае тавонад мусоидат кунад. Ба сифати чунин муборизаҳо метавон дохил намуд:

**Якум, МУБОРИЗАИ ҚОНУНӢ, яъне аз ҷиҳати қонунгузорӣ пурзӯр намудани ҷазои шахсоне, ки ҷиноятҳои хусусияти коррупсионӣ доштаро содир намудаанд;**

**Дуюм, МУБОРИЗАИ ИҶТИМОӢ, яъне фароҳам овардани талаботи иҷтимоии ҷомеа бо роҳи баланд бардоштани музди меҳнат ва қонеъ кардани талаботи аввалияи мардум;**

**Сеюм, МУБОРИЗАИ ИҚТИСОДӢ, ки ба ин ҷорӣ кардани ҳукумати электронӣ ва муосиргардонии шароити иқтисодӣ мисол шуда метавонад. Инчунин, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҳар шахс дар ҷомеа низ боиси аз байн рафтани ин зухуроти номатлуб гардида метавонад. Аммо дар ҷомеаи кишвар пеш аз ҳама мақомоти дахлдор, аз ҷумла Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияро зарур аст, ки ҳамкориро бо ҷомеаи шаҳрвандӣ барои мубориза бо коррупсия тақвият бахшад ва фазои оштинопазири зиддикоррупсиониро фароҳам оварад.**

# БАРОБАРИИ ГЕНДЕРӢ ДАР ИНТИХОБОТ



Сунатулло АЗИМОВ
ассистенти кафедраи
ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии
муқоисавӣ

Мардуми шарифи кишвар хуб огоҳ аст, ки мо дар арафаи гузаронидани яке аз маъракаҳои муҳимми сиёсӣ – интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорем. Интихобот ҷорабинии сиёсӣ дар идоракунии давлат буда, шакли олии изҳори иродаи халқ мебошад. Халқ чун сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ дар интихобот иродаи худро бевосита изҳор мекунад. Шаҳрванде, ки ба боварии халқ сазовор гардидааст, ҳамчун сарвари давлат интихоб мешавад ва аз номи халқ идораи давлатро амалӣ менамоянд.

Интихобот, ки унсури асосӣ ва зарурии сиёсат аст, дар инкишофи муттасили ҷомеа мақом ва нақши зиёд дорад. Тавассути ин раванди сиёсӣ таҳкиму такмили сохторҳои ҷамъиятӣ таъмин мегарданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани Истиқлолият ҳамчун давлати соҳибихтиёр, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона роҳи демократии тараққиётро пеш гирифт ва тибқи Конститутсия барои ҳар як инсон фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро мароми бунёдии худ эълон намуд. Дар ин робита, интихоботро яке аз муҳимтарин василаҳои расидан ба ин ҳадафҳои наҷиб пешбарӣ намуд. Бояд зикр намуд, ки низоми интихобот яке аз омилҳои нишондиҳандаи босифат ва муҳимтарин таҷассуми ҳокимияти демократӣ аст. Тартиби ташкил ва гузаронидани интихобот дар ҶТ ботадриҷ такмил ёфта, он дар асоси равандҳои демократӣ ва арзишҳои беҳтарини умумиинсонӣ амалӣ мешавад.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар раванди интихобот таъмини ҳуқуқи баробари интихобот мебошад. Ҳуқуқи баробари интихобот маънои дар интихобот дар асоси баробар иштирок кардани интихобкунандагонро дорад. Бинобар ин, тавассути ин ҳар як интихобкунанда як овоз дорад ва дар асоси умумӣ дар интихобот иштирок менамояд.

Масъалаи дигаре, ки дар қабати ҳуқуқи баробари интихобот дарҷ намудем ин таъмин намудани баробарии гендерӣ дар интихобот мебошад. Яъне меъёрҳои Конститусия ҶТ ва қонунҳои ҷорӣ таъмини баробарии гендериро барои интихоб шудан ва интихоб кардан дар ин маъракаи сиёсӣ кафолат додадаст. Барои дуруст дарк намудани баробарии гендерӣ, сараввал бояд мафҳум ва моҳияти баробарии гендериро хуб дарк намуд. Чунки баробарии гендерӣ худ масъалаи хосас мебошад. Бояд гуфт, ки зери мафҳуми баробари гендерӣ баробарии вазъи ҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо, ки ба ҳарду ҷинс озодона инкишоф додани қобилияти тавоноӣ, маҳорат ва малакаашонро барои иштирок дар раванди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва азхудкунии натиҷаи он имконият медиҳад фаҳмида мешавад. Василаи асосии таъмин намудани баробарии гендерӣ дар интихобот ин таъмини шароити якхела барои амалигардонии ҳуқуқи интихоботии мардону занон мутобиқи Конститутсияи ҶТ, қонунҳои ҶТ, ҳамчунин аз рӯи принсипҳои умумии эътирофшуда ва меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мебошад.

Поймолкунии ҳуқуқ (дискриминатсия) дар таъмини баробарии гендерӣ дар интихобот ҳар гуна тафовут, истисно ё маҳдудгардонӣ аз рӯи аломати ҷинсӣ, ки ба паст кардан ё эътироф накардани ҳуқуқу озодиҳои мардону занон дар соҳаи сиёсӣ равона карда шудааст, мебошад.

Инчунин давлат барои таъмини баробарҳуқуқии мардону занон дар соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғайра ҷораҳои мушаххас меандешад. Барои ҳалли ин масъалаҳо қонуни махсус «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» қабул гардидааст, ки тибқи он давлат иштироки баробари занонро дар идоракунии давлат кафолат медиҳад. Давлат иштироки баробари мардону занонро дар рукнҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва судии ҳокимияти давлатӣ бо тарзу воситаҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва ғайра таъмин менамояд. Боби 2-юми қонуни мазкур ба кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини имкониятҳои баробари мардону занон оид ба амалӣ гардонидани ҳуқуқи интихобот бахшида шудааст, ки чунин ифода меёбад: "Системаи интихобот дар ҶТ бо мардону занон барои иштирок дар раванди сиёсӣ ҳуқуқҳои баробари интихобот ва кафолатҳои онро таъмин менамояд."

Имрӯз саҳми занон ҳамчун неруи созанда, дар субот ва пешрафти давлат калон буда, нақш ва мақому манзалати занон дар ҷомеаи мо бениҳоят муҳим арзёбӣ мегардад. Бе иштироки фаъолонаи занону духтарон, бидуни фикру ақида ва пешниҳодҳои онҳо ҳаллу фасли мушкилоти иҷтимоӣ-сиёсӣ ғайриимкон аст.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ барои фаъолияти бомароми занону духтарон шароити мусоидро фароҳам оварда, кафолат ва имтиёзҳои зиёдеро муқаррар намудаанд, ки дар сурати пурра амалӣ шудани онҳо нақши занон дар ҷомеа боло рафта, ҳиссаи онҳо дар рушди устувори ҷомеа бештар мегардад. Имрӯз занон баробари мардон ҳуқуқи интихоб шудан ва интихоб карданро доранд, ки инро бевосита Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд.

Занону бонувон бо дастгириҳои пайвастаи давлату Ҳукумат дар амалӣ гаштани сиёсати иҷтимоии давлат бо қаноатмандӣ ва азму иродаи қавӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакат кору фаъолият намуда истодаанд, ки ин аз пешрафти ҷомеа, рушду субот ва оянда миллат дарак медиҳад. Зеро, имрӯз дар равандҳои ҷаҳони муосир дуруст фаҳмидану таҳлил намудани раванду падидаҳо аз ҷониби занону ҷавонон дар пешбурди сиёсати иҷтимоии давлат нақши муҳим дорад.

Итминони комил дорем, ки занон дар интихобот ва маъракаҳои пешазинтихоботӣ дар байни аҳолӣ бахри тарғиби ғояҳои хештаншиносӣ, баланд бардоштани рӯҳияи худогоҳии ватандӯстӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, бештар ширкат варзида, дар пойдории сулҳу субот, таъмини оромию осудагӣ дар Тоҷикистони азиз дар баробари мардон саҳми арзандаи худро мегузоранд.

# РОҲ БА СӮИ ИСТИҚЛОЛИЯТ



Ҷонона СУҲРОБЗОДА
донишҷӯи соли 4

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мардуми тоҷик неъмати бузург ва муқаддас мебошад. Аввалин санади ҳуқуқие ки Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро эълон намуд ин Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, ки 24 августи соли 1990 дар Иҷлосияи дуюми Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон (даъвати 12-ум) қабул гардид. Дар моддаи якуми Эъломия таърифи мафҳуми истиқлолияти давлатӣ-ягонагӣ ва ҳукмравоии ҳокимияти давлатӣ дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соҳибихтиёрии он дар муносибатҳои хориҷӣ сабт гардида буд. Ин таърифи истиқлолият қадами ҷиддие ба сӯи мустақилияти комил буд.

Истиқлолият чун рамзи озодию ягонагӣ ба мо тамоми имкониятҳоро фароҳам оварда, он чун хуршеди дурахшон роҳи ояндаи моро нуру зиё бахшид ва баҳри амалӣ намудани ҳадафу мақсадҳои нақӯ неруи тозаро эҳдо сохт. Маҳз бо пайки ин неъмати бебаҳо имрӯз кишвари моро дар арсаи байналмилалӣ мешиносанду ба тамоми дастовард ва фарҳангу тамаддуни гузаштаи мо арҷ мегузоранд.

Вокеан, дар баробари дигар муқаддасот Истиқлолият низ яке аз арзишҳое волое мебошад, ки бо ба даст овардан тамоми ҳастии миллии мо аз нав эҳё гардид.




Имсол Истиқлолияти кишвари мо 29-сола гардид, ки чун ҷавони матину устувор сӯи фардои дурахшон равон асту моро ҳам бо худ бурда истодааст. Ин неъмати бузург бо пайки хеш нуру зиё, меҳру вафо, ободию озодӣ, ҳамфикрию ҳамзистӣ ва осоиштагиву абадиятро ба Тоҷикистони азиз овардааст. Моро лозим аст, то баҳри пойдорӣ ва таҳкими он фаъолияти худро ба роҳ монда, саҳми арзандаи хешро дар рушду нумӯи кишвари азизамон гузорем.

Ҳамин тариқ, бояд зикр намуд, ки ба қадри истиқлолият ва озодӣ расидан, хизматҳои шоистаи Пешвои миллатро гиромӣ доштан, роҳи интихобкардаи халқи тоҷикро ҳифз кардан, сиёсати оқилона, хирадмандона ва дурандешонаи Президенти кишварро ҷонибдорӣ намудан қарзи инсонӣ, виҷдонӣ ва шаҳрвандии ҳар яки мо ба ҳисоб меравад.

# САРОСАРВАБОИ ХОРЗАҲР ВА МУШКИЛОТИ АМАЛИШАВИИ ҲУҚУҚИ ИНСОН



Ҷаҳонгир САЪДИЗОДА
мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент



Некрӯз САФАРЗОДА
ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ

Дар масири таърих инсоният борҳо дучори ҳодисаҳое гардидааст, ки ҳаёт ва саломатии ӯро зери суол қарор дода, ба моҳияти ҳуқуқу озодиҳои инсон латма ворид намудааст, аммо муттаҳидӣ ва талошҳои якҷоя тавониста, ки инсонро аз мағлубият раҳо намояд. Интиҳои соли 2019 ва ибтидои соли 2020 ҷомеаи ҷаҳонӣ дучори мушкилоте гардид, ки таърихи инсоният назирашро кам дар ёд дорад. Он на танҳо ба сифати мушкилоти асосии давлатҳои рӯ ба инкишоф, балки давлатҳое гардид, ки то ин муддат даъвои бузургӣ, тавоноӣ, ба ухда гирифтани роҳбарии ҷаҳонӣ ва пуриқтидориву қудратмандиро доштанд. Вале, бузургтарин муаллим ва беғаразтарин довар – вақт башорат аз он медиҳад, ки дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеаи инсонӣ даъвои "зӯрӣ" дар танҳоӣ ғалат буда, танҳо ва танҳо муттаҳидии давлатҳои ҷаҳон зарур аст. Манзур аз ин гуфтаҳо оҷиз мондани кишварҳои абарқудрат дар назди вабои аср, саросарвабоии хорзаҳр (коронавирус ё ба истилоҳ COVID-19) мебошад.

Дар ҳоле, ки вабои мазкур тамоми ҷомеаи байналмилалиро ба таҳлука овардаву иқтисодиёти онҳоро ба шикаст рӯ ба рӯ намудааст, масъалаи ҳуқуқи инсон мубрамияти бештарро ба худ касб менамояд. Зеро, мушоҳида мегардад, ки дар марҳилаи кунунӣ на ҳамаи давлатҳо ба масъалаи мазкур аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намуда, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро ҳамчун арзиши олӣ арҷгузорӣ менамоянд. Дар шароити ҷаҳонишавии ҳуқуқ ва ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон ҳуқуқ ба саломатӣ мубрамияти бештарро касб карда, моҳияти худро дар санадҳои гуногуни сатҳи байналмилалӣ ва миллӣ пайдо намудааст. Аз ҷумла, моддаи 12-и Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба ҳар кас сатҳи олитарини дастрасӣ ба саломатии ҷисмонӣ ва равониро пешбинӣ намуда, давлатҳои аъзоро уҳдадор менамояд то ҷораҳои судмандро баҳри пешгирӣ ва табобати бемориҳои сироятӣ роҳандозӣ намоянд. Аммо, амалӣ намудани ҳуқуқ ба саломатӣ аз сатҳи иқтисодиёти ин ё он давлат вобаста буда, бидуни иқтисодиёти пешрафта амалишавӣ ва таъмини пурраи ҳуқуқ ба саломатӣ номумкин аст. Агар, давлатҳои абарқудрат то замони пайдо шудани хорзаҳр (коронавирус) таваҷҷуҳи бештар ба истеҳсоли нафту газ ва яроқҳои гуногун менамуданд, имрӯз диққати асосиро ба ҳифзи саломатии шаҳрвандон сафарбар намудаанд. Яъне, онҳо нав аз хоби ғафлат бедор шуданд ва дарк намудаанд, ки бидуни саломатии ҷомеа дороиву рақобати иқтисодӣ ва ҳарбии онҳо ҳеҷ маъное надорад. Ин вабо тамоми давлатҳоро водор намуд то рӯ ба соҳаи илму тандурустӣ оварда, ҳуқуқ ба саломатии шахсро ба таври воқеияш дар амал татбиқ намоянд. Зеро, солимии ҷомеа бойгарӣ, қудрат, тавоноӣ ва бузургии ҳар як давлат ба ҳисоб меравад. Агар ҷомеа тандуруст набошад, таъсири манфии он ба ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла бахши тандурустӣ низ мерасад. Дар сурате, ки соҳаи тандурустӣ худ бемор бошад, пас табобат намудани шахси мариз ва таъмин намудани солимии ҷомеа низ аз эҳтимол дур аст.

Дар марҳилаи хуруҷ ва паҳншавии саросарвабо алоқамандии ҳуқуқ ба саломатӣ бо дигар ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқи дастрасӣ ба хӯрок, манзил, меҳнат, таҳсил, дахлнопазирии шахсӣ, манъи табъиз, баробарҳуқуқӣ, интихоби маҳалли зист, дастрасӣ ба иттилоот ва ғ. бештар ба мушоҳида мерасад. Аммо, то кадом ҳад ҳуқуқҳои ишорагардида дар ин марҳила амалӣ мегарданд, тарафи дигари масъала аст. Зеро, гурӯҳе аз давлатҳо бо дарназардошти ваколатҳои худ ҳуқуқҳои инсонро ҷиҳати таъмин намудани саломатӣ ва дар маҷмӯъ солимии ҷомеа маҳдуд намуда, ба ҳуқуқҳои дигаре, ки бо ҳуқуқ ба саломатӣ алоқамандӣ доранд, бепарвоёна муносибат менамоянд. Албатта, давлат дар доираи санадҳои байналмилалӣ (масалан, моддаи 4-и Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ) ва қонунгузории дохилидавлатии худ метавонад бо мақсадҳои муайян ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро маҳдуд намояд. Аз ҷумла, дар қисми 3-и моддаи 14-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мегардад, ки "маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад". Аммо, ин маънои онро ифода наменамояд, ки давлат дар шароити саросарвабо, ки қисмате аз ҳуқуқҳои инсонро маҳдуд намудааст, ба ҳуқуқу манфиатҳои дарёбандагон (субъектон)-и дигари ҳуқуқ ва ё шаҳрвандони хориҷиву ашхоси бешаҳрванд таваҷҷуҳ зоҳир нанамояд. Масалан, дар давлатҳои Аврупо дар раванди авҷи хорзаҳр (коронавирус) қанорагирӣ (карантин)-и сартосарӣ ҳукмфармо гардид, ки дар натиҷа ашхоси ниёзманд, бехонаву дар ба муҳоҷирону гурезагон дар баъзе аз кишварҳои аврупоӣ аз дастрасӣ ба хӯрок, ёрии тиббӣ, манзил, иттилоот ва ғ. танқисӣ кашиданд. Ё дар Федератсияи Россия (ФР), ҳолати баъди эълони қанорагирӣ (карантин) диққати асосӣ ба шаҳрвандони рус сафарбар гардид, ки дар натиҷа муҳоҷироне, ки дар марҳилаи мазкур ниёз ба хӯроку манзил ва ёрии тиббӣ доштанд, ба онҳо қариб ҳеҷ аҳамияте зоҳир карда нашуд, ҳатто дар аксар маврид ягон қоидаҳои санитариву беҳдоштӣ риоя нагардид, ки чунин амал боиси бештар доман паҳн намудани вабо гардида, ба фавт намудани аҳолӣ, алалхусус муҳоҷирони меҳнатӣ боис гардид. Аз ин ҷост, ки масъалаи мазкурро Президенти ФР Владимир Путин таърихи 28-уми апрели соли 2020 дар мулоқот бо роҳбарони вилоятҳо ва ҳайати ситоди пешгирии хорзаҳр (коронавирус) ба миён гузошт. Чунин ҳолатҳои поймолшавии дарёбандагон (субъектон)-и махсуси ҳуқуқ дар давраи саросарвабо зуд-зуд ба мушоҳида мерасад. Бо мақсади роҳ надодан ба ҳолаи мазкур Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон Мишел Бачелет иброз намуд, ки дар шароити саросарвабо ҳуқуқи шахс ба саломатӣ бидуни рад намудани ёрии тиббӣ, новобаста аз вазъияти молӣ ва омилҳои дигар таъмин карда шавад. Инчунин, 22-юми марти соли 2020 гурӯҳе аз мушовирони СММ оид ба ҳуқуқи инсон иброз намуданд, ки "эълон гардидани ҳолати фавқулодда вобаста ба COVID-19 набояд бо мақсади ҳимояи саломатии гурӯҳҳои алоҳида ва ё табақаи муайян ба роҳ монда шавад". Ин ҳам дар ҳолест, ки санадҳои байналмилалии қабулгардида дар соҳаи ҳуқуқи инсон давлатҳои аъзоро уҳдадор намудаанд то ҳуқуқҳои ҳар як инсони дар қаламрави худ истиқоматдоштаро бечунучаро риоя ва ҳифз намоянд.

Баъзе аз давлатҳо ва гурӯҳе аз мутахассисон бо ишора ба моддаи 15-и Конвенсияи аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ, ки ба давлат иҷозат медиҳад дар давраи вазъияти фавқулодда (ҳарчанд дар аксарияти давлатҳои аврупоӣ вазъияти фавқулодда эълон карда нашуд) аз иҷрои баъзе уҳдадориҳо ё таъмини ҳуқуқҳо даст кашанд, намуна меоранд. Моддаи зикршуда пешбинӣ менамояд, ки давлатҳои аъзои конвенсияи мазкур метавонанд дар ҳолати вазъияти фавқулодда баъзе аз уҳдадориҳои бар худ гирифтаро муваққатан қатъ намоянд, яъне иҷро накунанд, аммо он набояд ба уҳдадориҳои давлат дар сатҳи байналмилалӣ мухолифат намояд. Дар ҳоле, ки сухан оид ба саломатӣ ва ҳаёти инсон меравад, оё даст кашидан аз иҷрои баъзе уҳдадориҳоро меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва принсипҳои умумиэътирофшудаи он иҷозат медиҳанд? Албатта, не. Зеро, чунин амал мухолиф ба муқаррароти санадҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон мебошад.

Дар ҳамин замина, месазад иброз намуд, ки бо эълон гардидани вабои хорзаҳр тамоми давлатҳо кӯшиш намуданд то ҳифзи саломатии аҳолиро таъмин намоянд ва ба ҳаёту саломатии онҳоро аз ин вабо эмин нигоҳ доранд. Аммо, амалияи раванди мазкур нишон дод, ки аксарияти давлатҳо аз як тараф ҳифзи саломатии аҳолиро таъмин намуда, аз тарафи дигар ба поймолшавии он кӯмак расониданд. Зеро, тамоми қувва ва имконияти қисми зиёди давлатҳо баҳри пешгирӣ намудани ин вабо сафарбар гардида, табобати маризоне, ки гирифтори бемориҳои дигар буданд қариб ба гӯшаи фаромӯшӣ рафт, ки он ки аз рӯи маълумотҳои матраҳнамудаи Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ ҳамасола миллионҳо нафар аз бемориҳои гуногун фавт менамоянд. Чунин амал дар як вақт нисбат ба барандагони махсуси ҳуқуқ низ тадбиқ гардид. Аз ин рӯ, давлатҳоро зарур аст то дар марҳилаи мазкур диққати асосиро на танҳо ба табобати маризони гирифтори ин вабо, балки ба нафароне намоянд, ки дучори бемориҳои гуногун гардидаанд. Танҳо дар чунин ҳолат имконияти таъмин намудани ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ имконпазир хоҳад буд.

Масъалаи дигаре, ки бояд ба он аҳамияти зарурӣ равона гардад ин озод намудани субъектони махсус ҳуқуқ, алалхусус муҳоҷирони меҳнатӣ аз баъзе уҳдадориҳо дар шароити саросарвабо мебошад, ки онҳо дар асоси қонунгузории давлати будубош ба зима гирифтаанд. Зеро, таҷриба нишон дод, ки бо эълон гардидани саросарвабо аксарияти ташкилоту корхонаҳо фаъолияти худро боз доштанд ва дар натиҷа қисми зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ аз машғул шудан ба фаъолияти муайян маҳрум гардида, имконияти аз лиҳози моддӣ таъмин намудани худро аз даст доданд, лекин аз ҷониби давлати сукунатдошта ба онҳо кӯмак расонида нашуд. Ҳол он, ки муҳоҷири меҳнатӣ барои машғул шудан ба фаъолияте чандин марҳилаҳои ҳуҷҷатгузориро сипарӣ намуда, ҳармоҳа ба суратҳисоби давлати истиқоматдоштааш маблағ мегузаронад. Яъне, аз воридшавӣ ба давлат то хориҷшавӣ аз он муҳоҷири меҳнатӣ маблағ месупорад, аммо дар лаҳзаҳои мушкил дастгирие аз ҷониби давлати мазкур нисбат ба муҳоҷирони меҳнатӣ анҷом дода намешавад. Масалан, дар марҳилаи қанорагирӣ (карантин) муҳоҷири меҳнатӣ аз кор маҳрум шуд ва он ҳармоҳа барои иҷозатнома (патент), ҷойи истиқомат, суғуртаи тиббӣ, хӯрок ва ғ. маблағ сарф менамояд, аммо манбаи даромад вуҷуд надорад, пас чӣ гуна имконияти пардохт намудани онҳоро доро мебошад!? Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки дар шароити саросарвабо давлатҳое, ки дар ҳудуди онҳо барандагони махсуси ҳуқуқ, алалхусус муҳоҷирони меҳнатӣ кор ва фаъолият менамоянд, бо ба инобат гирифтани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ онҳоро аз иҷрои уҳдадориҳои муайян озод намуда, вазъи ҳуқуқиашон баробар ба вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони давлат эътироф карда шавад.

Хулоса намудан мумкин аст, ки новобаста аз ҷой доштани механизмҳои гуногуни сатҳи байналмилалӣ ва мавҷуд будани санадҳои фарогир (универсалӣ) дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ҳуқуқ ва манфиатҳои дарёбандагон (субъектон)-и дигари ҳуқуқ дар давраи қанорагирӣ (карантин) аз ҷониби давлатҳои абарқудрат поймол гардидаву моро водор менамояд то ба ин қишрҳои аҳолӣ низ бетафовут набошем. Дар шароити саросарвабо амали баъзе давлатҳои сайёра ва созмонҳои байналмилалӣ мақоли "худат медониву дави аспат"-ро ба хотир оварда, собит сохтанд, ки меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ дар шакли "де-юре" вуҷуд доранду дар шакли "де-факто" ба гӯшаи фаромӯшӣ рафтаанд. Ояндаи ҳамаи давлатҳо ва миллатҳо, пешрафти онҳо танҳо ва танҳо дар муттаҳидиву ҳамбастагӣ аст. Бо заҳмату меҳнати якҷоя зиндагӣ кардан, дар ҳаққи ҳар як инсон новобаста аз миллату нажод ва шаҳрвандиаш ғамхорӣ зоҳир кардан ин аст мақсаду мароми аслии инсоният баъд аз сипарӣ намудани саросарвабоии хорзаҳр (коронавирус). Албатта, агар инсоният ин ҳамаро фаромӯш насозад, зеро хотираи инсон хеле заиф ва кӯтоҳ аст.

# ЗНАЧЕНИЕ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ

**В каждой стране есть ряд государственных праздников, которые обозначают основные этапы ее становления. Это всемирная практика, призванная вызывать у людей чувство патриотизма и гордости за достижения, достигнутые за последние годы. 9 сентября – День независимости Республики Таджикистан. История праздника насчитывает 29 лет, но это не убавляет его значимости для каждого гражданина.**



**Умед МУРОДЗОДА**
**ассистент кафедры**
**конституционного права**

Независимость для любой нации является бесценным благом, величайшей святыней и колоссальным праздником, так как она выражает национальную гордость, основу развития и прочный фундамент единства, государственной целостности. Таджикистан обрел свою независимость 9 сентября 1991 года, и с того времени ежегодно с большим размахом празднуется день Государственной независимости Республики Таджикистан. Вот уже 29 лет, как Таджикистан продвигается вперед под знаменем суверенитета и под мудрым руководством Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона, развивается в атмосфере мира, покоя и единства народа вокруг Главы государства, неизменно достигая больших свершений. Вместе с тем, каждый должен глубоко осознавать, что эти успехи дались очень сложно. На ранних этапах независимости под влиянием некоторых внутренних и внешних разрушительных сил страна была вовлечена в бездну гражданской войны, которая стала причиной колоссальных человеческих жертв, неизмеримого экономического, социального и духовного ущерба, заморозила все институты и основы государственного строя, породила в стране беззаконие и беспорядок. В таких тяжелых политических условиях граждане всех регионов республики, проявляя чувства исключительной государственной ответственности за возрождение основ государственности, совершенствования ветвей власти и обеспечения законности, мира и национального согласия, посредством своих избранников в высших представительных органах страны добились, чтобы 16 ноября 1992 года в Худжанде состоялось заседание 16-й сессии Верховного Совета Республики Таджикистан (12-го созыва). Верховный Совет избрал новое руководство республики во главе с Эмомали Рахмоном. Именно Эмомали Рахмон, как Председатель Верховного Совета Республики Таджикистан и одновременно Глава государства, с первых дней своей деятельности на этом эпохальном и ответственном для народа и государства должности предложил уникальную стратегию вывода страны из политического, экономического, культурного и духовного кризиса. Молодой опыт независимого развития страны доказал, верность избранного, Эмомали Рахмоном, пути и политики построения государства новейшего типа. Новейшая история таджикской государственности еще раз засвидетельствовала истину о том, что наш благородный народ, обладая огромным потенциалом, способен предотвратить любую угрозу и защитить авторитет и статус государства таджиков на международной арене.

Взгляд на пройденный путь дает понимание того, что в период независимости сделаны значительные самостоятельные шаги во имя развития и благоденствия страны. За эти годы в жизнь были воплощены громадные планы, о которых в советское время никто даже и не задумывался. За 29 лет независимости Республика Таджикистан как неотделимый и полноправный субъект мирового сообщества в рамках своей благополучной внешней политики установила дипломатические отношения с большинством стран мира.

Сегодня, в год 29-летия Государственной независимости, народ Таджикистана живет миролюбивой жизнью и трудится в духе созидания во благо еще большего украшения нашей прекрасной земли и объединяется вокруг своего признанного Лидера нации, которому верит и который в своей многогранной деятельности опирается на здоровые силы общества, миролюбие, благоразумие и дальновидность своей древней нации.

# ОГРАНИЧЕНИЕ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА В СИТУАЦИИ С ПАНДЕМИЕЙ COVID-19



**Мадина КОСИМОВА**
**студентка 2-го курса**

Конституционные ограничения – это установленные в Конституции границы, в пределах которых субъекты могут использовать свои права и свободы, в случае если эти границы возводятся в целях защиты общественных прав и интересов.

COVID-19 – это инфекционное заболевание, вызываемое новым короновирусом, который был впервые идентифицирован в декабре 2019 г. в Ухане провинции Хубей (Китай).

Международный пакт об экономических, социальных и культурных правах, участниками которого является большинство государств, признает за каждым человеком право на «наивысший достижимый уровень физического и психического здоровья» и обязывает правительства принимать эффективные меры для «предупреждения и лечения эпидемических, эндемических, профессиональных и иных болезней и борьбы с ними».

Отслеживающий выполнение Пакта Комитет по экономическим, социальным и культурным правам отмечает: Право на здоровье тесно связано и зависит от осуществления других прав человека, предусмотренных в Международном билле о правах, включая права на питание, жилище, труд, образование, человеческое достоинство, жизнь, не дискриминацию, равенство, запрещение пыток, частную жизнь, доступ к информации, а также свободы ассоциации, собраний и передвижения. Эти и другие права, и свободы связаны с составными элементами права на здоровье.

Государство обязано предоставлять информацию, необходимую для поощрения и защиты прав человека, включая право на здоровье. Комитет по экономическим, социальным и культурным правам относит к «приоритетным обязательствам» «обеспечение доступа к информации, касающейся основных медицинских проблем в общине, включая информацию о методах предотвращения таких проблем и борьбы с ними». Учет прав человека при реагировании на COVID-19 предполагает предоставление всему населению достоверной и актуальной информации о самом вирусе, о доступе к услугам, о прекращении оказания услуг и о других аспектах реагирования властей на эпидемию.

Международные нормы о правах человека, в первую очередь – Международный пакт о гражданских и политических правах, требуют, чтобы ограничения прав и свобод в интересах защиты здоровья населения или в случае чрезвычайного положения были законными, необходимыми и соразмерными. Ограничения, такие как обязательный карантин или изоляция людей с характерными симптомами, должны как минимум быть предусмотрены законом. Они должны быть строго необходимыми для достижения законной цели, должны основываться на научных фактах, должны быть соразмерными искомой цели, должны быть ограничены по времени и должны подлежать контролю, а их применение не должно быть произвольным или дискриминационным и должно обеспечивать уважение человеческого достоинства.

Правительства должны минимизировать риски производственных травм и профзаболеваний, в том числе обеспечивая работников информацией о здоровье и надлежащей защитной одеждой и снаряжением. Из этого следует, что работникам здравоохранения и другим лицам, привлекаемым к борьбе с коронавирусом, должна обеспечиваться соответствующая противоэпидемическая подготовка и должно выдаваться защитное снаряжение. Борьба с распространением коронавируса требует обеспечения медицинских учреждений в достаточном объеме водой и санитарно-гигиеническими средствами.




Многие страны в условиях эпидемии коронавируса закрывают школы, что приводит к перебоям в учебном процессе для миллионов учащихся. В кризисные периоды школы поддерживают у детей чувство стабильности и нормальности, обеспечивая привычный распорядок и эмоциональную поддержку, чтобы дети могли справиться с ситуацией. Школы также являются важной площадкой, которая позволяет детям и их родители получать знания о важности гигиены, о том, как правильно мыть руки, и о том, как справляться с нештатными ситуациями. В отсутствие школьных занятий эта важнейшая работа ложится на родителей, опекунов и лиц, осуществляющих уход. После объявления о закрытии школ государственным ведомствам надлежит заполнять образовавшийся вакуум, распространяя понятные и надежные рекомендации через соответствующие каналы коммуникации.

Во многих странах гражданские группы выполняют важнейшую работу по поддержке усилий, направленных на обуздание эпидемии и обеспечение того, чтобы инфицированные коронавирусом – как в условиях изоляции, так и в карантине – имели доступ к необходимому лечению, уходу и социальной помощи. Государство должно оказывать защиту и поддержку таким организациям, а также тем, кто освещает последствия эпидемии.

Миллиарды людей во всем мире не имеют доступа к безопасной питьевой воде. При этом, как отмечает ВОЗ, обеспечение безопасной водой и санитарно-гигиеническими условиями является неотъемлемой частью охраны здоровья человека в период эпидемии COVID-19. Поэтому, необходимы дальнейшие исследования для оценки рисков распространения вируса через воду и окружающую среду и для выработки понимания того, как обеспечить во время эпидемии надлежащую подготовку и поддержку соответствующих служб.

Следуйте указаниям гигиены, будьте здоровы и ЗНАЙТЕ СВОИ ПРАВА!!!

# САРАЗМ – САРЧАШМАИ ТАЪРИХИ МИЛЛАТ





Фирдавс УМАРОВ
донишҷӯи соли 2

Мардуми тоҷик аз азал миллати соҳибтамаддун ва бофарҳанг буда, бо таърихи бою пурғановати хеш миёни дигар халқиятҳо маъруфу машҳур гаштааст.

Чи тавре ки маълум аст, 21-уми сентябри соли 2001 тахти рақами №391 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри қадимаи Саразм, ки дорои таърихи беш аз 5500-сола мебошаду маркази кишоварзию ҳунармандӣ ва шаҳрсозии тоҷикон ҳифз шудааст ва ҳамчун Мамнӯъгоҳи таърихию бостоншиносии Саразм эълон шудааст. Он аз 31-уми июли соли 2010 бо пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби ЮНЕСКО ба феҳристи мероси фарҳангии умумибашарӣ ворид гардид.

Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ду маротиба (солҳои 2003 ва 2005) аз ёдгории Саразм боздид намуданд. Маҳз бо дастуру ҳидоятҳои созандаи фарҳангпарваронаи сарвари давлат, тайи солҳои 2003-2008 панҷ ҳафриёти бостоншиносӣ болопӯш карда шуданд.

Таърихи пайдоиши Саразм барои тамоми инсоният ва илми бостоншиносӣ, ин кашфиёти беназир дар Осиёи Миёна мебошад. Бо амри тақдир солҳои 70-уми асри гузашта тасодуфан, як пиронсоли маҳаллӣ бо насаби Тайланов, табарзин меёбад ва пас аз панҷ шаш соли андеша, оқибат онро ба Абдуллоҷон Исҳоқов, инсони ватанпарвар, меҳнаткаши асили илми бостоншиносӣ медиҳад ва сирри Саразми бостон аз ҳамон вақт, яъне 13-уми сентябри соли 1976 рӯшан мешавад. Абдуллоҷон Исҳоқов тавонист, ки дар як муддати кӯтоҳ ба кофтукобҳои ин дастоварди беназири дунё шурӯъ намояд ва то ҳол дар кофтукобҳои археологӣ қарор дорад.

Шаҳри Саразм масоҳати умумиаш 100 гектарро ташкил медиҳад, ки ин шаҳри бостонӣ аз қасрҳо, маъбадҳо, маҳаллаҳо ва кӯчаҳои сангфарш карда шуда иборат аст. Мардуми ин шаҳр ба чорводорӣ, кишоварзӣ, савдогариву тиҷорат, кулолгарӣ, маъданҷӯйиву, маъдангудозӣ, бофандагию, ресандагӣ, чармгарӣ, коркарди чӯб, сангтарошӣ ва ғайраҳо машғул буданд.

Бостоншиносон, то ба имрӯз аз қаъри замини Саразм бисёр бозёфтҳои нодири фарҳангиро пайдо намудаанд: аз ҷумлаи 150 хонаи истиқоматӣ, 4 оташкадаи оташпарастон, 1 анбори ғалла нигоҳдории ҷамъиятӣ, бӯстонсароҳо бароварда шудааст, ки дар қаъри ин бозёфтҳо, инчунин бозёфтҳои анҷомирӯзгор, аз ҷумла зарфҳои сафолини мунаққашу сангини сафолишуда ва зебу зинати тиллоӣ, нуқрагӣ, мисӣ, биринҷӣ, инчунин лоҷувари Бадахшон, ақиқи Қайроқум, фирӯзаи Хоразму Фарғона зарфҳои нақошишудаи фарҳанги Балуҷистону Систон ва Балх ёфт шудааст. Аз ин бармеояд, ки ин мардум ба тиҷорат низ машғул будаанд. Далели ин ҳама гуфтаҳо Роҳи Абрешим мебошад, ки Саразм ба он бисёр наздик аст.

**Дар замони дур, ба аҳди бостон,**
**Дар гузаргоҳи тамоми корвон.**
**Гашт барпо шаҳри хуби дилнишин,**
**Бо Самарқанду Бухоро буд карин.**

Номгузории Саразм, калимаи тоҷикӣ мебошад, ки ба ақидаи барҷастатарин донандаи забони суғдӣ В.А. Литвит, Саразм маънои «сари замин»-ро дорад. Дар натиҷаи кофтукобҳои бостоншиносӣ исбот карда шудааст, ки Саразми бостонӣ ба солҳои 3400-2000 п.м. мансуб аст, ки ба чаҳор давраи пайдарҳамии ҳодисаҳо ҷудо карда шудааст ва бо назардошти таҳлилҳои радиокарбонатӣ ва тарики зайл мебошад:

– **давраи I солҳои 3500-3200 то асри мо;**
– **давраи II солҳои 3200-2900 то асри мо;**
– **давраи III солҳои 2900-2700 то асри мо;**
– **дараи IV солҳои 2700-2900 то асри мо.**

Шаҳрсозӣ дар тамоми сайёраи замин ҳанӯз дар миёнаи дуюми ҳазораи IV ва ибтидои ҳазораи III-и қабл аз милод дар Шумеру Акад ва Мисру Ҳиндустон, дар ҳазораи III дар Чин, ҳазораи II-и пеш аз милод дар Аврупои шаркӣ оғоз шуданд ва Саразми Панҷакент ҳам дар охири ҳазораи IV-и пеш аз милод вобаста ба ҳамон сол рушд ва инкишоф ёфтааст.

Бояд қайд кард, ки бузургтарин ва гаронтарин бозёфти Саразм, ин "Гӯри Малика"-и Саразм мебошад. Ба ақидаи бостоншиносон, Малика хеле ҷавон вафот кардааст. Онҳо тахмин мекунанд, ки ӯ дар синни 25-солагӣ вафот кардааст. Аз гӯри малика, муҷассамаи ӯ аз гил, гарданбандҳои тиллоӣ, шабаҳҳо аз фирӯзаву лоҷувард, оҳаксанг, ақиқу нуқра, сафеда, оина ва дигар лавозимотҳои ороишотӣ ёфт шудааст.

**Чуноне ки дар боло қайд кардем, масоҳати Саразм 100 ё 130 гектаро ташкил медиҳад, ки аҳолии он беш аз 3000 нафар будааст, ки дар марҳилаҳои рушд ба 10000 нафар мерасад.**

Дар натиҷаи кофтукобҳои бостоншиносон кай аз байн рафтани ин шаҳри бузург маълум шудааст, аммо сабабаш не, лекин тахмин меравад, ки шояд аз хушк шудани маҷрои болои Шаҳристон мардум онро тарк карданд ё ин ки ҳодисаи табиӣ ба монанди Ҳойиту Шарораи ҳозира онро ба харобазор табдил додааст.

Ҷашни 5500-солагии ин шаҳри бостон, ки бо пешниҳоди Пешвои Миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2020 дар сатҳи байналмилалӣ таҷлил карда мешавад, ки аллакай садҳо олимону, археологҳо аз Федератсияи Руссия, ИМА, Фаронса, Чин, Қазоқистон, Ӯзбекистон, ва дигар мамлакатҳои хориҷӣ дархости иштирок дар ҷашни ин шаҳри қадимаро додаанд.

**Дил барад ҳусни дилорои Саразм,**
**Қоилам бар тарҳи зебои Саразм.**
**Ҷомаи таърихӣ мезебад мудом,**
**Доимо бар қадди болои Саразм.**



# ПАЙДОИШИ ВОЖАИ ТОҶИК



Завқат АРБОБЗОДА
донишҷӯи соли 3

Қадимтарин маълумотҳое, ки доир ба сарзамини тоҷикон ва халқи тоҷик хабар медиҳад, ин сарчашмаҳои тибетӣ аст, ки ҳаждаҳ ҳазор сол қабл аз рӯзгори мо дар бораи сарзамине бо номи "Тачик" ёд мешавад ва ин кишвар дар ҳудуди Осиёи Миёна ҷой доштааст. Тоҷикон дар тӯли таърих бо номҳои орийё, аҷамӣ, озода, деҳқон, тоҷик, тат, сарт ва ғайраҳо ёдоварӣ мешаванд.

Дар адабиёти илмӣ доир ба маънои калимаи "тоҷик" ақидаҳои зиёд вуҷуд дорад. Ба ақидаи баъзе аз олимон калимаи "тоҷик" аз калимаи "тозӣ", "той" буда, ба маънои "араб" истифода мегардад. Азбаски мардуми форсизабони Мовароуннаҳр низ дини исломро паҳн мекарданд, туркҳо онҳоро "тозӣ" ном мебурданд. Баъдтар, барои фарқ кардани мардуми форсу тоҷик Осиёи Миёнаро "тоҷик" ё "тажик" номиданд. Фикри дигар он мебошад, ки гӯё истилоҳи "тоҷик" аз калимаи "тот" гирифта шуда, маънояш "раият" мебошад.

То асри XII тоҷиконро бо номҳои "тозик", "тажик","тожик", "тот", "тозӣ" ном мебурданд ва аз ҳамон замон калимаи "тоҷик" дар байни миллатҳои дигар ба кор бурда мешуд. Калимаи "тоҷик" ба сифати номи як миллати форсизабон асосан мардуми форсизабони Осиёи Миёна ва Хуросон кор фармуда шуда, баъд он ба ҳамаи форсизабонҳои рӯи дунё ба кор бурда шудааст. Ба ақидаи ман решаи калимаи "тоҷик" аз калимаи "тоҷ" гирифта шудааст, ки тоҷ барои ниёгони мо, аз ҷумла зардуштиён аз эътибори зиёде бархурдор буда, тоҷик қавмест ориёинажод, эронитабор ва тоҷдор.

# “УСТУВОНАИ КУРУШ” ВА АҲАМИЯТИ ТАЪРИХИИ ОН

**Асосгузори нахуст империяи мутамаддини ориёӣ – Куруши Кабир, ки бо далерӣ, сиёсатмадорӣ, адлу инсоф ва дипломати хуб буданаш империяеро (Ҳахоманишиҳо) таъсис дод, ки мутобиқи катибаҳои Дорои Бузург ва муаррихони Юнони қадим чандин давлатҳои ҷаҳони куҳан Порсу Мод, Бобулу Ошур, Мисру Финиқия, Лидияву Урарту, Парфияву Гиркания, Бохтару Суғд ва ғайраро дар қаламрави 22 вилоят муттаҳид намуда, дар ҳудуди се қитъаи олам Осиё, Аврупо ва Африқо доман густурда буд.**



**Асомиддин АБДУЛЛОЕВ**
**магистранти факултети таърих**

Куруш дар таърихи тамаддуни башарӣ бо сиёсати оқилонаи кишваркушоӣ, усули нави идоракунӣ, пойдории адолату пуштибонии ҳуқуқу манзалати халқиятҳои сокини қаламраваш шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардааст. Эъломияи таърихии Куруш бошад, аз ҷониби олимону муаррихон ҳамчун нахустин эъломияи ҳуқуқи башар эътироф шудааст, ки низоми одилона, инсонпарварона ва дунявии давлатдориро пуштибонӣ мекард.

Куруши Кабир дар миёни шоҳаншоҳони аҳди қадим яке аз оқилтарин, боинсофтарин камозортарин ва дурандештарин шоҳаншоҳ буд, ки тамаддунофарию адолатпешагӣ ва рафтору ахлоқи ҳамидааш нуфузи оламгир ёфтааст.

## СОЛИ 539 ТО МЕЛОД

Баъд иброз намуд, ки баъди ҳамроҳ намудани Эрони Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ дар сари роҳи Куруш барои ҳукмронӣ ҷаҳони мутамаддини давр шудан Бобул меистод, зеро ки он тараққикардатарин мамлакати минтақа, яъне маркази маданият ва тиҷорат буд. Куруш моҳи августи соли 539 то милод бо роҳи гуфтушунид ва музокироти одилона ғалаба ва даст оварда, Бобулро ишғол кард.

Вақте ки Куруши Кабир Бобулистонро фатҳ кард, баръакси шоҳони аҳди бостон, ки маъмулан ба куштору ғорат мепардохтанд, эъломияе интишор намуд, ки дар он ҳифзи ҷону мол ва озодии эътиқоди динии шаҳрвандон кафолат дода мешуд.

Куруши Кабир аввалин шоҳ дар дунёи қадим буд, ки ҳуқуқҳои табиии мардумро дарк карда, мехост ин ҳуқуқҳои мардум дар тамоми империяи ӯ дар пояи адолат қарор дошта бошад ва комилан риоя карда шаванд.

Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир аз ду қисмат иборат аст. Қисмати муқаддимавӣ: баён сохтани бедодгариҳои Набонид, ки мардуми Бобул, аз он ҷумла, муқаддасгоҳҳои рӯҳониён, ки ҷӣ қадар азоб кашиданд ва муқаддасгоҳҳои динӣ зарар диданд. Қисмати асосӣ: эҳтироми бепоёни Куруши Кабир нисбати ҳамаи арзишҳои Бобул ва мувофиқи анъанаҳои бобулиҳо аз дасти Мардук гирифтани ҳокимияти подшоҳӣ дар Бобул; ба бобулиҳо расонидани ҳамаи он кӯмак ва иҷрои корҳои неке, ки барои барқарор



**Гилнавишти Куруши Кабир: «Эъломияи ҳуқуқи башар»**

карда шудани адолат ва эҳтироми қадру қиммати инсон зарур ва таъхирнопазир буданд.

Зимни ин ҳадафҳо Куруши Кабир сохтори идораи давлатиро дар Бобул ва дар тамоми Шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён тағйир медиҳад. Чунин сохтори идораи давлат ва ҷомеа аз тақозои ҳадафҳо ва мазмуни Эъломия ба миён меояд. Куруши Кабир нағз дарк мекард, ки бе таъмини амнияти халқҳо ва барқарор кардани адолати сиёсӣ ва иҷтимоӣ рӯзгори фаровону осуда ва таъмини воқеии баробарҳуқуқии онҳо дар ҷомеа ва ҳукмрон гардидани адлу инсоф нометавонад ба давлати Ҳахоманишиён умри дуру дароз бахшад. Бояд махсус қайд кард, ки Эъломияи ҳуқуқи башар зодаи тафаккури башардӯстона ва раиятпарастии худи муаллиф – Куруши II Кабир мебошад.

Матне, ки дар ин эъломия бо хат ва забони бобулии иншо шудааст баъдан онро тарҷумаи форсӣ тоҷикӣ, ки олими шинохта П.Ҷамшедов кардааст чунин мебошад:

“Манам Куруш, шоҳи шоҳон, шоҳи бузург, шоҳи неруманд, шоҳи Бобул, шоҳи Шумер ва Акад, шоҳи чаҳор мамлакат, писари Камбуҷия – шоҳи бузург, набосаи Куруш, шоҳи бузург аз шоҳаи салтанати абадӣ, ки салтанаташ мавриди худоён ва ҳукуматаш ба дилҳо наздик аст. Вақте ки бе ҷангу ҷидол вориди Бобул шудам ҳама мардум қудуми маро ба шодмонӣ пазируфтанд. Дар қасри подшоҳони Бобул ба сарири салтанат нишастам.

Мардук - худои Бобул дилҳои наҷиби мардуми Бобулро мутаваҷҷеҳи ман кард, зеро ӯро ман муҳтарам ба гирмой доштам. Лашкари бузурги ман ба ором вориди Бобул шуд. Нагузоштам садама ва озоре ба мардуми ин шаҳру ин сарзамин ворид ояд... Аҳолии ин маҳалҳоро ҷамъ кардам ва манозили онҳоро, ки хароб карда буданд, аз нав сохтам ва худоёни Сумеру Акадро беосеб ба қасрҳои онҳо, ки “шодии дил” ном доранд, бозгардондам. Сулҳу оромишро ба тамоми мардум ато кардам”.

Эъломияи Куруш, ки аз фарҳанги ориёӣ ва ақоиди инсондӯстӣ сарчашма мегирад, нахустин ҳуҷҷати таърихиест, ки эҳтироми ҳуқуқ, озодии мазҳабу эътиқод ва ҳифзи дороии шаҳрвандонро пуштибонӣ кардааст. Айни



**Матни Эъломияи ҳуқуқи башар бо хатти мехӣ**

ҳол ин эъломия, ки бо номи “Устувонаи Куруш” машҳур аст, дар Музейи Британия маҳфуз буда, намунаи нахустини Эъломияи ҳуқуқи башар дар таърихи инсоният аст.

## НУҚТАҲОИ АСОСӢ

Таҳлили ҳаматарафаи Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши II Кабир нишон дод, ки он аз ғояҳои ҳуқуқию ахлоқии зерин саршор мебошад:

1. Шоҳ кафили ҳуқуқи инсон ба зиндагӣ мебошад. 2. Шоҳ кафили амнияти раият мебошад. 3. Шоҳ кафили тартибу низом дар ҷомеа мебошад. 4. Шоҳ кафили ҳуқуқу озодиҳои раият мебошад. 5. Шоҳ кафили дахлнопазирии манзили раият аст. 6. Шоҳ кафили ҳифозати шаклҳои гуногуни моликият аст. 7. Шоҳ дахлнопазирии ибодатгоҳҳо ва шоҳҳоро таъмин менамояд. 8. Шоҳ кафили таъмини ҳуқуқ ба эътиқодҳои динӣ мебошад. 9. Шоҳ дар мамлакат пуштибони асосии расму оинҳо мебошад. 10. Кас ҳақ дорад манзилашро тарк кунад ва ба он баргардад. 11. Шоҳи золим бояд ба ҷазои сахт гирифтор карда шавад. 12. Шоҳ бояд зулмро дар мамлакати хеш аз байн бардорад. 13. Шоҳ набояд нисбати халқ худсарона рафтор кунад. 14. Ҳоким ва шоҳ бояд адолатпеша ва бо раҳму шафқат бошанд. 15. Мардук ба вазифаи шоҳ адолатпешаро интихоб мекунад. 16. Муқаддасгоҳҳо бояд дар зери ҳимояи давлат бошанд. 17. Шоҳи ҳақиқӣ касест, ки сазовори эҳтироми раият шудааст. 18. Аз дасти шоҳи золим давлат барҳам мехӯрад. 19. Ҳокимияти шоҳ на барои он аст, ки халқ аз он тарсад. 20. Ёдгориҳои таърихиро бояд шоҳ ҳимоя кунад. 21. Ҳеҷ кас набояд дар ҳолати ғуломӣ қарор дошта бошад. 22. Ҳар кас ҳуқуқи истифода аз ёдгориҳои маданиятро дорад. 23. Касе ҳақ надорад раиятро аз ҳуқуқи шаҳрвандӣ маҳрум созад. 24. Мардум ҳақ доранд ба мақомоти давлатӣ муроҷиат намоянд. 25. Куруш ҳимоятгари манфиатҳои мардуми Бобул мебошад. 26. Қонунҳо бояд баробарҳуқуқии ҳамаро таъмин намоянд. 27. Кӯшун аз ҷумлаи кафилони таъмини осудагии раият мебошад. 28. Давлат кафили таъмини ҳуқуқу озодиҳои мардум мебошад. 29. Шоҳ ҳақ надорад дар давлати худ ба қонуншиканӣ роҳ диҳад. 30. Шоҳ ҳақ надорад касеро маҷбуран аз як ҷо ба дигар кӯчонад. 31. Шоҳ ҳақ надорад раиятро аз мамлакат пеш кунад. 32. Шоҳ бояд арзу шикояти раиятро баррасӣ ва ҳаллу фасл намояд. 33. Шоҳ бояд дар назди худоҳо ва раият масъулият дошта бошад. 34. Шоҳ бояд барои раият аз ҳар ҷиҳат намунаи ибрат бошад. 35. Шоҳ бояд ба корҳое машғул шавад, ки халқро ба некрӯзӣ биёранд. 36. Шоҳ кафили асосии ҳуқуқу озодиҳо ва беҳдошти зиндагии раият аст. 37. Шоҳ бояд амнияти мардуми давлатҳои истилокардаро таъмин намояд. 38. Шоҳ бояд ғамхори беҳдошти зиндагии мардуми давлати истилошуда бошад. 39. Қонунҳо бояд дар пояи адолати сиёсӣ ва иҷтимоӣ қарор дошта бошанд. 40. Дар муносибатҳои байналмилалӣ на ҷанг, балки дипломатия афзалият дорад. 41. Зарурати ба назар гирифтани нақш ва мақоми эътиқодоти динӣ дар ҷомеа. 42. Инсон ҳуқуқҳои азалӣ дорад ва онҳоро касе ҳақ надорад шиканад. 43. Пуштибонии олии ҳуқуқҳои азалии инсон дар Бобул худоҳо ва махсусан Мардук мебошад. 44. Ҳамаи нажодҳо баробарҳуқуқанд.

Ин эъломияи башардӯстона, ки метавон нахустин санади кафолати озодии мазҳабу эътиқоди динӣ ва гузашта аз ин, эҳтироми ҳуқуқи шаҳрвандони гуногунмиллату мухталифоийн шумурд, аз тамаддуни ориёӣ сарманшаъ гирифтааст. Шояд дар таърихи аҳди қадим ин эъломия нахустин иқдомест сӯйи ҷомеаи дунявию адолатпарвар, ки дертар тавасути рӯшанфикрони Юнону Рим ба Аврупо роҳ ёфта, заминаи ҷомеаи ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва башардӯстонаро падид овард.

Ин боиси ифтихори ҳар як насли ориёӣ – тоҷик аст, ки аз қадим мо мардум тарафдори озодӣ, ободӣ, баробарӣ ва адлу инсоф буда, барои сарҷамъӣ ва иттифоқи халқҳо мубориза бурдаем, ки ин аз бузургӣ ва соҳибтамаддун ва соҳибфарҳангии мо тоҷикон дарак медиҳад.

№8-10 (133-134)
8-УМИ СЕНТЯБРИ СОЛИ 2020
ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНӢ
МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

# ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИ МУАЛЛИФ ВА ҲУҚУҚҲОИ ВОБАСТА БА ОН

## (аз нигоҳи қонунгузории ҷиноятӣ)



Саидакмал АБДУЛЛОЕВ
магистри соли 2

**Маҳсули эҷодӣ дар ҷомеаи ҷаҳон торафт қадр пайдо карда, чун манбаи дастовардҳо хизмат мекунад. Тавлиди ғояҳои нав инсонро ба дурнамои нек, тараққиёт ва пешрафти илму техника, беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ оварда мерасонад. Дастовардҳо ба ҷомеаи ҷаҳон ҳусни дигаре мебахшанд ва инсон мекӯшад, ки то ҳуқуқу манфиатҳои моликияти зеҳнии худро ҳифз намояд. Ин масъала дар шароити Тоҷикистон бениҳоят рӯзмарра буда, дар ин ҷода нахустин чораҳои амалӣ андешида мешаванд.**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар давлатҳо, дар баробари чораҳои ҳифзи ҳуқуқӣ-граждании ҳуқуқи муаллиф, инчунин чораҳои ҷиноятиро барои вайрон кардани ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он муқаррар мекунад. Муносибатҳои ҷамъиятие, ки ҳангоми эҷод ва истифодаи асарҳои илмӣ, адабиёт ва санъат (ҳуқуқи муаллиф), фонограмма, иҷро, намоиш ва барномаҳои ташкилоти пахши эфирӣ ва кабелӣ (ҳуқуқҳои вобаста ба он) баамал меоянд, тавассути Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» аз 13 ноябри соли 1998, Кодекси граждании ҶТ (қ. 3), Кодекси ҷиноятӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим карда мешавад.

Мувофиқи моддаи 40 Конститутсия Тоҷикистон ҳар шахс ҳуқуқ дорад озодона дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, эҷоди бадеӣ, илмӣ ва техникӣ ширкат варзад, аз дастовардҳои онҳо истифода кунад. Моликияти зеҳнӣ таҳти ҳимояи қонун аст. Кодекси ҷиноятии ҶТ дар м. 156 барои вайрон кардани ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар кардааст.

Объекти ҷиноятро муносибатҳои ҷамъиятие, ки вобаста ба ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он ба вуҷуд меоянд, ташкил медиҳанд. Ҳуқуқи муаллиф ба асарҳои илмӣ, адабиёт ва санъат, ки натиҷаи фаъолияти эҷодӣ мебошанд, сарфи назар аз таъинот ва аҳамият, ҳамчунин тарзи ифодаи онҳо татбиқ мегардад.



**Асар маънои васеъ дошта, бояд дар шаклҳои объективии зерин ифода ёфта бошад: хаттӣ (дастхат, чопи мошинӣ, сабти нотаҳо ва ғ.), даҳонӣ (изҳори оммавӣ, иҷрои оммавӣ ва ғ.), сабти овозӣ ва видеоӣ (механикӣ, магнитӣ, ададӣ, оптикӣ ва ғ.), тасвирӣ (расм, ангора, сурат, нақша, тасмаи кино, навори телевизион, навори видео, кадри аккосӣ ва ғ.), ҳаҷмӣ ва фазоӣ (ҳайкал, намуна, амсила, сохтмон ва ғ.) дигар шаклҳои қобили дарку эҳсос.**

Қайд кардан ба маврид аст, ки ба ғоя, усул, ҷараён, тартиб, тарзу усул, равия, принсип, кашфиёт ва факт ҳуқуқи муаллиф татбиқ намегардад. Ҳуқуқҳои вобаста бошад, ба ҳамаи намоиш, иҷро, фонограмма, барномаҳои ташкилоти пахши эфирӣ ва кабелӣ сарфи назар аз таъинот, мазмун ва қиматашон, ҳамчунин сарфи назар аз тарзу шаклҳои ифодаи онҳо татбиқ мешаванд. Предмети ҷиноят асарҳои илмӣ, адабиёт, санъат ва дигар асарҳо, ки ҳамчун объекти ҳуқуқи муаллиф баромад мекунанд, мебошанд.

Ба сифати ҷабрдида аз ҷиноят муаллифони асар ва дорандагони ҳуқуқҳои вобаста (иҷрогар, истеҳсолкунандаи фонограмма, ташкилоти пахши эфирӣ ё кабелӣ) баромад мекунанд.

Тарафи объективии ҷиноятро кирдор (дар шакли ҳаракат), оқибат (расонидани зарар ба миқдори калон) ва робитаи сababӣ байни кирдор ва оқибати бавуҷудомада ташкил медиҳад. Тарафи объективии қ. 1 м. 156 КҶ ҶТ дар ҳаракатҳои зерин ифода меёбад: азхудкунии ҳуқуқи муаллифӣ (асардуздӣ (плагиат)) ва ба ҳаммуаллифӣ маҷбур кардан.

Таҳти мафҳуми азхудкунии ҳуқуқи муаллифӣ аз номи худ интишор кардани асарҳои дигар шахс бе нишон додани иқтибосҳои дахлдор ба муаллифи асар, фаҳмида мешавад.

Ҳуқуқи муаллиф ба асаре, ки маҳсули эҷодии ду ва ё зиёда шахсон ҳисоб меёбад (ҳаммуаллифӣ), муштаракан ба ҳамаи муаллифони он тааллуқ дорад, сарфи назар аз он ки асари мазкур як ҷузъи томи тақсимнопазирро ташкил мекунад ва ё аз қисматҳои ҷудогонаи дорои аҳамияти мустақил таркиб ёфтааст. Ба ҳаммуаллифӣ маҷбур кардан маънои бо ҳар роҳ (зӯроварӣ, таҳдиди истифодаи зӯроварӣ ва ғайра) маҷбур кардани муаллиф оиди ҳамроҳ кардани номи ӯ ё шахси дигар ба ҳаммуаллифиро дорад.

Таркиби ҷинояти қ. 1 м. 156 КҶ ҶТ моддӣ буда, ҷиноят аз лаҳзаи расонидани зарар ба миқдори калон хотимаёфта дониста мешавад. Мувофиқи эзоҳ ба м. 156 Кодекси ҷиноятии ҶТ таҳти мафҳуми зарар ба миқдори калон чунин зараре ҳисобида мешавад, ки он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо панҷсад маротиба зиёд бошад.

Субъекти ҷиноят шахси мукаллафи ба синни 16-солагӣ расида мебошад. Тарафи субъективии ҷиноят дар қасди бевосита ифода мегардад. Гунаҳкор кирдори ба ҷамъият хавфнокии худро дар азхудкунии ҳуқуқи муаллифӣ (асардуздӣ), ҳамчунин ба ҳаммуалифӣ маҷбур кардан дарк менамояд ва бо ин кирдораш ба муаллиф ё дигар соҳибҳуқуқ ба миқдори калон зарар мерасонад ва хоҳони содир кардани чунин кирдор аст. Ангезаи ҷиноят аломати ҳатмии тарафи субъективии ҷиноят набуда, метавонад гуногун бошад. Масалан, қасд, бадбинӣ, шӯҳратпарастӣ, худситоӣ ва ғайра.

Дар қ. 2 м. 156 КҶ ҶТ барои истифодаи ғайриқонунии объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ ё ҳуқуқҳои вобаста ба он, ҳамчунин ба даст овардан, нигоҳ доштан, интиқол додан ё фиристондани нусхаҳои ғайриқонунии асар ё фонограммаҳо бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, агар ин кирдорҳо ба миқдори калон зарар расонидани бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ карда шудааст.

Умуман, ҳодисаҳо, ки бо ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он дар мамлакати мо ба назар мерасад муаллифро руҳафтода менамояд. Махсусан, дар шабакаи умумиҷаҳонии Интернет ягон танзими ҳуқуқи муаллиф вуҷуд надорад. Бо мақсади таҳкими ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он, таҳияи сиёсати ягонаи давлатӣ ва ҳуқуқие зарур аст, ки шароити заруриро барои татбиқи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҳам худи муаллифон ва ҳам корбарони оддӣ таъмин намояд.

---

**Шеър гӯям ман барои меҳанам,**
**Аз барои Тоҷикистон-модарам.**
**Қавл медиҳам ба ту ман, эй Ватан,**
**Ман ба ҳифзи ту диҳам ҷону танам.**
**Заррае хоки ту бошад гавҳарам,**
**Як қадам дар он намонад душманам.**
**Беҳ туро дар дасти душман диданам,**
**Ман ба дор бинам сару ҷону танам.**

*** *** ***

**Гарчи мебинӣ маро дар ҷисм бе ҳолу мадор,**
**Лек дар дил қудрате дорам, ки созад корзор.**
**Қудрате, ки не силоҳ дорад, на ҷавшан дар бадан,**
**Қудрати имону меҳри ин диёр.**
**Хуни ман чун сафкашида дар рагам ҳамчу сипоҳ,**
**Эй Ватан, илҳоми ман, ҳам завқи ман илзоми туст.**
**Ин ҳама нусрат, ки Яздон дод бар Савдо, ҳама,**
**Аз таҳаммул, аз муҳаббат, ҳам зи интизоми ӯст.**



Ҷуразода Исмоил
(Савдо)
донишҷӯйи
факултет

# ТАЪЗИЯ

Идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» ва садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ба доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносӣ Тағойназаров Шариф бинобар даргузашти

**ПИСАРАШ**

изҳори тасаллият менамоянд.

# ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА ОРМОНҲОИ МИЛЛӢ

Ҷомеаи инсонӣ аз рӯзе, ки худро шинохту хост бахри худ фазои хушиҳои зиндагиро фароҳам созад, бо вуҷуди костагиҳои ҷанбаи маърифат сараввал тӯли ҳазорсолаҳо парчами муборизаро баланд бардошт, то ин ки соҳибистиқлол бошад.

Соҳибистиқлолӣ пеш аз ҳама дар зиндагӣ, дар баёни андеша, дар кору истироҳат, табобату маълумот гирифтан, сафар кардан, дар муносибатҳои сиёсию фарҳангӣ, равобити тарафайн ифода меёбад.

Мардуми Тоҷикистон соли 1991 Истиқлолияти комили худро ба даст оварданд. Бояд тазаккур дод, ки омилҳои таҳкимбахши фазои сулҳ ва парчами озодӣ, пояҳои давлату давлатдорӣ дар ибтидои соҳибистиқлолӣ, ин пеш аз ҳама, таъсиси Артиши миллӣ ва нерӯҳои сарҳадӣ, қабул гардидани рамзҳои давлатӣ – Нишон, Парчам, Суруди миллӣ, имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ гардид. Ҳамзамон, ба мардум тақсим карда додани 75 ҳазор гектар замин, оғози ислоҳот дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ, ҷалби сармояи хориҷӣ барои бунёди иншооту корхонаҳои азими муштарак, ба роҳ мондани барномаҳои соҳавӣ, баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, ҷорӣ гардидани квотаҳои Президентӣ, тавассути рушди иқтисодиёт зина ба зина тақвият бахшидани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ғайраҳо омилҳои дигаре буданд, ки мамлакатамон роҳи тараққиёти худро соҳиб гардида тавонист. Чунин тағйиротҳои мусбии мавриди назар рӯҳи халқи хушмандро барои анҷоми корҳои аз ин ҳам арзишмандтар боло бардошт.

Аз ҷумла, тасмимгириҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ дар самти таъмини истиқлолияти энергетикӣ: дар доираи "Барномаи дарозмуддати бунёди силсилаи нерӯгоҳҳои хурди барқӣ дар давраи солҳои 2009-2020" нерӯгоҳҳои барқи обии "Сангтӯда-1", "Сангтӯда-2", хатҳои баландшиддати интиқоли нерӯи барқи Ҷануб-Шимол, Лолазор-Хатлон, Лолазор-Сангтӯда-1, 2, хатти 500 киловолтаи Ҷануб-Шимол ва дар пойгоҳи асосии он насб гардидани трансформатори дуюм, ба кор дароварда шудани чархаи якуму дуюми НБО Роғун ва даҳҳо чунин иншоотҳои хурд дар манотиқи кишвар.

Дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ: Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2019 ба Маҷлиси Олии ҶТ қайд карданд, ки дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумат ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ се баробар зиёд гардид, яъне аз 7,4 миллиард сомонии соли 2000 ба 21,3 миллиард сомонӣ дар соли 2018 расонида шуда, содироти маҳсулоти соҳа мунтазам афзоиш ёфта истодааст.

Дар самти аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ ёфтан: дар ин давра бо нерӯи муттаҳидкунандаи миллию рӯҳияи бузурги давлатсозӣ нақбҳои автомобилгарди Шаҳристон, Шаршар, Истиқлол, роҳи оҳани Қӯрғонтеппа-Кӯлоб, қитъаҳои алоҳидаи роҳҳои мошингарди Душанбе-Хоруғ-Мурғоб, Душанбе-Рашт-Саритош, роҳи байналмилалии мошингарди Душанбе-Хуҷанд-Чанак мавриди истифода қарор гирифтанд. Ин



**Умедҷон ҒАНИЗОДА**
**асистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ**

воқеан як қаҳрамонии бемисл буд. Ба ҳамин васила, тавре дар боло зикр ёфт, кишварамон ба ҳадди ниҳоии иҷрои ҳадафҳои стратегии давлат – амнияти озуқаворӣ, истиқлолияти энергетикӣ ва аз бунбасти коммуникатсионӣ баромадан омада расид.

# САРМОЯИ БЕБАДАЛИ МИЛЛАТ



**Ёқубҷон ФАЙЗУЛЛОЗОДА**
**донишҷӯи соли 4**

Бисту нӯҳ сол муқаддам яъне 9-уми сентябри соли 1991 муҳимтарин воқеаи таърихӣ дар сарнавишти миллати тоҷик ба вуҷуд омад. Дар ин рӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибистиқлол эълон гардид, ки ин санаи таърихсоз ҳамасола дар Тоҷикистон бо шукӯҳу шаҳомати хоса ҷашн гирифта мешавад.

Даврони истиқлолият барои мо рамзи олии ватану ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкори пайгиронаи созанда, азму талошҳои фидокоронаи расидан ба истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро омӯзонда, меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таҳким бахшид ва дар як вақт ҳаёти озодонаи ҳар фард ва бахту саодати воқеии миллатро таъмин намуд.

Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ Тоҷикистонро ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявӣ эътироф кардааст ва ба мақоми он арҷ мегузорад ва ташаббусҳои созандаашро ба хотири ҳаллу фасли масоили мушкилоти гуногун дастгирӣ менамояд.

Мо бояд аз ин миллат ва кишвари соҳибистиқлоламон бифахрему шарафу шӯҳрати пешинаву имрӯзаи миллати худро ҳифз намуда, Ватанро аз ин бештар ободтару зеботар гардонем.

**Шарофат МУМИНЗОДА**
**донишҷӯи соли 3**



Истиқлолияти давлатӣ неъмати бебаҳост ва барои бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона дар ҷомеаи тоҷикон заминаи мусоид фароҳам овард. Ин неъмати бузург баробари ба даст овардан нуру зиё, меҳру вафо, ободию озодӣ, ҳамфикрию ҳамзистӣ ва осоиштагиро ба мардуми бузурги тоҷик овардааст. Маҳз даврони истиқлолият барои мо имкони воқеӣ фароҳам овард, ки роҳи имрӯзуояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯи ҷомеаи демократӣ интихоб намоем. Истиқлолият барои мо мардуми тоҷик нишонаи барҷастаи пойдории давлат, бақои симои миллат, рамзи асолату ҳувият, идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибихтиёр мебошад. Маҳз самараи неки истиқлолият аст, ки имрӯз Тоҷикистони азизамон дар дунё ҳамчун давлати сулҳхоҳу сулҳпарвар шинохта шудааст. Имрӯз таҷрибаи сулҳи тоҷикон манбаи омӯзиши сулҳхоҳонаи ҷаҳон гашт, ки ин боиси ифтихори ҳар як тоҷику тоҷикистонист.

**Сарвиноз ЁҚУБОВА**
**донишҷӯи соли 3**



Истиқлол рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду мутамаддини халқи тоҷик аст, ки номаи тақдирашро ба дасти хеш навишта, роҳу равиши хосса ва мақому мавқеи муносибро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо кард ва набзи давлату миллати моро ба набзи сайёра ҳамсадо месозад.

Гарчанде бархе аз номуродон сараввал чун душманони қаттоли ин сарзамини афсонавӣ тобу тоқати ин рӯйдоди бузурги таърихиро накарда миллати баруманди тоҷикро ба ҳамдигар иғво андохтанд, ҷангҳои бародаркуш ташкил намуданд, мардуми ин сарзаминро муҳоҷир гардониданд, мавзеъҳоро вайрон карданду тифлаконро бесаробон гардониданд, аммо ба муроди дили пуркинашон нарасиданд. Зеро ин миллати бузургро марди саховатманду дунёдида, ҷаҳондону дарёдил, бохираду неккадам Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбаладӣ мекунад. Бо мурури замон ҳама душвориҳо азиятҳо паси сар гаштанду давлат орому миллат дилшод гардид.

Бо паси сар кардани монеаву душвориҳои зиёд миллати тоҷикро имрӯз тамоми мамлакатҳои ҷаҳон мешиносанд ва чун милати бузург эътироф мекунанд.

**Абубакр САИДОВ**
**донишҷӯи соли 3**

Баъд аз он ҳама тазодҳое, ки таърих барои мо равшан намудааст, ҷомеаи ҷаҳон шоҳиди он гашт, ки чи гуна як давлате, ки дар вартаи нобуд шудану порча-порча гаштан қарор дошт, соҳиби истиқлол гашт. Ин пайомад кори сахлу осон набуд. Истиқлолият натиҷаи ҷонбозиҳою талошҳои шабонарӯзии абармардони некноми зиндаёди ин ватан аст.

Дар даврони истиқлолият нерӯгоҳҳои хурду бузурги барқи сохта шуданд, яке аз онҳо НБО Роғун мебошад, ки агрегатҳои он як-як ба истифода дода шуда истодаанд, ки ин бозгӯи расидан ба истиқлолияти энергетикии кишвар аст. Баъди ба даст овардани Истиқлолият ҶТ сиёсати «дарҳои кушод»-ро пеша кард, ки ин самараи хубе ба бор овард. Давлатҳо Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибихтиёр шинохтанд, муносибатҳои дипломатиро дар сатҳи олӣ ба роҳ монданд. Кишвари мо ҳамчун давлати амну сулҳ шинохта шуда, ба маркази гузаронидани ҷорабиниҳои сатҳи олӣ табдил ёфт. Минҷумла, дохил гардидани Тоҷикистон ба созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ва ташаббускории пешгирии проблемаҳои глобалӣ, аз ҷумла пешниҳодҳо дар масъалаҳои «оби тоза», «пешгирии терроризму экстремизм», «қочоқи маводи мухаддир», «пешгирии харидуфурӯши одам» ва дигар проблемаҳо, ин ҳама самараи Истиқлолият аст.

Аз фурсати муносиб истифода бурда, ҳама устодон, ҳамсабақон ва кулли мардуми шарифи Тоҷикистонро ба муносибати 29-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ табрику таҳният намуда, ба онҳо саломатӣ ва бурдбориҳо хоҳонам.

**Таҳияи**
**Миралӣ СОБИР**



# ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА ОЗОДӢ



**Маҳбуба АБДУРАҲМОНОВА**
**донишҷӯи соли 2**

**Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурарзиштарин дастоварди давлату миллати тоҷик аст, ки 29 сол муқаддам миллати сарбаланди тоҷик ба он шарафёб гардидааст. Истиқлолият барои мо рамзи олии Ватану ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкорҳои пайгиронаи созандагӣ, азму талошҳои фидокоронаи расидан ба истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро омӯзонда, меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таҳким бахшид ва дар як вақт ҳаёти озодонаи ҳар фард ва олитарин дараҷаи бахту саодати воқеии миллатро таъмин намуд. Истиқлолият нишонаи барҷастаи пойдории давлат, бақои симои миллат, рамзи асолату ҳувият, идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад. Тамоми сокинони кишвари озоду ободи мо имрӯз ифтихор доранд, ки 29 сол қабл аз ин нахустин хиштҳои пойдевори истиқлолияти воқеӣ ва давлатдории миллии худро ниҳода, аз шарофати мустақилият соҳиби рамзҳои давлатӣ – Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ гардидем. Самараи неки истиқлол аст, ки имрӯз Тоҷикистон дар дунё чун давлати сулҳхоҳу сулҳпарвар шинохта шудааст.**

Истиқлолият чун рамзи озодию ягонагӣ ба мо тамоми имкониятхоро фароҳам оварда, он чун хуршеди дурахшон роҳи ояндаи моро нуру зиё бахшид ва баҳри амалӣ намудани ҳадафу мақсадҳои накӯ неруи тозаро эҳдо сохт. Маҳз бо пайки ин неъмати бебаҳо имрӯз кишвари моро дар арсаи байналмилалӣ мешиносанду ба тамоми дастовард ва фарҳангу тамаддуни гузаштаи мо арҷ мегузоранд.

Воқеан, дар баробари дигар муқаддасот Истиқлолият низ яке аз арзишҳое волое мебошад, ки бо ба даст оварданаш тамоми ҳастии миллии мо аз нав эҳё гардид. Имсол Истиқлолияти кишвари мо 29-сола гардид, ки чун ҷавони матину устувор сӯи фардои дурахшон равон асту моро ҳам бо худ бурда истодааст. Ин неъмати бузург бо пайки хеш нуру зиё, меҳру вафо, ободию озодӣ, ҳамфикрию ҳамзистӣ ва осоиштагиву абадиятро ба Тоҷикистони азиз




овардааст. Моро лозим аст, то баҳри пойдорӣ ва таҳкими он фаъолияти худро ба роҳ монда, саҳми арзандаи хешро дар рушду нумӯи кишвари азизамон гузорем.

Мо ҷавонон, ки қишриояндасози кишвар ба ҳисоб меравем, дар замони соҳибистиқлолӣ ҳама чун як тану як ҷон пайи илму донишанду имрӯз ҳар яке дар самти хеш муваффақем. Маҳз бо шарофати Истиқлолият баҳри илмомӯзии ҷавонон тамоми шароитҳо муҳайё гардид. Ин аст, ки ҷавонон имрӯз ҷиҳати аз бар намудани илму донишҳои гуногуни мувофиқ ба талаботи замон дар донишгоҳу донишкадаҳои олии кишвар таҳсил намуда, баъзеи дигар дар муассисаву донишкадаҳои бонуфузи кишварҳои хориҷ таҳсили илм менамоянд.

Ҷавонони мо имрӯз дарк намудаанд, ки роҳи ягонаи амалӣ намудани мақсадҳои накӯ, пайдо намудани мавқеи худ дар ҷомеа ва саҳм гузоштан дар рушди минбаъдаи кишвар маҳз танҳо тавассути омӯхтани илму дониш ва аз бар намудани касбу ҳунарҳои гуногун муяссар мегардад.

Имрӯз ба кадом соҳае назар накунем, дар баробари дигар қишри ҷомеа ҷавонон низ бо дасту дили гарм паи кору пайкоранд ва содиқонаву софдилона фаъолият бурда истодаанд. Аз ҷаҳду талош ва фаъолияти намунавии онҳо эҳсос мегардад, ки ин қишриояндасози ҷомеа дар зери ливои Истиқлолияту Ваҳдат бо боварии комил ба сӯи фардои дурахшон қадамҳои устувор мегузоранд.

Имрӯз кишвари мо роҳи мустақили инкишофи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву маънавиро пеш гирифта, ба аслҳои озодии сухан, виҷдон ва гуногунандешӣ, ки аз ҷумлаи асосҳои давлати демократӣ мебошанд, таваҷҷуҳ менамояд.

Дар ҳақиқат, имрӯз дар фазои Истиқлолият ва сулҳу субот кулли ҷомеа сарбаландона ҳаёт ба сар мебаранд. Аз оромию осудагӣ шоирон шеъри сулҳ мегӯянду мусаввирон расми муҳаббат ва садоқат тасвир менамоянд ва ҳунармандон суруди сулҳу ваҳдат месароянд.

**ҲАМИН АСТ,**
**ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА ОЗОДӢ!.**

